# РОҲНАМОИ ОМӮЗГОР
# АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ
## (МАРҲАЛАИ ТАЪЛИМИ САВОД ВА ИНКИШОФИ НУТҚ)

барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2016**

**ББК Я2 81.2 (2тоҷик)+74.261.4 Я72 Р-84**
**К-90**

**К-90.** М. Зиёев**. Роҳнамои омӯзгор аз фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ).** Душанбе, «Маориф», 2016. 204 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-389-9**
**© «Маориф», 2016**

# Мундариҷа

Муқаддима ........ 6
Стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум........ 8
I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) ........ 8
1.1. Мафҳумҳои асосии фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)........ 8
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) дар синфи якум ........ 9
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) дар синфи якум........ 9
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) ........ 10
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) ........ 11
II. Салоҳиятҳои фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум ........ 13
2.1. Салоҳиятҳои хондан, навиштан, гуфтану шунидан ........ 13
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан, навиштан, шунидан ва гуфтан........ 15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ........ 17
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо........ 17
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ........ 18
III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум........ 19
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан........ 19
3.2. Асосҳои таълими самаранок........ 20
3.3. Ташаккули малакаҳои фикрронии дараҷаи баланд........ 20
3.4. Алоқаи байнифаннӣ........ 211
3.5. Стратегияҳои таълими фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) дар синфи якум........ 21
3.5.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан........ 21
3.5.2. Омӯзиши луғат........ 22
3.5.3. Таълими хониши равон ва бурро ........ 23
3.5.4. Таълими хониши бошуурона........ 25
3.5.5. Таълими маҳорати навиштан ........ 28
IV. Арзёбӣ........ 29
4.1. Арзёбии салоҳиятҳои хондан........ 29
4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои хондан........ 29
4.2.1. Санҷидани шинохти ҳарфҳо ........ 29
4.2.2. Санҷидани хониши калимаҳои шинос ........ 29
4.2.3. Ба тарзи хониши хонандагон гӯш додан........ 30
4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои хондан........ 30
4.3.1.Санҷидани суръати хониш ........ 30

4.4. Арзёбии салоҳиятҳои навиштан ........ 30
4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои навиштан ........ 30
4.4.2. Воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои навиштан ........ 30
4.5. Арзёбии салоҳиятҳои гӯш кардан ........ 301
4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи гӯш кардан ........ 31
4.5.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гӯш кардан ........ 32
4.6. Арзёбии салоҳиятҳои гуфтан ........ 32
4.6.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гуфтан ........ 32
4.6.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан ........ 32
БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ (МАРҲАЛАИ ТАЪЛИМИ САВОД ВА ИНКИШОФИ НУТҚ) БАРОИ СИНФИ ЯКУМ ........ 33
Нақшаи корӣ аз фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) ........ 33
Фасли I. Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ ........ 34
1. Давраи тоалифбо – 20 соат ........ 34
Дарсҳои 1-2. Салом, мактаб! – 2 соат ........ 34
Дарсҳои 3-4. «Алифбо»-китоби аввалини мо. Шиносоӣ бо воситаҳои хатнависӣ –2 соат ........ 35
Дарсҳои 5-6. Мактаб хонаи дуюми мост! Шиносоӣ бо раххои дафтар – 2 соат ........ 36
Дарсҳои 7-8. Бо қоидаҳои хондан ва навиштан шинос мешавем – 2 соат ........ 37
Дарсҳои 9-10. Зинда бош, эй Ватан! Ҷумла. Хатҳои рости хурд – 2 соат ........ 378
Дарсҳои 11-12. Тоҷикистон воҳаҳои босафо дорад базеб. Ҷумла. Хатҳои рости калон – 2 соат.40
Дарсҳои 13-14. Мо ҳам қаҳрамон мешавем! Хатҳои чангакшакл – 2 соат ........ 42
Дарсҳои 15-16. Китобҳои шавқовар. Калима. Хатҳои думчадор – 2 соат ........ 43
Дарсҳои 17-18. Дар олами афсона. Ҳиҷо. Хатҳои думчадор – 2 соат ........ 45
Дарсҳои 19-20. Ин садои чист? Садо ва овоз. Овозҳои садонок ва ҳамсадо. Хатҳои доирашакл 2 соат ........ 47
Фасли 2. «Давраи Алифбо» 130 соат ........ 49
Дарсҳои 1-2. Овоз ва ҳарфи Оо – 2 соат ........ 49
Дарсҳои 3-4. Овоз ва ҳарфи Аа – 2 соат ........ 50
Дарсҳои 5-6. Овоз ва ҳарфи Лл - 2 соат ........ 53
Дарсҳои 7-10. Овоз ва ҳарфи Нн – 4 соат ........ 56
Дарсҳои 11-14. Овоз ва ҳарфи Мм – 4 соат ........ 59
Дарсҳои 15-18. Овоз ва ҳарфи Рр – 4 соат ........ 62
Дарсҳои 19-22. Овоз ва ҳарфи Шш – 4 соат ........ 66
Дарсҳои 23-26. Овоз ва ҳарфи Хх - 4 соат ........ 70
Дарсҳои 27-30. Овоз ва ҳарфи Уу - 4 соат ........ 74
Дарсҳои 31-34. Овоз ва ҳарфи Ӯӯ - 4 соат ........ 78
Дарсҳои 35-38. Овоз ва ҳарфи Сс - 4 соат ........ 81
Дарсҳои 39-42. Овоз ва ҳарфи Зз - 4 соат ........ 84
Дарсҳои 43-46. Овоз ва ҳарфи Ии - 4 соат ........ 87
Дарсҳои 47-50. Овоз ва ҳарфи Кк - 4 соат ........ 90
Дарсҳои 51- 54. Овоз ва ҳарфи Вв - 4 соат ........ 93

Дарсҳои 55-58. Овоз ва ҳарфи Дд - 4 соат ... 96
Дарсҳои 59-62. Овоз ва ҳарфи Гг - 4 соат ... 100
Дарсҳои 63-66. Овоз ва ҳарфи Пп - 4 соат ... 103
Дарсҳои 67-68. Арзёбии дониш ва малакаву маҳорати хонандагон - 2 соат ... 107
Дарсҳои 69-72. Овоз ва ҳарфи Тт - 4 соат. ... 107
Дарсҳои 73-76. Овоз ва ҳарфи Бб - 4 соат. ... 112
Дарсҳои 77-80. Ҳарфи Ее - 4 соат. ... 117
Дарсҳои 81-82. Овоз ва ҳарфи Фф - 2 соат ... 121
Дарсҳои 83-86. Овоз ва ҳарфи Ғғ - 4 соат . ... 125
Дарсҳои 87-90. Овоз ва ҳарфи Ққ - 4 соат. ... 130
Дарсҳои 91-94. Овоз ва ҳарфи Чч - 4 соат ... 136
Дарсҳои 95-98. Овоз ва ҳарфи Ҷҷ - 4 соат ... 141
Дарсҳои 99-100. Овоз ва ҳарфи Ээ - 2 соат. ... 146
Дарсҳои 101-104. Овоз ва ҳарфи ӣ - 4 соат ... 149
Дарсҳои 105-108. Овоз ва ҳарфи Ҳҳ - 4 соат ... 154
Дарсҳои 109-110. Овоз ва ҳарфи Йй -2 соат. ... 158
Дарсҳои 111-114. Ҳарфи Ёё - 4 соат . ... 160
Дарсҳои 115-118. Ҳарфи Яя - 4 соат ... 164
Дарсҳои 119-122. Ҳарфи Юю - 4 соат. ... 168
Дарсҳои 123-126. Овоз ва ҳарфи Жж - 4 соат ... 172
Дарсҳои 127-128. Ҳарфи ъ (сакта) - 2 соат. ... 176
Дарсҳои 129-130. Ҷамъбаст ва натиҷагирии давраи «Алифбо» -2 соат. ... 178
III. ДАВРАИ БАЪДИ АЛИФБО (10 соат) ... 180
Дарсҳои 1-2. Матни «Фирӯз» -2 соат ... 180
Дарси 3. «Ман «Алифбо» мехонам» -1 соат ... 185
Дарси 4. «Китоби хоно»-1 соат ... 187
Дарсҳои 5-6- «Афлесун ва себ»-2 соат ... 188
Дарсҳои 7-8. «Муаллим» -2 соат ... 192
Дарсҳои 9-10. «Мӯри боҳиммат»-2 соат ... 194
Замима ... 199
Адабиёт ... 202

Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин бобат ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши муҳим мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (соли 2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст. Стандарти фанни "Забони модарӣ" (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум аз ҷумлаи онҳост. Вазорат натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни забони модарӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими "Алифбо"-ро дар синфи якум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон собит месозад, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифодаи донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо муҳассилин бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ намуда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста мебошад. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фан;
- муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (Мо ба тавсия ва маслиҳатҳои Шумо ниёз дорем);
- таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

## Стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум

## I. Мазмун ва мундаричаи стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум

### 1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика –** соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Иттиҳодияи методӣ –** яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ –** машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар Марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Мақсади таълим**– банақшагирии пешакии натиҷаҳои фаъолияти таълим, натиҷаҳои чашмдошт .

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро донista иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ –** фаъолияти пай дар пай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим –** ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** –нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю. кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳост.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, омӯхтани дониш аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои саводнокии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки хондан, навиштан ва мазмуни ягон матни одиро баён карда метавонад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фан ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлил** – яке аз усули таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

### 1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) дар синфи якум

Стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои хонандагони синфи 1 дар асоси Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №145 тасдик шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)

Доираи татбиқи стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин мутахассисони зинаи

таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, бобати банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, махсусан шуъба - кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои хонандагони синфи якум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синф гузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум

Стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи якум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

диққат додан ба қобилияти фардии хонанда.

Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

***Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар хонандагон:***

- *дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;*
- *мақсаду вазифаҳои таълимии гузоштаушударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;*
- *раванди азхудкунии маводди таълим барои онҳо шавқовар ва ҷолиб бошад;*
- *барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;*
- *ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъул бошанд;*

- *омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;*
- *ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;*
- *раванди таълим ба "чӣ тавр фикр кардан" равона гардад, на ба "оид ба чӣ фикр кардан";*
- *ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;*
- *нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.*

– ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон. Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгор бояд ба ҳама новобаста аз рӯйи хислат баробар диққат диҳад, ёрӣ расонад ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намояд.

– ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

– инкишофи арзишҳо. Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

– алоқамандии таълим бо ҳаёт. Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ваояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ бо мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

– омӯзиш дар тӯли ҳаёт. Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

– ташаккули малакаи баланди фикррони. Ҳадафи ниҳоии раванди таълим ташаккули малакаи баланди фикррони мебошад.

– арзёбӣ ба мақсади таълим. Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди онро самараноктар гардонем.

**1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)**

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) дар синфи якум:

– муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи якум аз саводомӯзӣ;

– ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ);

– муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) мувофиқи талаботи забономӯзӣ ва мувофиқат ба инкишофи синну солии хонандагони синфи якум.

– мазмун, мундарича ва фаъолиятҳои таълим барои аз ташаккули салоҳиятнокии равонашуда, байни онҳо робитаи мустаҳкам барқарор гардонида шавад;
– бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
– бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ), стандарти мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, бояд ӯро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим ҳидоят намояд;
– мазмуну мундарича ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд.

Фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои синфи 1 дар нақшаи таълими асосӣ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои «Филологӣ» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсили зинаи ибтидоӣ 160 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| 1 | 16 | 10 | 160 |

Таълими савод заминаи асосии рушди маърифатнокии шахс ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра хонандагон тавассути омӯхтани хондану навиштан қадамҳои аввалро барои саводнок шудан мегузоранд. Сатҳи саводнокӣ дар ин марҳила дар рушду нумӯи маърифатӣ, хештаншиносӣ, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонанда нақши асосиро мебозад.

Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ маҳаки асосии таълим дар мактаб аст. Самаранокии тамоми ҷараёни таълими синфҳои ибтидоӣ аз дуруст ба роҳ мондани таълими ин марҳала вобаста аст. Зеро дар ин марҳала хонанда барои дарёфти дониш, малака ва маҳорату салоҳиятҳои ҳаётӣ қадамҳои аввалин мегузорад.

Марҳалаи таълими савод ба се давра тақсим мешавад:

1) Давраи тоалифбо (омодагӣ)
2) Давраи алифбо
3) Давраи баъди алифбо

***Давраи тоалифбо (омодагӣ)***

Мазмуни давраи тоалифбо аз унсурҳои зерин иборат аст:
– шиносоии хонандагон бо мактаб, дарсхона ва ҳамсинфон, шиносоӣ бо қоидаҳои рафтор дар дарсхона ва мактаб;
– хонандагон бо ашёи хониш шинос мешаванд ва бо онҳо эҳтиёткорона муносибат карданро меомӯзанд;
– хонандагон бо китоб ва тарзи истифодаи он, ашёи хатнависӣ, тарзи доштани ручка, гузоштани дафтарро меомӯзанд. Раххои дафтар (калон ва хурд)-ро фарқ мекунанд;
– хонандагон дар ин давра бо унсурҳои нутқ шинос шуда, бо нақшаи ҷумла, калима, ҳиҷо ва овозҳо амалан кор мебаранд, ба садо ва овозҳои гуногун тақлид мекунанд;
– унсурҳои асосии ҳарф (хурд, калон, рост, давра, нимдавра, моил, боло, поён, ҳаҷм ва васлшавии ҳарфро дар рахи дафтар машқ мекунанд;
– тавассути суҳбат аз рӯйи расмҳо захираи луғавии худро ғанӣ гардонда, бо забони адабӣ сухан карданро меомӯзанд.

***Давраи алифбо***

Давраи алифбо омӯзиши ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ: хурду калон, чопӣ ва дастнависро пешниҳод мекунад. Хонандагон баробари омӯзиши овозу ҳарфҳо овозҳои садонок

ва ҳамсадоро фарқ мекунанд. Омӯзиши ҳарфҳо тавассути методи таҳлили овозӣ ва ҳарфӣ сурат мегирад. Таълими алифбо дар аввал хониши дурусту равони ҳиҷоии калимаҳо, батадриҷ гузаштан ба хониши калимаҳои бутун ва хониши матнҳои хурдро талаб мекунад. Дар баробари хондан талабагон маҳорати васл кардани ҳарфҳо бо ҳамдигар, ҷудо навиштани калимаҳои ҷумла, рӯйнависи калима ва ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна машқ мекунанд. Аз нимаи дуюми омӯзиши алифбо сар карда, хонандагон дар аввали ҷумлаҳо ва номи одамону лақаби ҳайвонҳо навиштани ҳарфи калон ва дар охири ҷумла гузоштани аломати китобатро меомӯзанд. Аз рӯйи расм сухбатҳо карда, оид ба ҳарфҳо чистону тезгӯякҳо ва шеърҳои хурдро аз ёд мекунанд.

***Давраи баъди алифбо***

Асоси давраи баъди алифборо хониши равон, шууронаи ҳикоя, афсона, шеър, чистон, машқи навиштани калимаву ҷумлаҳои хурд ташкил медиҳад. Хонандагон аз рӯйи расм ва мазмуни китоб ба саволҳо ҷавоб доданро меомӯзанд. Бо ёрии омӯзгор симоҳои матнро муайян карда, ба гуфтор ва рафтори онҳо баҳо медиҳанд. Дар аввали ҷумла, номи одамон, лақаби ҳайвонот, номи деҳаҳо ва шаҳрҳо ҳарфи калон навиштанро меомӯзанд. Ба саволҳои Кӣ? Чӣ? Чӣ кор мекунад? Чӣ хел? ҷавоб дода, калимаро ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунанд.

## II. Салоҳиятҳои фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)

Ин фасли стандарти фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ ) барои синфи якум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати зинавии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълим гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули зинавӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

### 2.1. Марҳалаи таълими савод

Салоҳиятҳои гӯш кардан (шунидан)

А. 1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

Салоҳиятҳои гуфтан

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

Салоҳиятҳои хондан

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд.

Салоҳиятҳои навиштан
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.
А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан ва хондану навиштан

| Синфи 1 (Марҳалаи таълими савод) |
| --- |
| **Салоҳиятҳои гӯш кардан** |
| **А. 1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– суханони гӯянда (ҳамсинфон, суҳбат аз рӯйи расмҳо) омӯзгор)-ро бодиққат гӯш мекунад;<br>– ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ мекунад;<br>– фикрҳое, ки ба гӯш кардан халал мерасонад, ба як сӯ мегузорад;<br>– қоматро рост ва озод нигоҳ медорад. |
| **А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>овозҳои аввал, мобайн ва охири калимаҳои як-дуҳиҷодорро муайян мекунад;<br>калимаҳои содаи шиносро бо тарзи навишт мувофиқ мегузорад;<br>калимаҳои содаи шиносро навишта метавонад;<br>шеър, суруд ва тезгӯякҳои хурдро дуруст такрор мекунад;<br>луғати дар нутқ шунидаро ҳангоми гуфтор истифода мебарад;<br>ба маънои саволҳои одитарин сарфаҳм рафта, ҷавоби мувофиқ медиҳад. |
| **А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон) ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– дастурҳои шифоҳии якамаларо иҷро мекунад;<br>– ба саволҳои одӣ ҷавоб дода метавонад;<br>– мазмуни суханони гӯяндаро бозгӯйӣ карда метавонад. |
| **Салоҳиятҳои гуфтан** |
| **А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>–овозҳои забони тоҷикиро дуруст талаффуз мекунад;<br>–ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён мекунад;<br>– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад;<br>–одоби моширатро ҳангоми салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ риоя карда метавонад;<br>–дар суҳбатҳо бонавбат сухан мегӯяд;<br>–ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром мекунад;<br>–наҳаросида, бо боварӣ сухан мегӯяд. |
| **А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ҳангоми гуфтор имову ишораҳои одитаринро истифода мебарад;<br>–дар вазъиятҳои маҳдуд суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда метавонад. |
| **А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:* |

| |
|---|
| – хусусиятҳои одӣ (шакл, ранг, андоза,миқдор)-и ашёро тасвир ва муқоиса карда метавонад;<br>– дар бораи расмҳо ё ҳикояҳо ба саволҳо ҷавоб медиҳад;<br>– ба ҳамсинфон дар бораи ашёи дӯстдоштааш (бозичаҳо, ҳайвони дӯстдоштааш) саволу ҷавоб мекунад;<br>– симоҳои афсона ё ҳикояҳоеро, ки ба ӯ нақл кардаанд, бозӣ мекунад;<br>– дар бораи расми кашида, ё матни хондааш нақл мекунад;<br>– дар тартиб додани қоидаҳои рафтор дар дарс иштирок мекунад;<br>– ба мақсади чизеро пурсидан, қонеъ кардани ҳисси кунҷкобии худ саволҳои навъи “Чӣ?”, “Кӣ?” “Кай?”, “Чӣ хел? “Дар куҷо?” медиҳад. |
| Салоҳиятҳои хондан |
| **А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– муқова, сарварақ ва мундариҷаи китобро нишон дода метавонад;<br>– қоидаҳои самти хондан (аз чап ба рост, аз боло ба поён, аз сатр ба сатри дигар гузашта хондан) ва саҳифагардонии китобро нишон дода метавонад;<br>–ҳарфҳои чопӣ, дастнавис, хурду калонро фарқ карда метавонад;<br>– номи ҳарфро аз овоз фарқ мекунад;<br>– ҳарф, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад<br>– калимаҳои як-дуҳиҷодорро яклухт хонда метавонад;<br>– калимаҳои серҳиҷоро ҳиҷоӣ хонда метавонад; |
| **А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– тарзҳои хондан (бо овоз, дунафарӣ, якҷоя)-ро истифода бурда, ҷумлаҳои матнро мехонад;<br>– ҳангоми хондан калимаҳоро пешгӯйӣ карда метавонад;<br>– якҷоя бо аҳли синф ҳамовоз китоб мехонад ва якҷоя хонданро машқ мекунад;<br>– ҳангоми хондан нақши расмро барои пурра кардани мазмуни матн шарҳ медиҳад;<br>– навиштаи худ ва расмҳои калимадорро хонда, нақли кӯтоҳ мекунад;<br>– бо суръати мувофиқ хонда, мазмуни матнро дарк мекунад. |
| **А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– доир ба мазмуни ҷумлаҳои матн ба саволҳо ҷавоб дода метавонад;<br>– мазмуни матни содаро бо суханони худ нақл карда метавонад;<br>– симо(ҳо) ва ашёи матни хеле хурдро муайян мекунад;<br>– гуфтору рафтори симоҳои матнҳои хеле хурдро муайян карда метавонад;<br>– монанди мазмуни ҷумла аз ҳаёт мисол меорад;<br>– мувофиқи хоҳиш дар хондани якҷояи матнҳои гуногун: қофияҳо, ҳикояву афсонаҳо ва дигар маводди ба синну сол мувофиқ иштирок мекунад;<br>– мунтазам ҳарфҳои омӯхтаашро дар воситаҳои гуногун (лавҳаҳо, гӯшаҳо, таблиғот (реклама) ҷустуҷӯ карда мехонад. |
| **Салоҳиятҳои навиштан** |
| **А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– воситаҳои хатнависӣ (дафтар, ручка, қалам)-ро дуруст истифода мебарад;<br>– раҳҳои хурду калон, тарафҳои росту чап, болою поён ва ҳошияи дафтарро нишон дода метавонад;<br>– тартиби навишти унсурҳои ҳарфҳои хурду калон, мавзун, моил (ба рост тахти кунҷи 65°), |

| |
|---|
| қоидаи васлшавии ҳарфҳо, масофаи байни калимаҳо)-ро риоя мекунад;<br>– аввали ҷумларо бо ҳарфи калон менависад;<br>– аввали номи одамонро бо ҳарфи калон менависад;<br>– дар охири ҷумла аломати нуқта мегузорад. |
| **А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ному насаби худ ва ашёи шиносро бе овардани намуна менависад;<br>– ҷумла ва матнҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза менависад. |
| **А. 1.4.3. Фикр(ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ному насаби худ ва ашёи шиносро бе овардани намуна менависад;<br>– ҷумлаеро, ки шифоҳӣ худаш гуфтаасту омӯзгор навиштааст, дуруст рӯйнавис мекунад. |

## 2.3.Салоҳиятҳои тарбиявӣ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

<u>Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.</u>

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | м | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | ✓ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | ✓ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | ✓ | | |
| Тобовар аст | | ✓ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | ✓ | |
| Таҳаммулпазир аст | | ✓ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | ✓ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | ✓ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | ✓ | |
| Фаъол аст | | ✓ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | ✓ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронӣ дорад | | ✓ | |
| Эҷодкор аст | | ✓ | |

Мунтазам
одатан
баъзан

## 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда ( муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки |

| | |
|---|---|
| | вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисноиҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад. (Ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад . |
| Эҷодкор аст | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

### 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣ ба мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон "Хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "Чӣ тавр меомӯзанд?" аз "Ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳият фаъолиятеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳад.

Барои муайян кардани он ки, оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда ба салоҳият ноил шудааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳият қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгор бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монад.

### 3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидае, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас ва дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъул аст.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на аз рӯйи дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. Асосҳои таълими самаранок

Таълим самаранок мегардад, агар хонандагон:

- дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон тахия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ ҳамчун қисми таркибии ҷараёни таълим шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. Ташаккули малакаҳои фикрронӣ

Дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд.

Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули фикрронӣ, равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар диаграммаи зерин мушоҳида карда метавонем.




Фикрронӣ тафаккурро пурра фаро мегирад, ки аз инҳо иборатанд:

- таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
- санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
- таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
- истифодаи усулҳои мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
- таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
- муайян намудани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.[1]

Оид ба фикрронӣ якчанд нуктаро бояд дар хотир гирифт:

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои фикрронӣ арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, системаи арзёбии мо бояд пурра тағйир ёбад.
2. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки малакаи дараҷаи баланди фикрронӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 3.4. Алоқаи байнифаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъӣ буда, вале барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс, дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими босифат мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳияти якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин шакли таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 3.5. Стратегияҳои таълими «Алифбо»

#### 3.5.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муошират бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс ба мақсадҳои гуногун сухан, нақл ва дигар хелҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гӯш кардани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Омӯхтан.

Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи гӯш кардаашро дар хотир нигоҳ медорад[2]. Аз ин лиҳоз, ташаккули малакаи гӯш кардан ба хонандагон имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводи таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи маҳсулнокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:
   - ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
   - фикрҳое, ки гӯш карданро халал мерасонанд ба як тараф гузоштан;
   - ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан;
   - омилҳое, ки ҷараёни гӯш карданро халал мерасонанд, ба монанди садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳамият надодан;
   - ба имову ишораи гӯянда диққат додан.
2) Дар ҳақиқат гӯш карданро нишон додан, яъне:
   - истифода бурдан аз воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат;
   - ҳар сари вақт сар ҷунбондан;
   - табассум кардан ва истифодаи имои мувофиқ;
   - қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан;
   - барои идома додани суҳбат ба суханони гӯянда эзоҳи хурд пешниҳод кардан, ба монанди *ҳа, наход* ва амсоли ин.
3) Ҷавоби мувофиқ додан.

---

[2] http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm

Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо мефаҳмонад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шунаванда ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан, ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад.

- Дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан;
- Ақидаро эҳтиромона пешниҳод кардан;
- Ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.

### 3.5.2. Омӯзиши луғат

Дониши луғавӣ маънои захираи калимаҳоеро дорад, ки тавассути он шахс ба таври самаранок муошират мекунад. Захираи луғавӣ аз ду самт: захираи луғавии нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттӣ иборат аст. Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми гуфтан истифода мебарад ва ҳангоми шунидан дарк мекунад. Захираи луғавии нутқи хаттӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми хондани матн дарк мекунад, ё ҳангоми навиштан истифода мебарад[3].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дониши (захираи) луғавӣ дар омӯхтани малакаи хондан нақши муҳим дорад. Масалан, хонандае, ки акнун малакаи хонданро аз худ мекунад, ҳангоми хондани калимаҳои матн онҳоро ба калимаҳои шунидааш (дониши заминавӣ) алоқаманд намуда, маънои онҳоро дарк мекунад. Масалан, ҳангоми хондани калимаи ***нон*** хонанда аввал овозҳои калимаро муайян карда онро мехонад ва онро бо дониши луғавии шифоҳиаш муқоиса карда, маънии онро муайян менамояд. Хонанда калимаи мазкурро хеле зиёд шунидааст ва дар нутқи шифоҳӣ истифода бурдааст. Ин тартиб бо калимаҳое, ки ба хонандагон шиносанд, осон ба роҳ монда мешавад. Аммо калимаҳое, ки ба хонандагон ношиносанд (эҳтимол, хонандагон ин калимаҳоро ягон маротиба дар нутқи шифоҳӣ истифода набурда ё нашунида бошанд) мураккабтар аст.

Ба омӯхтани луғат бояд диққати махсус дода шавад, зеро:

– на ҳамаи волидон бо фарзандонашон оид ба мавзӯъҳои гуногун суҳбат мекунанд;
– шумораи ками волидон ба фарзандонашон китоб мехонанд;
– захираи луғавии хонандагон хеле маҳдуд буда, доираи маҳдуди мавзӯъҳоро фаро мегирад.

Қобили қайд аст, ки ақидаҳои "дар китобҳо калимаҳои мушкил ва нофаҳмо истифода мешаванд", "хонандагон маънои матнро намефаҳманд, зеро калимаҳо мушкиланд" ва амсоли он барои ташаккул додани захираи луғавии хонандагон монеа намешаванд ва сабаби наомӯхтани луғати нав буда ҳам наметавонад.

Аз ин лиҳоз, дар стандартҳои фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ) ба ин малака диққати махсус дода, аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки захираи луғавии хонандагонро мунтазам бой гардонда, ба онҳо тарзи истифодаи роҳу усулу луғатомӯзиро таълим диҳанд.

Луғат барои хониши бошуурона аҳамияти муҳим дорад. Хонанда агар маънои калимаҳоро надонад, муҳтавои матни хондаашро дарк карда наметавонад. Чун хонандагон ба мутолиаи матнҳои мураккабтар оғоз мекунанд, онҳо бояд маънои калимаҳое, ки намедонанд, аниқ кунанд.

Аз худ кардани луғат бо ду роҳ сурат мегирад: бевосита ва бавосита. Хонандагон маънои аксари калимаҳоро ***бевосита*** тавассути муошírати шифоҳӣ ва хондани матнҳо аз худ мекунанд. Аз ҷумла,

- хонандагони хурдсол маънои калимаҳоро ҳангоми муошират бо одамони дигар, махсусан калонсолон аз худ мекунанд. Ҳангоми муошират хонандагони хурдсол калимаҳои гуногунро мешунаванд ва ин калимаҳоро якчанд маротиба такрор мекунанд. Ҳамон қадар хонандагон муошират намоянд, маънии калимаҳои зиёдро аз худ мекунанд.
- хонандагон ба маънии калимаҳо тариқи аз тарафи калонсолон хондани матн (афсона, ҳикоя ва ғайра) аз худ мекунанд. Аз тарафи калонсолон бо овози баланд хондан дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар шахси мутолиакунанда ҳангоми пайдо шудани луғати мураккаб ист карда, маънои онро шарҳ диҳад ё бо хонандагон онро муҳокима кунад. Инчунин муҳокимаи матн пас аз хондан ба хонандагон имконият медиҳад, ки калимаҳои навро аз худ кунанд ва онро бо дониши мавҷудаи худ муқоиса намоянд.
- хонанандагон маънии калимаҳоро ҳангоми хониши мустақилона бештар аз худ мекунанд. Хонанда ҳар қадар бештар мустақилона хонад, ӯ калимаҳои зиёдро меомӯзад.

---

[3]Аз Put the Reading First. Kindergarten Through Grade 3. National Institute for Literacy//Teaching Literacy, Unified Curriculum for Teacher Training in South Sudan// иқтибос ва мутобиқ гардонида шудааст.

Баъзе калимаҳо бояд **ба воситаи** усул ва роҳу равиши дастрас аз худ карда шаванд. Усулҳои омӯзиши луғат ба хонандагон имконият медиҳанд, ки калимаҳои маънои душворфаҳмро, ки дар нутқи шифоҳӣ қариб истифода намешаванд, дарк кунанд. Таълими бавоситаи луғати матни додашуда ба дарки маънии матн таъсири мусбат мерасонад. Роҳу воситаҳои гуногуни таълими луғат мавҷуданд, ки дар ҷараёни дарс тарзи истифодаи онҳоро ба хонандагон омӯзондан мумкин аст.

- **Таълими луғати мушаххас пеш аз хондани матн.** Таълими луғати нав пеш аз хондани матн ҳам ба дониши луғавӣ ва хониши бошууронаи хонанда таъсири мусбат мерасонад. Тавсия мешавад, ки пеш аз хондани матн омӯзгор калимаҳои душворфаҳм ва мураккаб, вале барои дарки маънӣ ва мавзӯъ аҳамиятноки матнро ба хонандагон омӯзонад. Зеро аз худ кардани калимаҳои асосии мавзӯи матн ба дарки маъно мусоидат мекунад.
- **Машқи тӯлонӣ ва пайдарҳами луғатҳо.** Пӯшида нест, ки машқ ва истифодаи зиёди луғат ба дарки маънӣ ва босалоҳиятона истифода бурдани калимаҳо ёрӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, тавсия мешавад, ки омӯзгорон роҳу усулҳои гуногуни таълими луғатро бо хонандагон машқ кунанд, аз ҷумла тарзи истифодаи луғату фарҳангҳои гуногун, таҳияи луғати тафсирӣ, кроссвордҳои мавзӯӣ, гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯйи хусусияташон (маъноӣ, сарфиву наҳвӣ ва амсоли он), бозиҳои гуногуни таълимӣ (бозии "Бинго", "Майдони муъҷизот" ва ғайра), навиштани ҷумла бо калимаҳои додашуда ва ғайра.
- **Такроран ва муназзам кор кардан бо луғат.** Тавсия мешавад, ки луғати нав дар вазъиятҳои гуногуни гуфтан, гӯш кардан, хондану навиштан мунтазам ва такроран истифода шавад. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро дар хотир гиранд ва бамаврид истифода баранд

### 3.5.3. Таълими хониши равон ва бурро

Хониши равон ва бурро қобилияти дуруст ва босуръат хондани матн аст. Хонандагоне, ки равон ва бурро мехонанд, калимаҳоро ба зудӣ гурӯҳбандӣ карда, маънии матни хондаашонро дарк мекунанд. Онҳое, ки қобилияти хониши равон ва ифоданок доранд, бо овози баланд бедушворӣ мехонанд. Хониши онҳо табиӣ буда, ба суръат ва оҳанги гуфтор мувофиқат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро надоранд, оҳиста ва калима ба калима мехонанд.

Хониши равон ва ифоданок муҳим аст, зеро он байни шинохти калима ва хониши бошуурона ҳамчун пул хизмат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро доранд диққати худро ба маънии матн равона мекунанд, на ба хондани калимаҳои алоҳида. Онҳо байни ақидаҳои дохили матн ва матну дониши заминавии худ алоқа барпо мекунанд. Дигар карда гӯем, хонандаи қобилияти хуби хониши равон ва бурродошта ҳангоми хондан маънои чизи хондаашро дарк мекунад.

Хониши равон ва бурро тадриҷан тавассути машқи зиёд такмил дода мешавад. Дар марҳалаҳои аввали таълими хондан хонандагон хеле оҳиста мехонанд, зеро онҳо акнун ҳарфҳоро мешиносанд, овозҳоро ба ҳамдигар занҷирмонанд пайваст карда, калимаро мехонанд.

Бо вуҷуди он ки хонандагон дар алоҳидагӣ ва ба таври автоматӣ калимаҳоро хонанд ҳам, шояд ҳангоми хондани матн онро равон ва ифоданок хонда натавонанд. Зеро ҳангоми хониши ифоданок хонанда матнро ба қисмҳо ҷудо мекунад. Қисмҳо аз ибораҳо ва ҷумлаҳо иборат буда метавонанд.

Таҳқиқотҳои фаннӣ[4] ду навъи усули таълими хониши равон ва бурроро пешниҳод кардаанд: 1) хониши такрорӣ бо овози баланд тавассути роҳнамоии омӯзгор; 2) хониши мустақилонаи хомӯшона. Ҳар ду усул ба ташаккули малакаи хониши равон ва бурроио хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Аммо усули якум – хониши такрорӣ бо овози баланд бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор назар бо хониши мустақилонаи хомӯшона ба ташаккули малакаи равон ва бурро хондани хонанда таъсири бештар мерасонад.

Такроран якчанд маротиба хондани матн (на камтар аз се маротиба) имконият медиҳад, ки хонанда матнро равон ва бурро хонад. Тавсия мешавад, ки барои машқи хондан бо овози баланд матнҳое интихоб шаванд, ки:

[4]The Research Building Blocks for Teaching Children to read. Put the Reading First. National Institute for Literacy

*аксари калимаҳои матн бояд ба хонанда шинос ва ба дараҷаи хониши мустақилонаи хонанда баробар бошанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон қариб 95 фоизи матнро дуруст хонда метавонанд (1 ғалат дар 20 калима).*

Усули хониши такрорӣ бо овози баланд бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор усули самараноки такмили малакаи хониши равон ва бурроии хонандагон мебошад. Онро метавон тавассути воситаҳои зерин ташкил намуд:

- **Хониши намунавии омӯзгор**. Бо гӯш кардани намунаи хуби хониши равон ва бурро хонандагон тарзи талаффузи овозро, ки ба фаҳмидани матн ёрӣ мерасонад, аз худ мекунанд. Тавсия мешавад, ки омӯзгорон ҳар рӯз ба хонандагон бо овози баланд ҳамчун намуна хонанд. Ҳангоми равон, бурро ва ифоданок хондан омӯзгор ба хонандагон намунаи хуби хонданро намоиш медиҳад. Пас аз хониши намунавӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки матнро бори дигар хонанд. *Тартиб: Омӯзгор матни ба дараҷаи қобилияти хониши хонандагон мувофиқро интихоб мекунад (душвории луғат, мавзӯъ, ҳаҷми матн ба эътибор гирифта мешавад). Ӯ онро ҳамчун намуна ба хонандагон бо овози баланд, равон, бурро ва ифоданок мехонад. Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ (дунафарӣ ва чорнафарӣ) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд.* Вақти барои дарс ҷудошуда ба омӯзгорон имконият намедиҳад, ки ҳамаи хонандагон матнро ба пуррагӣ се ё чор маротиба хонанд. Агар имконият бошад, омӯзгор метавонад аз омӯзгорони дигар (ё калонсолону хонандагони синфҳои болоӣ) хоҳиш кунад, ки дар дарс иштирок карда, тарзи хондани хонандагонро гӯш кунанд.
- **Хониши такрорӣ**. Якчанд маротиба такроран хондани як матн стратегияи хуби ташаккули малакаи хониши равон ва бурроии хонандагон мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд ба хонандагон имконияти зиёди хондани ҳамон як матнро фароҳам оранд. Чунин имкониятро тавассути усулҳои:
  - *хониши дунафарӣ* – яъне як хонанда ба хонандаи дигар бонавбат матнро бо овози баланд мехонад. Хуб мешавад, ки агар яке аз хонандагони ин гурӯҳи дунафара малакаи хубтар дошта бошад. Ин хонанда аввал мехонад ва хонандаи дигар гӯш карда, сипас онро дар навбати худ мехонад.
  - *хониши дастаҷамъона* – хонандагон ба гурӯҳҳои чор-панҷнафара муттаҳид шуда, бонавбат ҳамон як матнро бо овози баланд, равон ва бурро мехонанд. Омӯзгор ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ мерасонад, ё онҳоро раҳнамоӣ мекунад.
  - *хониши калонсол ба хурдсол* – хонанда бо калонсол як ба як мехонад. Шахси калонсол волидайн, омӯзгор ё хонандагони синфҳои болоии мактаб буда метавонанд. Калонсол аввал матнро ба хонанда мехонад ва тарзи дурусти равон ва бурро хонданро мефаҳмонад. Сипас хонанда ҳамин матнро мехонад ва калонсол ба ӯ ёрӣ мерасонад, ғалатҳояшро ислоҳ намуда, ӯро раҳнамоӣ мекунад.
  - *хониши якҷоя (хор[5])* – хонандагон ҳамчун гурӯҳи калон бо омӯзгор якҷоя мехонанд. Барои ин хонандагон бояд матни мехондагиашонро бубинанд, ин матни китоби калонҳаҷм ё дар варақи калон навишташуда буда метавонад. Инчунин омӯзгор ва хонандагон метавонанд матҳои китоби дарсиро якҷоя хонанд. Дар ин ҳолат хонандагон ҳангоми хондан матни китоби дарсиро хат мебаранд. Матн набояд калон бошад. Аксари калимаҳои матн бояд ба хонандагон шинос бошанд.
  - *хониш баробари матни сабтшуда* – хушбахтона, айни замон сабти матнҳои китобҳои дарсӣ тайёр шуда истодаанд. Матнҳо аз тарафи санъаткорони касбӣ равон, бурро ва ифоданок хонда мешаванд. Дар марҳалаи аввали хондан дар баробари гӯш кардани сабти матн хонандагон хат мебаранд. Сипас хонанда баробари сабт матнро мехонад. Хонандагон бояд се – панҷ маротиба матнро

---

[5]Якҷоя ҳамчун усули хор (Хор III. Гурӯҳи сарояндагон, ки якҷоя суруд мехонанд. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Душанбе 2008. WWW.firdavsi.com)

баробари сабт хонанд, ин тартибро на дар як рӯз, балки дар давоми якчанд рӯз иҷро кардан мумкин аст.

- *нақшофарӣ* – хонандагон матнҳои муколамавиро ба нақшҳо ҷудо карда, байни худ тақсим мекунанд ва ба дигарон намоиш медиҳанд.

#### 3.5.4. Таълими хониши бошуурона

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: “Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад”. Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани “қобилият, малака, дониш ва таҷрибаи” шахс ва он матне, ки мехонад, мебошад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими “Алифбо” мебошад. Аз ин лиҳоз, стандарти мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми системаҳои маорифи мамолики дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин арзёбиҳои стандарти байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (PISA, PIRLS, EGRA) мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои иншоро мехонад;
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
- матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонанд;
- ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад;

Дар поён тавсияҳое, ки дар асоси таҳқиқотҳои фаннӣ[6] таҳия шудаанд, пешниҳод мегарданд. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳои (усулҳои) хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияи хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифта буда барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия ин истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикронӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониши бошуурона ба хонанда имконият медиҳад, ки ӯ сатҳи фаҳмишашро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намояд, дониши суст ва номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунад.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонад (ба ҷойи аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стартегияҳоро ба хонандагон омӯзанд.

Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад[7]:

---

[6]Шанаҳан, Т., Коллисон, К., Карриер, К., Дюк, Н., Пиерсон, П.Д., Шатчнейдер, К., ва Торгесен, Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010-4038). Вошингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Гирифта шуд аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides

[7]Барои маълумоти бештар нигаред ба Замимаи 10.

| Стратегияҳои самаранок | Тафсир |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | Хонандагон ба донишҳои мавҷудаи худ дониши аз матни хондааш дарккардаро илова карда, пешгӯйӣ мекунанд, ки дар матн сухан дар бораи чӣ меравад. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ҷонишинҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд, ё не. Онҳо матнро бори дигар мехонанд, ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Баровардани хулоса** | Хонандагон ахборе, ки барои дарки маънии матн заруранд, аммо он дар матн наомадааст ё пурра шарҳ дода нашудааст, муайян мекунанд. |
| **Ҷамъбаст/Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён/тасвир мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шаванд. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст. Яъне хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн хонандагон метавонанд машқҳоеро иҷро намоянд, ки барои муайян кардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣ мерасонанд, сипас оид ба ҳамон матн пешгӯйӣ мекунанд. Инчунин савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, ҳамзамон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамоии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд мегардад.

**Тавсияи 2.** *Хонандагонро тавассути муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагон ва омӯзгор аз саволу ҷавоби рӯякӣ ба саволҳои мантиқиву таҳқиқӣ мегузаранд. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи нисбат ба ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмоиҳои матнро ҳал мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Ӯ тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: "Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳои оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо калимаҳои ғафси сиёҳ оварда мешаванд ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана нигаред, сарлавҳа оид ба "Ғизои оҳувон". Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳувон маълумот медиҳад." Ҳамин тавр, муҳокимаро доир ба матни хондашуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Инчунин омӯзгор метавонад матнро бо овози баланд ба талабагон хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол диҳад, ҳикоя дар бораи чӣ аст, ё ба фикри онҳо, баъд чӣ ҳодиса мешавад. Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои гуногуни фикрронӣба роҳ монед. Ин ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Инчунин барои муҳокима омӯзгор матнеро интихоб мекунад, ки ягон масъалаеро, ки хонандагон шояд ба он розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори симо, оё натиҷаҳои

ҳикоя ба ҳақиқат рост меоянд, ё не, фаро гирад. Пас аз хондан омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё набудан) муттаҳид менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаеро интихоб намоянд, ки фикри онҳоро дастгирӣ мекунад (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ва тахайюлӣ мегардонанд). Барои ба роҳ мондани чараёни мазкур омӯзгор ба хонандагон варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки бо ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

**Тавсияи 3.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи "як ченак барои ҳама" бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводди зиёди хониш, ки хонандагон дар синфҳои минбаъда вомехӯранд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо ба хонандагон матнҳои гуногунро шинос мекунанд, балки боварӣ ҳосил мекунанд, ки матни интихобшуда (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равони хонандагон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқанд. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб карда, малакаи хониши бошууронаи хонандагон тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар стандартҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – бадеӣ ва ахборӣ ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ** ҳикояҳое, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд, ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣ ё ҳақиқие, ки одамон ё симоҳои тахаюлиро фаро мегиранд ва шеърҳо мебошанд. **Матнҳои ахборӣ** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар стандартҳо навъҳои жанрҳоро вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ - матнҳои ҳикоя, афсона ва шеър мебошанд.
- Матнҳои ахборӣ матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳар ду навъи матн (матнҳои бадеӣ ва ахборӣ)-ро истифода баранд. Зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Стандартҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва ахбори бою рангин доранд.*** Ҳикояҳое, ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матнҳои ахборие, ки хуб таҳия шудаанд ва шавқоваранд барои таълими хониши бошуурона хуб мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифат будани матн, ки барои ташаккули малакаи фикрронии интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои ахборӣ)
- Сохтори хуб
- Луғати гуногун ва бой ва услуби хуби баён

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну сол ва қобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон ва на мушкил бошад. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷуданд: муракабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва ташкили матн, равшании қолаб/сохтор) ва муракабии муҳтаво (яъне, то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабиро дар ҳамон як матн фарқ карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд ҳар дуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба онҳо хеле мушкил мегардад. Ҳамин

тавр, матне, ки муҳтавои осон дошта, бо калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошад, дарки чунин матнҳо низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳое, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолиятҳои таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд, ба монанди хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда мувофиқанд. Шавқи хонандагонро ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн метавонад ҳавасмандии онҳоро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯъ ба хонандагон маъқул, ё шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсади гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонад: (1) ташаккул додани малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; (2) ташккул додани дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; (3) ташаккули малакаи онҳо барои иштирок дар муҳокимаронихо оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор барои интихоби матн барои таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 4.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор метавонад фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон барои омӯхтан чӣ тавр ёрӣ мерасонад ва доимо ҳис мекунад, ки хонандаи муваффақ аст, чунон ки худи омӯзгор инро ҳис мекунад. Илова бар ин омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, балки инчунин ба ҳадафҳои калони таълимӣ диққат додан, ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамаррӯза чӣ тавр таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва ба хонандагон барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад,.

Омӯзгор бояд дар ҷараёни дарс ба хондан диққати махсус диҳад. Онҳо метавонанд ба маърази намоиш гузоштани кори хонандагон, тартиб додани қоидаҳои синф, қоидаҳои бехатарӣ ва дастурҳоро ба деворҳои синф овезанд, ё ҳангоми аз як қисми мактаб ба дигар қисми он рафтан овезаҳоро якҷоя хонанд. Омӯзгорон инчунин метавонанд дар синф китобҳое, ки ба доираи фаҳмиши хонандагон мувофиқанд, гузоранд. Масалан, марказҳои хониш ё китобхонаи синфро, ки ба таври ҷолиб оро дода шуда, мавзӯъҳои гуногуни ба шавқу завқи хонандагон мувофиқро тасвир мекунанд, таъсис дода шаванд.

Инчунин омӯзгорон метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути фаъолиятҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд.

**Хулосаи умумӣ**

Омӯзгорон бояд хонандагонро оид ба тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикрронӣ ҳангоми хондан омӯзанд, инчунин ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур хонандагон бояд бо матнҳои сифатнок кор кунанд, матнҳое, ки (аз лиҳози муҳтаво ва сифат) барои фикрронии амиқ мусоидат менамоянд. Бояд қайд кард, ки хонандагон на танҳо стратегияҳои хонишро дуруст истифода баранд, балки бояд аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин лиҳоз, истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъоли муҳтавои матн тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

### 3.5.5. Таълими маҳорати навиштан

Дар стандарти мазкур як қатор салоҳиятҳои навиштан муайян шудаанд. Дар ҷараёни таълими "Алифбо" диққати асосӣ ба самтҳои мазкур равона мегардад: шиносоӣ бо воситаҳои хатнависӣ. Гигиенаи хат. Дафтар ва раҳҳои он (раҳҳои хурду калон), тарафҳои росту чап, боло ва поён, тарзи

гузоштани дафтар дар рӯйи миз. Қалам (ручка) ва тарзи доштани он, қаламҳои ранга ва истифодаи онҳо, сарфаю сариштаи воситаҳои хатнависӣ. Машқи унсурҳои асосии ҳарф (хурд, калон, рост, давра, нимдавра, моил, боло, поён, ҳаҷм ва васлшавии ҳарф). Тасвири хатҳои гуногун: кӯтоҳ, дароз, каҷ, рах-рах, хатҳои доира ва нимдоира. Навиштани ҳарфҳои хурду калон, шарҳи унсурҳои ҳарф. Маҳорати васл кардани ҳарфҳо бо ҳамдигар.Ҷудо навиштани калимаҳои ҷумла. Рӯйнависи калима ва ҷумлаҳо аз рӯйи намуна ва муқоиса кардан бо асл. Навиштани 3-4 калима, 1-2 ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумлаҳо ва номи одамон. Гузоштани аломати китобат (нуқта ва савол) дар охири ҷумла. Гузарондани ҳиссаи калима ба сатри дигар. Бозиҳои таълимии навиштан. Имлоҳои таълимии луғат, шунавоию биноӣ, хомӯш аз рӯйи расмҳо, ашё…, имлои графикӣ. Машқи навиштани ҳарфҳо, калима. Ҷудо навиштани калимаҳо дар ҷумла. Машқи имлои ҳарфҳо. Имлои ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали номи одамон, номи деҳаҳо ва шаҳрҳо. Ҳиҷо. Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима. Гурӯҳбандии калимаҳо. Нуқта дар охири ҷумла.

## IV. Арзёбӣ

### 4.1. Арзёбии салоҳиятҳои хондан

Бо назардошти мураккабии малакаи хондан, ки маҷмӯи малакаҳоро фаро мегирад, мо бояд як қатор тартиботи арзёбиро истифода барем. Аммо ин чунин маъно надорад, ки мо наметавонем як қатор салоҳиятҳоро дар як вақт тавассути воситаҳои содаи арзёбӣ санҷем. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда, ки тавассути онҳо мо то кадом андоза хонанда ин ё он фаъолиятро иҷро карда метавонад ё наметавонад, хеле муҳиманд.

### 4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаҳои хондан

**4.2.1. Санҷиши шинохти ҳарфҳо**

Дар синфи якум мо муайян мекунем, ки оё хонандагон ном ва талаффузи овоз ва ҳарфҳои алифборо медонанд, ё не. Барои ин ба хонандагон варақаи ҳарфдорро дода, аз онҳо мепурсем, ки номи ҳарфҳоро гӯянд, ё овозҳоро талаффуз кунанд.

Намуна

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| М | й | Г | ж | Ч | Ч | Н | Қ | Р |
| Л | и | Х | Д | Ҷ | ғ | З | С | К |
| Ҳ | б | о | Я | Т | Ғ | Ю | Ӯ | Ф |
| Н | Ш | а | у | Ю | е | қ | Ҳ | Ж |
| П | в | Б | А | Х | и | ъ | Й | Ё |
| К | М | д | ф | Э | ӯ | Ҷ | Я | Е |

**4.2.2. Санҷиши хониши калимаҳои шинос**

Дар синфи якум хонанда чанд калимаи шинос (маъмул)-ро равон мехонад (яъне на ҳарфакӣ ё бо ҳиҷо). Роҳи осони санҷиш ин гӯш кардани тарзи хондани матн аст. Агар хонанда калимаҳои маъмулро ҳарфакӣ (ххх – ооо – ннн – ааа) хонад, ин маънои онро дорад, ки ин калимаҳо то ҳол ба луғати калимаҳои маъмули онҳо ворид нашудаанд.

Шумо инчунин метавонед якчанд калимаҳои шинос/маъмулро интихоб карда дар варақае нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Тарзи хондани хонандагон аз ҳамдигар фарқ хоҳад кард. Дар ҳолате ки агар хонандагон калимаҳоро хонда натавонанд, онҳоро ба хондани ақаллан даҳ калима дар як рӯз водор намоед.

Намуна

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| модар | олим | сурх | шона | чашма | себ | рӯз |
| лона | пилла | хунук | падар | ҷорӯб | одам | гуворо |
| ҳашт | табар | нон | зебо | девор | гандум | барф |
| наврӯз | машқ | тахта | суруд | бемор | шабнам | жола |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| пахта | нав | бобо | ду | гӯсола | бадан | ёдгор |
| курта | салом | каланд | об | элак | дӯст | ях |
| омӯзгор | уқоб | нома | себ | чил | дил | шарбат |

**4.2.3. Ба тарзи хониши хонандагон гӯш додан**

Вақте ки талабагон ба хондан шурӯъ мекунанд ва малакаи хонишро такмил медиҳанд, яке аз воситаҳои сода, ки шояд шумо аллакай истифода мебаред, ин дар синф давр зада, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки ба шумо матнеро хонанд. Агар шумо ҷадвал ё варақаи бақайдгирӣ дошта бошед, ҳамзамон салоҳияти хонандагонро дар ин бобат санҷида метавонед. Масалан:

Оё, хонанда калимаҳои маъмул ва ба ин синф мувофиқро равон мехонад? (яъне калимаро мебинаду дарҳол мехонад.)

Оё, онҳо пешбинии мантиқии калимаро аз муҳтавои матн барои суръати хониш истифода бурда метавонанд?

Оё хонанда қобилияти бо овози баланд ва бо суръати ба ин синну сол мувофиқ хонданро, ки барои дарки маънӣ мусоидат мекунад, дорад?

### 4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳияти хондан

Баъзе воситаҳои арзёбие, ки дар боло шарҳ дода шудаанд, ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ низ истифода баред. Ҳарчанд мақсади арзёбии ҷамъбастӣ муқоисаи як хонанда ба хонандаи дигар бошад ҳам, то даме, ки рӯйхати калимаҳои шиносро барои ҳар як синф таҳия накунем, воситаи мазкур барои санҷидан мувофиқат намекунад.

Диққат!!! Мо набояд маълумоти аз арзёбии ташаккулдиҳанда ҷамъовардаамонро ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ истифода барем. Маълумотеро истифода барем, ки дар ҷараёни таълим ҷамъ оварда шудааст, на дар анҷоми таҳсил! Масалан, арзёбии оши палав пеш аз пухтанаш ғайриимкон аст!

**4.3.1. Санҷидани суръати хониш**

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, ин дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Усули дигар ин шумораи аниқи калимаҳо ва санҷидани вақте, ки барои хондани онҳо сарф мешавад.

Умуман хуб мешавад, ки дар арзёбии ҷамъбастӣ ба натиҷаи ниҳоӣ диққат диҳем. Барои хондан ин дарки маънии матни хонда мебошад.

## 4.4. Арзёбии салоҳиятҳои навиштан

Навиштан раванди хеле мураккаб буда, малакаҳои махсусро талаб мекунад. Барои ҳамин ба омӯзгорон воситаҳои гуногуни арзёбӣ зарур аст. Дар ин марҳала муайян кардани он ки хонанда чиро метавонад ва чиро не, хеле муҳим аст.

**4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи навиштан**

1) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои навиштан (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд) аст. Барои ин ба хонандагон матни хурде пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Сипас омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.

Намунаи матн:

*Мунира ва Озода аз дарс меомаданд. Пиразане рӯймолчаро афтонд. Духтарон рӯймолчаро ба пиразан доданд. Пиразан хурсанд шуда ба онҳо ташаккур гуфт.*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, таҳти кунҷи 65°) | 1 | 2 | 3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис шудааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳарфи аввали номи одамон калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ** | | | |
| **Ҳамагӣ** | | | |

2) **Санҷиши рӯйнавис кардан**. Рӯйхати калимаҳои шиносро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфҳои *ӯ, ӣ, ъ* ё ҳамсадоҳои такрор асосан ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро рӯйнавис кунанд Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред

**4.4.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии навиштан**

1) Санҷиши рӯйнависӣ

Барои ба роҳ мондани рӯйнависӣ омӯзгорон бояд рӯйхати калимаҳои маъмули синфи якумро таҳия кунанд. Мақсади асосӣ муайян кардани то кадом андоза хонандагони синфи якум калимаҳои шиносро мувофиқи талаботи имлои забони тоҷикӣ дуруст менависанд.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои навиштан омӯзгор кори хонандаро месанҷад ва рӯйхати калимаҳое, ки ғалат навишта шудаанд тартиб дода, аз хонанда хоҳиш мекунад, ки тарзи навиштани калимаҳои мазкурро дар хона машқ кунад. Дар ин ҳолат омӯзгор воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода мебарад.

## 4.5. Арзёбии салоҳиятҳои гӯш кардан

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби баҳампайванд буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтанро тавассути воситаҳои сода санҷида наметавонанд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда басо муҳим аст.

**4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гӯш кардан**

1) Санҷиши малакаи гӯш кардани овозҳо

Дар синфи якум омӯзгорон метавонанд малакаи мазкурро тавассути варақаҳои махсуси санҷишӣ, ки дар онҳо ҳарфҳо навишта шудаанд, санҷида метавонанд. Онҳо овози ҳарфро мегӯянд ва хонандагон ҳарфро нишон медиҳанд.

2) Санҷиши малакаи гӯш кардани калима ва иборaҳо

Дар синфи якум омӯзгорон метавонанд малакаи мазкурро тавассути варақаҳои махсуси санҷишӣ ки дар онҳо калима ва иборaҳо навишта шудаанд санҷида метавонанд. Онҳо калима ё ибораро мехонанд ва хонандагон онҳоро нишон медиҳанд.

3) Санҷиши дарки ахбори шунида

Матнро ба хонанда хонед ва сипас, якчанд савол дода, то кадом андоза хонанда онро дарк кардааст, санҷед. Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахбор, балки дараҷаи фаҳмидану таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд.

Агар дар натиҷаи санҷиш муайян гардад, ки малакаи дарки маънии ахбори шунида то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфта бошад, он гоҳ бо чунин хонандагон дар алоҳидагӣ кор карда, роҳу усули гуногуни инкишофи малакаи гӯш карданро истифода баред.

4) Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану гуфтан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия намоед:

– ҳангоми гуфтор баландии овоз мувофиқ аст;

- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмо ва бо суръати мувофиқ сухан мегӯяд;
- дигаронро бодиққат гӯш мекунад;
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

**4.5.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии гӯш кардан**

Барои арзёбии ҷамъбастии малакаҳои гӯш кардан метавонед аз тавсияҳои банди 4.5.1 истифода кунед.

## 4.6. Арзёбии салоҳиятҳои гуфтан

**4.6.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳияти гуфтан**

1) Санҷиши тарзи талаффузи овозҳо ва калимаҳо

Дар синфи якум тарзи талаффузи овозҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ, махсусан овози /ӯ/ санҷида мешавад. Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва мутаносибан бароиислоҳи онҳо тавсия дода, роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин овозро нишон медиҳад.

2) Санҷиши сарфӣ ва наҳвӣ

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳои дуруст гуфта тавонанд ҳам, омӯзгор ба гуфтори хонандагон аҳамият дода, тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

- тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
- ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолаби наҳви забони тоҷикӣ аст.

3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва баёни фикр шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда фикрашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

**4.6.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан**

Ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбии сарфу наҳв ва луғату пешниҳоди ақидаро истифода баред.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ «ЗАБОНИ МОДАРИ БАРОИ СИНФИ ЯКУМ

### Нақшаи корӣ аз фанни забони модарӣ (Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ)

| Бобҳои таълим | 160 | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Давраи тоалифбо | 20 | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Давраи алифбо | 130 | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Давраи баъди алифбо | 10 | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳафта | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | |

## Фасли I. Марҳалаи таълими савод ва инкишофи нутқ

Раҳнамои мазкур дар заминаи китоби Алифбо (Лутфуллоев М., Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев. «Алифбо». Китоби дарсӣ барои синфи якум.– Душанбе, 2015) таҳия шудааст. Шумо ҳангоми банақшагирии дарсҳо аз китобҳои нашрҳои солҳои 2013, 2014 ва 2016 низ ба таври васеъ истифода баред.

### 1. Давраи тоалифбо–20 соат

### Дарсҳои 1-2. Салом, мактаб! –2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо мактаб. Шинос шудан бо омӯзгор ва ҳамсинфон. Худро шинос кардан. Ҷойи худро ёфтан. Ёфтани шахси ҳамнишин дар як миз. Саёҳат ба мактаб: толор ва майдони варзишӣ, ошхона ва дигар ҷойҳои зарурӣ. Ёфтани дарсхона. Ҷиҳози хониш: ҷузвдон, китоб, қалам, дафтар. Тарзи ҷобаҷогузории ашёи таълим дар ҷузвдон.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- худро муаррифӣ карда, бо ҳамсинфон низ шинос шаванд;
- ному насаби омӯзгори худро гуфта тавонанд;
- ҷойи нишаст ва ҳамнишасти худро донанд;
- қоидаҳои одитарини рафтор дар дарсхона ва мактабро гуфта тавонанд;
- дар нақшофариҳо фаъолона иштирок намоянд.

**Равиши дарс.** Методикаи таълими дар стандарти мазкур пешниҳодшаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, омӯзгорон вобаста ба шароиту имконияти маҳал ва сатҳи омодагии хонандагони худ метавонанд усулу фаъолиятҳои ҷолибе, ки раванди салоҳиятнок гаштани хонандагонро метезонанд, истифода баранд.

1) Рӯзи аввали дарс ба омӯзгорон фаъолиятҳои зерин тавсия мешаванд:
- шинос шудан бо хонандагон ва шиносондани худ;
- шинос кардани хонандагон;
- омӯзондани қоидаҳои нишастан, аз ҷой бархостан, саф оростан;
- қоидаҳои аз рӯйи ҳоҷат иҷозат пурсида берун рафтан ва ба синф баргаштан;
- ба таври умумӣ шинос кардани хонандагон бо қоидаҳои рафтор дар дарсхона ва берун аз он.

*Якуми сентябр барои хонандагони синфи якум ид аст. Омӯзгор дар ҳамин рӯз хонандагону волидайнро пешвоз мегирад. Бо волидайн суҳбат намуда, хонандагонро ба синф дароварда, дар паси мизи синф мешинонад. Аз ҳамин вақт саводомӯзии навомӯз шурӯъ мешавад. Пас аз саволу ҷавоб ба хонандагон мефаҳмонад, ки аз ҳамин рӯз шумо талаба ҳастед ва ба саводомӯзӣ сар мекунед*

2) Бозӣ: «Ҷоятро ёб». Ҳам аз ҷойи худ бархоста назди тахтаи синф меоянд. Бо ишораи ба ҷойи худ нишинед рафта ҷойи худро меёбанд. Бачаҳо ба тартиби тасодуфӣ меистанд. Бо ишораи омӯзгор ҳамнишасти худро меёбанд.

3) Соати дуюм хонандагонро бо мактаб шинос кунед. Тарзи ёфтани дарсхона ва дигар ҷойҳои зарурӣ: ошхона, ҳоҷатхона, ҷойи дастшӯйиро нишон диҳед.
4) Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва мактабиро ба онҳо фаҳмонед.
5) Аз рӯйи нақл бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

**Арзёбӣ.** Фаъолияти таълимии хонандагонро тавассути саволу ҷавоб арзёбӣ кунед.

## Дарсҳои 3-4. «Алифбо»-китоби аввалини мо. Шиносоӣ бо воситаҳои хатнависӣ –2 соат

**Барнома.** Китоби «Алифбо». Муқова, сарварақ ва мундариҷаи китоб. Муносибати эҳтиёткорона бо китоб. Шеъру суруди хурд дар бораи китоб. Дуруст такрор кардани шеъру суруд дар бораи китоб. Дафтар ва раххои он (раххои хурду калон), тарафҳои росту чап, боло ва поён, тарзи гузоштани дафтар дар рӯйи миз. Қалам (ручка) ва тарзи нигоҳ доштани он, қаламҳои ранга ва истифодаи онҳо, сарфаю сариштаи воситаҳои хатнависӣ. Бозиҳои дилхушӣ.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– қисмҳои китоб ва тарзи истифодаи онро нишон дода тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расми китоб ба саволҳои осон ҷавоб гуфта тавонанд;
– воситаҳои хатнависиро номбар кунанд ва нишон диҳанд;
– дафтарро дар рӯйи миз дуруст гузошта тавонанд;
– раххои хурду калон, ҳошия, тарафҳои чапу рост ва болою поёни саҳифаи дафтарро нишон дода тавонанд;
– ручкаро дуруст дошта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб ва дигар ашёи хониш

**Равиши дарс.** Бо мақсади самаранок гузаронидани машғулияти мазкур дар поён якчанд тавсияҳои методӣ пешниҳод мегарданд. Боварӣ дорем, ки ҳангоми таҳияи нақшаи дарс шумо аз тавсияҳои мазкур истифода мебаред.

1) Дар бораи китоби «Алифбо» суҳбат кунед. Муқова, сарварақ ва мундариҷаи китоб (ҳарфҳо, расмҳо, матнҳои он)-ро нишон диҳед. Тарзи истифода (варақгардонӣ, истифодаи хатчӯб-тасмачаи варақгардонӣ) ва аҳамияти тозаву озода нигоҳ доштани онро фаҳмонед.Тарзи истифодаи китобро аз хонандагон пурсед. (Хонандагон тарзи доштани китоб, истифодаи хатчӯб ва дуруст варақ гардонданро дуруст нишон медиҳанд.)
2) Аз рӯйи расми китоби “Алифбо” суҳбат гузаронед. Дар бораи муаллифони он маълумоти мухтасар диҳед. Аз рӯйи мазмуни расмҳо саволу ҷавоб кунед.

Намуна:

*Канӣ, ҳамаатон ба муқоваи китоб нигоҳ кунед" (Муқоваро нишон диҳед). Расми киҳоро мебинед? – Дар бораи ин бачаҳо чӣ гуфта метавонед? Пас аз саволу ҷавоб боз ба бачаҳо савол диҳед:*
*– Бачаҳо кӣ медонад, чаро ин китобро "Алифбо" меноманд?...*

3) Саҳифаҳои "Алифбо"-ро кушода ҳарфҳои онро ба бачаҳо нишон диҳед. Ҳамаи ин ҳарфҳоро шумо меомӯзед ва хондану навиштанро ёд мегиред. Хонандагон ба суханони омӯзгор бодиққат гӯш карда, дар саволу ҷавоб иштирок мекунанд. Бонавбат варақаҳоро гардонда бо сарварақи китоб хонандагонро бо ёрии расмҳо шинос кунед.
4) Шеъри А, Б, В, Г, Е, Ё, Сар мешавад “Алифбо”-ро шифоҳӣ ба хонандагон омӯзед.(Аз баёни омӯзгор хонандагон аз ёд мекунанд). Шумо метавонед вобаста ба қобилият ва сатҳи инкишофи хонандагон шеъру суруд ва чистону тезгӯякҳоро шифоҳӣ омӯзонед.

Намуна:

Намояд қабат-қабат ,
Бинӣ, рангаву зебост.
Агар хонда тавонӣ,
Ҳама чизро медонӣ.
Канӣ, гӯед ҷавоб
Номи он бувад ..... (китоб)

5) Дар бораи воситаҳои хатнависӣ маълумот диҳед. Онҳоро номбар карда нишон диҳед. ва вазифаи онҳоро гӯед. Аҳамияти эҳтиёт кардан ва сарфаю сариштакорона истифода кардани онҳоро таъкид кунед. Воситаҳои хатнависиро ба хонандагон нишон диҳед. Онҳо бояд ном ва вазифаи воситаи хатнависиро гӯянд. Дар бораи тарзи истифодаи дафтар ва ручка мушаххас истед. Тарзи дуруст нишастан ва дар рӯйи миз гузоштани дафтарро нишон диҳед ва бо хонандагон машқ кунед. Раххои хурду калон, ҳошия, тарафи росту чап, болою поёни рахи дафтарро нишон диҳед. Бо хонандагон саволу ҷавоб намуда, шинохтани раххои хурду калон, тарафҳои росту чап, боло ва поёнро санҷед. Ба нафарони алоҳида аз рӯйи зарурат такроран нишон диҳед ва фаҳмонед. Қалам (ручка) ва тарзи доштани онро нишон диҳед ва бо хонандагон машқ кунед.

### Дарсҳои 5-6. Мактаб хонаи дуюми мост! Шиносоӣ бо раххои дафтар - 2 соат

**Барнома.** Тамошои синф. Номбар кардани ашёи синф. Бӯр, тахтаи синф, гулҳои назди тиреза. Мизу курсӣ. Гӯшаю овезаҳо. Муносибати эҳтиёткорона ва сарфаю сариштакорона бо онҳо. Аҳамияти тозаву озода нигоҳ доштани онҳо. Одоби гуфтор ва рафтор дар синф. Бозиҳо доир ба риояи меъёрҳои одитарини одоби муошират. Салому хайрухуш. Хоҳиши худро баён карда тавонистан. Узру миннатдорӣ кардан. Одоби гуфтору рафтор дар мактаб. Бозиҳои гуногуни маърифатӣ ва дилхушӣ.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои одӣ ҷавоб гуфта тавонанд;
- мазмуни расми китоб ва дарсхонаи худро муқоиса намуда, фарқият ва монандиро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи хусусиятҳои номбаршуда номи ашёро ёфта тавонанд;
- воситаҳои хатнависиро номбар кунанд ва нишон диҳанд;
- дафтарро дар рӯйи миз дуруст гузошта тавонанд;
- раххои хурду калон, ҳошия, тарафҳои чапу рост ва болою поёни саҳифаи дафтарро нишон дода тавонанд;
- ручкаро дуруст дошта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби "Алифбо", ашёи хониш (қалам. дафтар, ручка, бӯр, латта)

**Равиши дарс.**

1) Суҳбат дар бораи дарсхона. Аз рӯйи мазмуни расмҳои китоби "Алифбо"суҳбат гузаронед. Намунаи саволу ҷавоб: *Дар расм чиро мебинед? Онҳо чӣ кор карда истодаанд? ва ғайраҳо.* Мушоҳидаи дарсхонаи худ. Саволу ҷавоб. Муқоисаи расм бо дарсхонаи худ. Тарзи муайян кардани монандӣ ва фарқи дарсхонаи худро аз дарсхонаи дар расм инъикосёфта нишон диҳед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳангоми муқоиса кардан ба чӣ диққат диҳанд.
2) Нақли омӯзгор дар бораи тозаву озода нигоҳ доштани дарсхона. Аҳамияти тозаву озода нигоҳ доштани он. Эҳтиёт кардани онҳо.
3) Бозӣ: "Номашро ёб". Омӯзгорягон ашёи синфро тасаввур мекунад. Хусусиятҳои он (андоза, ранг, шакл, барои чӣ даркор аст)-ро номбар мекунад. Хонандагон бояд аз рӯйи хусусиятҳои номбаршуда номи ашёро муайян кунанд. Намуна:

1. *Вай ҳамеша дар синфи мо ҳаст. Хурд аст. Рангаш сафед аст. Мо ба воситаи он менависем. ...*
2. *Ранги вай сабз аст. Ҳавои синфро тоза нигоҳ медорад. Синфи моро зебо мекунад. Он дар баъзе хонаҳои шумо низ ҳаст. Вайро нигоҳубин мекунанд. Об медиҳанд...*

4) Монанди дарси гузашта дар бораи тарзи истифодаи китоб ва воситаҳои хатнависӣ машқҳои амалӣ гузаронед.

5) Дар бораи одоби салом, хайрухуш, тарзи баён кардани хоҳиш, узру миннатдорӣ баён кардан бозиҳои гуногуни таълимӣ гузаронед.

**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро ба воситаи мушоҳидаи фаъолияти онҳо дар дарс ва саволу ҷавоб арзёбӣ кунед

**Дарсҳои 7-8. Бо қоидаҳои хондан ва навиштан шинос мешавем –2 соат**

**Барнома.** Китоб. Муқова, сарварақ ва мундариҷа. Тарзи саҳифагардонӣ. Тарзи хондани китоб: аз чап ба рост, аз боло ба поён. Шеъру тезгӯякҳои хеле осон. Воситаҳои хатнависӣ (дафтар, ручка, қалам). Машқи дуруст нишастан, қаламро доштан, дафтарро дар пеши худ каме ба чап моил гузошта тавонистан. Бозиҳои таълимӣ.
Китоб. Матн ва расмҳои китоб. Тарзи аз сатр ба сатр гузашта хондан. Шеъру тезгӯякҳои хеле осон. Дафтар ва рахҳои он (хурду калон, тарафҳои росту чап ва болою поён, ҳошияи дафтар. Ҳудуди рахҳои дафтар. Машқи истифодаи ручка. Тасвир кардани хатҳои гуногуни рост, моил ва шикаста. Машқҳои тасвир кардани шаклҳои геометрӣ. Бозиҳои таълимӣ ва серҳаракат.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои осон ҷавоб гуфта тавонанд;
– дафтарро дар рӯйи миз дуруст гузошта тавонанд;
– ручкаро дуруст истифода бурда тавонанд;
– хат ва шаклҳои гуногунро аз рӯйи намуна тасвир карда тавонанд;
– хат ва шаклҳои гуногунро муқоиса карда, монандӣ ва фарқияти онҳоро нишон дода тавонанд;
– аз баёни омӯзгор шеър (суруд)-ҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб ва дигар ашёи хониш

**Равиши дарс.** Дар дарси мазкур хонандагон донишҳои пештар омӯхтаи худро доир ба тарзи истифодаи китоб ва воситаҳои хатнависӣ такмил дода, якчанд машқи амалиро нишон медиҳанд. Дар ин дарс хонандагон бевосита истифода кардани ручкаро меомӯзанд.

1) Дарс аз суҳбат дар бораи расмҳои китоб оғоз мешавад. Ҳангоми саволу ҷавоб ба мураттабии нутқ ва риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ диққат диҳед. Пӯшида нест, ки аксари хонандагон аз доираи муошират аҳли оила берун нашуда, ҳоло ҳам ба лаҳҷа сухан мегӯянд.
2) Дониш ва малакаи дар дарсҳои қаблӣ оид ба истифодаи китоб ва воситаҳои хатнависӣ омӯхтаро такмил диҳед. Якчанд машқе, ки тавассути онҳо хонандагон тарзи истифодаи воситаҳои хатнависиро нишон медиҳанд, гузаронед.
3) Аз дарсҳои қаблӣ хонандагон тарзи доштани ручкаро донанд ҳам, онро бевосита истифода накардаанд. Аз ин рӯ, барои истифодаи он чанд фаъолиятро амалан нишон дода, такрор кардани хонандагон талаб карда мешавад.
4) Машқи тасвир кардани хатҳои гуногун. Тавсия: дар баробари шаклҳои “Дафтари машқ” аз тавсияҳои зер истифода баред.



5) Дар тахтаи синф тартиби навиштани хатҳои рост, шикаста, моилро бонавбат нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба нуқтаи оғози тасвир ҷалб кунед. Тартиб навиштани хатҳои ростро мутаносибан ба васл кардани нуқтаҳо нишон диҳед.
6) Дар фазо ҳаракати хатҳои ростро нишон диҳед ва ба хонандагон омӯзонед, ки монанди шумо такрор карданро ёд гиранд. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода тасвир кардани хати ростро машқ кунанд.
7) Назди хонандагон рафта, тарзи доштани ручка ва хат бурдани онҳоро назорат кунед. Ба онҳо ёрӣ расонед. Бонавбат хатҳоро аз рӯйи намуна нишон диҳед ва назорат кунед, ки хонандагон ин амалро иҷро карда тавонанд.
8) Хонандагонро ба он водор кунед, ки хатҳои тасвиркардаро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд.
9) Ба хонандагон шеърро дар бораи китоб аз баён аз ёд кунонед.
10) Монанди намунаи боло тарзи тасвир кардани шаклҳои гуногуни геометриро ба хонандагон нишон диҳед ва машқ кунед. Хонандагон ин шаклҳоро тасвир карда, бо ҳам муқоиса мекунанд ва монандию фарқи онҳоро меёбанд.



**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| **Натиҷаҳои таълим** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои сода ҷавоб гуфта метавонад. | Саволу ҷавоб |
| Дафтарро дар рӯйи миз дуруст гузошта метавонад. | Амалан нишон додан |
| Ручкаро дуруст истифода бурда метавонад. | Амалан нишон додан |
| Хат ва шаклҳои гуногунро аз рӯйи намуна тасвир карда метавонанд. | Машқи тасвир кадан |
| Хат ва шаклҳои гуногунро муқоиса карда монандӣ ва фарқияти онҳоро нишон дода метавонад. | Муқоиса |
| Аз баёни омӯзгор шеър (суруд)-ҳои хурдро аз ёд карда метавонад. | Аз ёд кардан |

### Дарсҳои 9-10. Зинда бош, эй Ватан! Ҷумла. Хатҳои рости хурд –2 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи Тоҷикистон. Шарҳи калимаи «Тоҷикистон». Нишон додани суратҳо доир ба манзараҳои Тоҷикистон. Пойтахти Тоҷикистон--шаҳри Душанбе. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни расму суратҳо. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи навиштани хатҳои | (рост)-и хурд. Шеъру сурудҳои осон дар бораи Тоҷикистон. Дуруст такрор кардани шеъру суруд аз баёни омӯзгор.

Шарҳи мафҳуми Тоҷикистон-Ватан. Шарҳ додани маънои калимаи «Ватан». Як будани маънои Тоҷикистон ва Ватан барои мардуми кишвар. Бодиққат гӯш кардани нақли омӯзгор. Аз рӯйи нақли омӯзгор ба саволҳо ҷавоб додан. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Ҷудо карда тавонистани ҷумла дар нутқ. Аз рӯйи нақша шинохтани нақшаи ҷумла. Машқи навиштани хатҳои| (рост)-и хурд. Шеъру суруд ва тезгӯякҳои хеле осон.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд (муошират бо омӯзгор, ҳамсинфон) қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои одӣ ҷавоб гуфта тавонанд;
- хатҳои | (рост)-и хурдро дар рахи дафтар дуруст навишта тавонанд;
- номи ашёи расмро гуфта тавонанд;
- номи расмҳоро аз рӯйи мансубият ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;
- аз баёни омӯзгор шеър (суруд)-ҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ва дигар ашёи хониш

**Равиши дарс.** Бо мақсади самаранокии машғулият дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз суҳбат оғоз намоед. Расми манзараҳои Тоҷикистонро нишон дода, доир ба мазмуни онҳо саволу ҷавоб кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб ба мураттабии нутқ ва риояи меъёрҳои забони тоҷикӣ диққат диҳед.
2) Машқи навиштани хатҳои (рост)-и хурд дар дафтар.

Тавсия: Ин фаъолият дар ҳар ду соат гузаронда мешавад.

- Дар тахтаи синф тартиби навиштани хатҳои (рост)-и хурдро нишон диҳед. Диққати хонандагонро аввал ба нуқтаҳои болои рах ҷалб кунед. Тартиб навиштани хатҳои рости хурдро мутаносибан дар қолаб нишон диҳед. Муваффақиятҳои минбаъдаи малакаи навишта тавонистан маҳз аз ҳамин лаҳза вобаста аст.
- Дар фазо ҳаракати хатҳои (рост)-и хурдро нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани хатҳои (рост)-и хурдро машқ кунанд.
- Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд, бо хонандагони алоҳида кор баред.
- Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

3) Машқи кор аз рӯйи расм.

- Панҷ расмро интихоб намоед (расм бояд мазмуннок набошад) масалан, сурати одам, расми паланг).
- Ин расмҳоро дар тахтаи синф овезон кунед. Ба хонандагон як дақиқа вақт диҳед, ки ин расмҳоро бодиққат тамошо кунанд.
- Рӯйи расмҳоро пӯшед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки номи расмҳои нишондодаро ба хотир оранд ва гӯянд.
- Шумо такроран рӯйи расмҳоро кушоед, то ки хонандагон дурустии ҷавобҳои худро санҷанд. Ин машқро чанд бор такрор карда, батадриҷ шумораи расмҳоро зиёд ё вақти мушоҳидаро кам кунед.

4) Дар бораи Тоҷикистон шеъри хурди осонро аз баён аз ёд кунонед.
5) Монанди намунаи боло такроран машқ кардани ҳарфҳои рости хурдро идома диҳед.
6) Бо хонандагон машқи инкишофи тафаккур ва захираи луғавӣ гузаронед.

- Дар тахтаи синф ду гурӯҳи расмҳо (Панҷ расми ашёи хониш ва панҷ расми ҳайвонот ё гул) интихоб намоед. (Расм бояд мазмуннок набошад.)
- Ин расмҳоро дар тахтаи синф овезон кунед. Ба хонандагон як дақиқа вақт диҳед, ки ин расмҳоро бодиққат тамошо кунанд.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расмҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунанд (ашёи хониш ва ҳайвонот).
- Сабаби ба ин тарз ҷудо карданро аз хонандагон пурсед. Ба он муваффақ шавед, ки хонандагон интихоби худро исбот карда тавонанд. Яъне, ҳамаи расмҳои гурӯҳи якум ашёи хонишанд. Расмҳои гурӯҳи дуюм – ҳайвонот. Ин машқро чанд бор такрор карда, батадриҷ шумораи расмҳоро зиёд кунед.

**Арзёбӣ.** Дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед.

| **Натиҷаҳои таълим** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои сода ҷавоб | Саволу ҷавоб |

| | |
|---|---|
| гуфта метавонад. | |
| Хатҳои I (рост)-и хурдро дар рахи дафтар дуруст навишта метавонад. | Машқи навиштан |
| Номи ашёи расмро гуфта тавонад. | Шифоҳӣ баён кардан |
| Номи расмҳоро аз рӯйи мансубият ба гурӯҳҳо чудо карда метавонад. | Гурӯҳбандӣ |

**Дарсҳои 11-12. Тоҷикистон воҳаҳои босафо дорад базеб. Ҷумла. Машқи хатҳои рости калон –2 соат**

**Барнома.** Нишон додани сурат дар бораи шаҳру деҳоти Тоҷикистон. Нақл дар бораи шуғли аҳолӣ. Кор дар саҳро ва корхонаҳо. Аз рӯйи мазмуни суратҳо ба саволҳо ҷавоб додан. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Ҷудо карда тавонистани ҷумла аз нутқ. Аз рӯйи нақша «хондан»-и ҷумла. Машқи навиштани хатҳои (рост)-и калон.

Суратҳои китоб дар мавзӯи шаҳру деҳоти Тоҷикистон. Мисолҳои ба синну сол мувофиқи ватандӯстӣ. Аҳамияти дӯст доштани Ватан. Нишонаҳои ватандӯстӣ. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни сурат ва расмҳои китоб. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи навиштани хатҳои(рост)-и калон. Шеъру суруд ва тезгӯякҳои осон.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои осон ҷавоб гуфта тавонанд;
- хатҳои (рост)-и калонро дар рахи дафтар дуруст навишта тавонанд;
- нақшаи ҷумларо шиносанд ва нишон диҳанд;
- ҷумла гуфта тавонанд;
- калимаҳои ҷумларо шифоҳӣ номбар карда тавонанд;
- шифоҳӣ миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумларо нишон дода тавонанд;
- аз баёни омӯзгор шеър (суруд)-ҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, расмҳои ба дарс мувофиқ ва дигар ашёи хониш

**Равиши дарс.** Аз ин дарс сар карда, хонандагон бо унсурҳои асоси забономӯзӣ: ҷумла, калима, ҳиҷо ва ҳарфу овоз шинос мешаванд. Муҳиммияти онҳоро олимони ватанию хориҷӣ борҳо таъкид намудаанд. Аз ин рӯ, ба методики таълими ин дарсҳо диққати махсус дода мешавад.

1) Дар оғози дарс расму суратҳои манзараҳои гуногуни шаҳру деҳоти Тоҷикистонро нишон дода, аз рӯйи он саволу ҷавоб кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб монанди дарсҳои қаблӣ ба мураттабӣ ва риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ диққат диҳед.
2) Дар ин дарс хонандагон бо ҷумла шинос шуда, нақшаи ҷумларо мешиносанд. Нақшаи ҷумлаи гуфтаи худро нишон медиҳанд. Аз рӯйи нақша ҷумла тартиб медиҳанд. Шиносондани мафҳуми ҷумларо аз суҳбат оғоз кунед.

Намунаи суҳбат (нутқи мураттаб):

*Вақте одамон суҳбат мекунанд, дар бораи чизе сухан мегӯянд. Масалан, падари шумо мегӯяд, ки ӯ имрӯз ба куҷо рафт. Барои шумо чӣ харид? Модар мегӯяд, ки имрӯз кадом корҳоро бояд ба анҷом расонад. Масалан, ман имрӯз хӯрок мепазам. Либос мешӯям. Бо шумо китоб мехонам. Ҳамаи суханҳои худро одамон ба воситаи ҷумла ифода мекунанд.*

*Ҷумла аз чанд калима иборат аст? Масалан, вақте ман як калима «бозича» мегӯям, шумо мефаҳмед, ки сухан дар бораи бозича меравад. «Бозича» як калима аст. Аммо кадом бозича, бо бозича кай, дар куҷо чӣ кор мекунанд маълум нест. Вақте мегӯям, ки «Ин бозича харгӯшак аст.» «Ман бо вай бозӣ мекунам.» «Хоҳарам хирсак дорад.» ба шумо фаҳмо мешавад. Инҳо аллакай калима не ҷумлаанд. Ҷумла як, ду ва зиёда калима дорад.*

3) Якчанд ҷумла гӯед. Хонандагон бояд ёбанд, ки он чанд калима дорад. (Ҷумлаҳои дар боло зикркардаатонро алоҳида-алоҳида гӯед).

Ин бозича харгӯшак аст.
Бо вай бозӣ мекунам.
Хоҳарам бозича дорад
Вай хирсак аст.

4) Ба хонандагон гӯед, ки шумо ҳоло ҳарфҳоро намедонед. Барои ҳамин, мо, ҷумлаҳоро ба воситаи хатчаҳо ишора мекунем. Нақшаи зерро тасвир карда, онро шарҳ диҳед:

˪______ .

| ˪ | — | — | — | . |
|---|---|---|---|---|
| Ин | бозича | харгӯшак | аст | |
| Аввали ҷумла, калимаи якум | калимаи дуюм | калимаи сеюм | калимаи чорум | нуқта |

5) Ду ҷумла гуфта, онҳоро дар нақша нишон диҳед.

˪__________. ˪__________.

6) Нақшаҳои онҳоро шарҳ диҳед:

| ˪ | — | — | — | . |
|---|---|---|---|---|
| Ин | бозича | харгӯшак | аст | . |

| ˪ | — | — | — | . |
|---|---|---|---|---|
| Бо | вай | бозӣ | мекунанд | . |

7) Дар лаҳзаи дамгирӣ метавонед аз шеъри *«Тире-тире нуқтача»* истифода баред.
8) Калимаҳои парокандаро ба шогирдон гӯед:*«якум, мехонам, синфи, дар, Ман.»* Аз хонандагон пурсед, ки чӣ гуфтед (Албатта, хонандагон намефаҳманд). Тарзи дурусти ҷумларо гӯед: «Ман дар синфи якум мехонам.» ва пурсед, ки оё, фаҳмиданд, ки шумо чӣ гуфтед. *Мо ҳама ба сухани якдигарро мефаҳмем. Нутқи мо аз чӣ иборат аст? Шояд фикр кунед, ки аз калимаҳо? Маротибаи якум нафаҳмидед. Барои чӣ? Бори дуюм-чӣ?Калимаҳо бо ҳам алоқаманд шуда, ҷумларо ташкил медиҳанд.*
9) Расми харгӯшакро дар тахтаи синф овезон кунед. Дар бораи харгӯшак ҷумла тартиб дода, дар нақша тасвир кунед.

| ˪ | — | . | | ˪ | — | — | — | . |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Харӯшак | медавад | . | | Харгӯшак | бозичаи | зебо | аст | . |

10) Ҳамроҳи хонандагон аз рӯйи расмҳои мазмуннок якчанд ҷумла гӯед. Нақшаи ҷумлаҳоро монанди мисолҳои боло тасвир кунед. Намуна. Як ҷумлаи хурд гӯед. Хонандагон нақшаи онро дар тахтаи синф ё дафтар машқ мекунанд. (Ба намунаи боло нигаред.)
11) Машқи навиштани хатҳои | (рост)-и калон дар дафтар.

– Дар тахтаи синф тартиби навиштани хатҳои(рост)-ро нишон диҳед. Диққати хонандагонро аввал ба нуқтаҳои рӯйи рах ва аз он боло ҷалб кунед. Тартиб навиштани хатҳои рости калонро мутаносибан бо васл кардани нуқтаҳо нишон диҳед.
– Дар фазо тасвири хатҳои | (рост)-и калонро нишон диҳед.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани хатҳои (рост)-и калонро машқ кунанд.

– Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд бо хонандагони алоҳида кор баред.
– Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дониш малака ва маҳорати хонандагонро тавассути нишондиҳандаҳои зерин санҷед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои сода ҷавоб гуфта метавонад. | Саволу ҷавоб |
| Хатҳои (рост)-и калонро дар рахи дафтар дуруст навишта метавонад. | Машқи навиштан |
| Нақшаи ҷумларо нишон медиҳад. | Нишон додан |
| Ҷумла гуфта метавонад. | Машқи ҷумла гуфтан |
| Калимаҳои ҷумларо шифоҳӣ номбар карда метавонад. | Таҳлили ҷумла |
| Миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумларо нишон дода метавонад. | Таркиби ҷумла |

**Дарсҳои 13-14. Мо ҳам қаҳрамон мешавем! Машқи хатҳои чангакшакл –2 соат**

**Барнома.** Суҳбат аз рӯйи сурати Қаҳрамони Тоҷикистон. Номбар кардани онҳо. Барои чӣ сурати қаҳрамонон дар китоб ва дигар ҷойҳо намоиш дода мешавад? Мо ҳам бояд қаҳрамон шавем. Онҳо дар хурдӣ монанди мо дар паси ин мизҳо нишаста буданд. Аз рӯйи мазмуни суратҳо ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Аломати шартии ҷумла. Машқи унсурҳои асосии ҳарфҳо. Машқи навиштани хатҳои чангакшакли хурд.

Бодиққат гӯш кардани нақли омӯзгор. Бозгӯйии нақли гӯш карда. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи ба калимаҳо ҷудо кардани ҷумлаҳо. Машқи унсурҳои асосии ҳарфҳо. Хатҳои чангакшакли хурд. Аз рӯйи нақша нишон додани, ки калима, ки он аз ҳарфҳои ба ҳам пайваст иборат аст ва нақшаи онро нишон додан. Бозиҳои дидактикӣ ва серҳаракат.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширати)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– аз рӯйи мазмуни расм ва нақли омӯзгор ба саволҳои одӣ ҷавоб гуфта тавонанд;
– хатҳои чангакшаклро дар рахи дафтар дуруст навишта тавонанд;
– нақшаи ҷумларо шиносанд ва нишон диҳанд;
– ҷумла гуфта тавонанд;
– калимаҳои ҷумларо шифоҳӣ номбар карда тавонанд;
– миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумларо нишон дода тавонанд;
– аз баёни омӯзгор шеърҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, расмҳои ба дарс мувофиқ ва дигар ашёи хониш

**Равиши дарс.**

1) Аз рӯйи расми Қаҳрамонони Тоҷикистон саволу ҷавоб кунед. Агар зарур шуморед дар бораи корнамоии онҳо маълумоти мухтасар диҳед. Доир ба маълумоти додаатон бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Суҳбатро ҷамъбаст карда гӯед, ки барои он расми онҳо дар ҳама ҷо намоиш дода мешавад, ки қаҳрамонӣ нишон додаанд. Аз навомӯзон пурсед, ки шумо ҳам мехоҳед мисли онҳо қаҳрамон шавед ва расми шуморо ҳам дар ҳама ҷо нишон диҳанд. Барои ин бояд, пеш аз ҳама, хондану навиштанро ёд гиред.

2) Монанди намунаҳои дарси гузашта ҷумларо аз нутқ интихоб намуда, нақшаи онро тасвир кунед ва шарҳ диҳед.
3) Як матни хурдро интихоб намоед. Масалан, *“Тирамоҳ шуд. Баргҳои дарахтон рехтанд. Ҳаво хунук шуд. Парандаҳо ба кишварҳои гарм рафтанд.”* Ҷумлаҳоро каме оҳиста хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки пас аз хондани ҳар як ҷумла як маротиба қарсак зананд. Ин машқро чанд бор такрор кунед.
4) Рӯйхати ҷумлаҳои 3-4 калимадорро тартиб диҳед. Масалан, *Ман китоб мехонам. Модари ман омӯзгор аст.*
5) Ин ду ҷумларо дар нақша нишон диҳед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| L | — | — | . |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| L | — | — | — | . |

6) Хонандагонро бонавбат назди тахтаи синф бароварда, ҷумлаҳоро хонед. Онҳо нақшаи ҷумлаҳоро нишон диҳанд ва гӯянд, ки барои чӣ ин нақшаро интихоб намуданд. Масалан, вақте шумо мепурсед, ки нақшаи ҷумлаи “Модари ман омӯзгор аст.”-ро нишон деҳ, вай бояд нақшаи чорхонадорро нишон диҳад, зеро ҷумлаи “Модари ман омӯзгор аст.” аз чор калима иборат аст.
7) Машқи навиштани хатҳои (чангакшакли) хурд дар дафтар.
- Дар тахтаи синф тартиби навиштани хатҳои чангакшакли хурдро нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба нуқтаҳои рӯйи рах ва чангаки он равона кунед. Тартиб навиштани хатҳои чангакшакли хурдро мутаносибан ба васл кардан нуқтаҳо нишон диҳед.
- Дар фазо тасвири хатҳои чангакшакли хурдро нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани хатҳои чангакшакли хурдро машқ кунанд.
- Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд бо хонандагони алоҳида кор баред.
- Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Ҷараёни машғулиятро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| Нишондиҳандаҳо | Воситаҳои арзёбӣ |
|---|---|
| Аз рӯйи мазмуни расм ва нақли омӯзгор ба саволҳои одӣ ҷавоб гуфта метавонад. | Саволу ҷавоб |
| Хатҳои чангакшаклро дар рахи дафтар дуруст навишта метавонад. | Машқи навиштан |
| Нақшаи ҷумларо шиносад ва нишон медиҳад. | Нишон додан |
| Ҷумла гуфта метавонад. | Машқи ҷумла гуфтан |
| Калимаҳои ҷумларо шифоҳӣ номбар карда тавонад. | Таҳлили ҷумла |
| Миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумларо нишон дода тавонад. | Таркиби ҷумла |

## Дарсҳои 15-16. Китобҳои шавқовар. Машқи хатҳои думчадор – 2 соат

**Барнома.** Нишон додани китобҳои хурди рангаи бачагона. Хондани як –ду ҳикояи хурд. Бодиққат гӯш кардани ҳикояи омӯзгор. Саволу ҷавоб оид ба ҳикояи гӯш карда. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи аз нутқ ҷудо кардани ҷумла. Машқи унсурҳои асосии ҳарфҳо. Машқи навиштани хатҳои думчадор.
Давом додани хониши як-ду ҳикоя ё шеър аз китобҳои хурди рангаи бачагона. Машқи аз нутқ ҷудо кардани ҷумла аз ҷумла, ҷудо кардани калима. Бозиҳои таълимӣ.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- аз рӯйи мазмуни нақли шунида ба саволҳои сода ҷавоб гуфта тавонанд;
- нақшаи калимаро шиносанд ва нишон дода тавонанд;
- аз рӯйи нақша калима гуфта тавонанд;
- нақшаи калимаи гуфташударо нишон дода тавонанд;
- хатҳои думчадорро дар рахи дафтар дуруст навишта тавонанд;
- номи расмҳоро аз рӯйи мансубият ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;
- аз баёни омӯзгор шеърҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, расмҳои ба дарс мувофиқ ва китобҳои рангаи кӯдакона

**Равиши дарс.**

1) Дар оғози дарс ба хонандагон якчанд китобчаи рангаро нишон диҳед. Ба онҳо гӯед, ки ба қарибӣ омӯхтани ҳарфҳоро оғоз мекунанд. Ҳоло метавонанд тарзи хониши шуморо гӯш карда, аз шунидани он ҳаловат баранд.
2) Аз ин китобчаҳо як афсонаи аҷибро интихоб намуда, мазмунашро нақл кунед. Пас аз анҷоми нақл доир ба мазмуни он саволу ҷавоб намоед.
3) Дониш ва малакаҳои дар дарсҳои қаблӣ андӯхтаро мустаҳкам кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷумла гӯянд. Масалан, *Ман Фарҳод ном дорам.* Нақшаи ҷумларо тасвир кунед. Хонандагон бояд миқдор ва тартиб калимаҳоро дар нақша муайян намоянд.
4) Ман ҳоло ба шумо шеър мехонам, аммо як калимаашро намедонам. Шумо бодиққат гӯш кунед ва он калимаро ёбед.
   Олуча гули бодом,
   Ман духтараки ....
5) Ба хонандагон гӯед, ки ана, дидед, агар дар ҷумла ягон калима набошад, маъно надорад. Мо онро намефаҳмем. Пас ҷумла аз калимаҳои бо ҳам алоқаманд иборат аст.
6) Аз нутқ ҷудо кардани калима дар нутқ. Мазмуни як ҳикояи хурдро нақл кунед ва аз он як ҷумларо интихоб намуда, нақшаашро тасвир намоед. Масалан, дар бораи мактаби худ ҳикоя карда, ҷумлаи “Мактаби мо калон аст”-ро ҷудо намуда, нақшаи онро тасвир кунед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| └— | — | — | — | · |
| Мактаби | мо | калон | аст | . |

7) Аз ҷумла калимаи “мактаб”-ро интихоб намуда, нақшаашро нишон дода, фаҳмонед. Ин калима аз шаш овоз иборат аст.




8) Монанди намунаи боло аввал аз нутқ ҷумла ва аз ҷумла калимаи зарурро интихоб намуда, нақшаи онро тасвир кунед.
9) Машқи хатҳои думчадорро дар дафтар.

- Дар тахтаи синф тарзи навиштани хатҳои думчадорро нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба нуқтаҳои рӯйи рах ва аз рах поёни он равона кунед. Тартиб навиштани хатҳои думчадорро мутаносибан ба васл кардан нуқтаҳо нишон диҳед.
- Дар фазо ҳаракати хатҳои думчадорро нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани хатҳои думчадорро машқ кунанд.
- Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд бо хонандагони алоҳида кор баред.
- Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

10) Рӯйхати калимаҳои 4-5 ҳарфдорро тартиб диҳед. Масалан, китоб, хона, дона, шакар, тӯбча.

Мувофиқи он нақшаи калимаро тасвир кунед.



11) Хонандагонро бонавбат назди тахтаи синф бароварда, калимаҳоро хонед. Онҳо бояд мувофиқи калимаи интихобкардаашон нақшаи онро нишон дода, гӯянд, ки барои чӣ ин нақшаро интихоб намуданд. Масалан, вақте шумо мепурсед, ки нақшаи калимаи “шакар”-ро нишон деҳ, вай бояд нақшаи панҷхонадорро нишон диҳад, зеро калимаи шакар аз панҷ овоз иборат аст.

**Арзёбӣ.** Ҷараёни машғулиятро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Аз рӯйи мазмуни нақли шунида ба саволҳои сода ҷавоб гуфта метавонад. | Саволу ҷавоб |
| Нақшаи калимаро шиносад ва нишон дода метавонад. | Кори амалӣ |
| Аз рӯйи нақша калима гуфта метавонад. | Муқоиса |
| Нақшаи калимаи гуфташударо нишон дода метавонад. | Машқи навиштан |
| Хатҳои думчадорро дар рахи дафтар дуруст навишта метавонад. | Шифоҳӣ баён кардан |
| Номи расмҳоро аз рӯйи мансубият ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад. | Гурӯҳбандӣ |

## Дарсҳои 17-18. Дар олами афсона. Ҳиҷо. Машқи хатҳои думчадор –2 соат

**Барнома.** Нишон додани китобҳои рангаи афсона. Хондани як –ду афсонаи хурд. Бодиққат гӯш кардани афсонаҳо. Саволу ҷавоб оид ба афсонаҳои шунида. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи ҷудо кардани калима ба ҳиҷоҳо. Нақшаи ҳиҷо. Унсурҳои асосии ҳарфҳо. Машқи хатҳои думчадор. Хондани афсона. Бодиққат гӯш кардани нутқи омӯзгор. Саволу ҷавоб оид ба нутқи гӯш карда. Бо суханони худ гуфтани мазмуни афсонаҳои шунида. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи ҷудо кардани калима ба ҳиҷоҳо. Унсурҳои асосии ҳарфҳо. Машқи хатҳои думчадор. Бозиҳои таълимӣ.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- аз рӯйи мазмуни нақли шунида ба саволҳои сода ҷавоб гуфта тавонанд;
- нақшаи ҳиҷоро шиносанд ва нишон дода тавонанд;
- аз рӯйи нақша ҳиҷо гуфта тавонанд;
- нақшаи ҳиҷои гуфташударо нишон дода тавонанд;
- хатҳои думчадорро дар рахи дафтар дуруст навишта тавонанд;
- ҳиҷои минбаъдаро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- аз баёни омӯзгор шеърҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, расмҳои ба дарс мувофиқ ва китобҳои рангаи кӯдакона
**Равиши дарс.**

1) Дар дарс бо ду нафар (як писару як духтар) бозии шавқовари «О-фа-рин!» ташкил намоед. Як нафарро Офтобак ва дигареро Моҳтобак ном гузоред. Аз дигар хонандагон ҳоҳиш кунед,ки мувофиқи қаторҳо онҳоро мухлисӣ карда, «Оф-то-бак!», «Моҳ-то-бак!», «О-фа-рин!» гӯянд.
2) Аз «мухлисон» пурсед, ки ҳангоми мусобиқа чӣ гуфта фарёд мекунанд? Хонандагон номи «Оф-то-бак!», «Моҳ-то-бак!», «О-фа-рин!»-ро ном мебаранд.
3) Ба хонандагон фаҳмонед, ки вақти талаффуз кардани калимаҳо онҳоро ба қисмҳо чудо карда мегӯем: «Оф-то-бак!», «Моҳ-то-бак!», «О-фа-рин!».
4) Бозӣ: «Ман ба тую ту ба ман». Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ номи ҳамдигарро гӯшакӣ мухлисӣ кунанд. Намуна: *дар як миз Нигора ва Шаҳбоз нишастаанд. Нигора ба гӯши Шаҳбоз бояд гӯяд: Шаҳ-боз! Шаҳ-боз! Шаҳбоз ба гӯши Нигора мегӯяд: Ни-го-ра! Ни-го-ра!*

5) Аз ичрои бозиҳо фаҳмидем, ки мо калимаҳоро ба қисмҳо чудо кардем. Ин қисмҳоро ҳичо мегӯянд. Нақшаҳои калимаҳои болоро тасвир карда, онҳоро фаҳмонед:

«Оф-то-бак!»



«Моҳ-то-бак!»



«О-фа-рин!»



6) Ана дидед, вақте мо калимаеро талаффуз мекунем, онро ба қисмҳо чудо карда талаффуз мекунем. Мо имрӯз ба ҳичоҳо чудо кардани калимаро меомӯзем гуфта, нақшаи ҳичоро нишон диҳед. Ҳичоҳо барои хондан ёрӣ мерасонанд. Хичоҳоро кашишнок таллаффуз мекунем.
7) Сипас нақшаи чумла, калима ва ҳичоро нишон дода муайян кунед, ки хонандагон онҳоро фарқ мекунанд, ё не.
   Мад кашида (кашишнок) талаффуз кардани овозҳои ҳичоро дар калимаҳои зер машқ кунед:
   Намуна:
   ОООФФФ –ТООО -БАААК
   МММОООҲ –ТООО - БАААК
   ООО – ФФФААА - РРРИИИН
8) Ба хонандагон гӯед, ки мо чудо кардани ҳичоҳои калимаро дар нақша нишон додем, акнун боз роҳи дигарашро ёд мегирем. Шифоҳӣ чудо кардани ҳичоҳои калимаро ба воситаи «қарсак» нишон диҳед.
9) Лаҳзаи дамгирӣ: Бозии «Чанд ҳичо?». Ба хонандагон шарти бозиро фаҳмонед: Омӯзгор калимаҳоро номбар мекунад. Хонандагон ин калимаҳоро ба ҳичоҳо чудо карда, мувофиқи ҳар як ҳичо дар чойи худ мечаҳанд.
10) Машқи навиштани хатҳои думчадорро дар дафтар.

– Дар тахтаи синф тарзи навиштани хатҳои думчадорро нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба нуқтаҳои рӯйи рах ва аз рах поёни он ҷалб кунед. Тартиби навиштани хатҳои думчадорро аз рӯйи қолаб нишон диҳед.
– Дар фазо ҳаракати хатҳои думчадорро нишон диҳед.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани хатҳои думчадорро машқ кунанд.
– Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд бо хонандагони алоҳида кор баред.
– Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

11) Якчанд расмро аз афсонаҳои халқӣ нишон диҳед. Як афсонаи аҷибро аз ин китобчаҳо интихоб намуда, мазмунашро нақл кунед. Пас аз анҷоми нақл доир ба мазмуни нақл саволу ҷавоб намоед.
12) Расми қатораи мазкурро тасвир намуда, ба хонандагон гӯед, ки он аз ҷойи дур ба мо туҳфа меорад. Дар вагони якум туҳфаҳое, ки номашон як ҳиҷо доранд, дар вагони дуюм туҳфаҳое, ки номашон ду ҳиҷо ва дар вагони сеюм туҳфаҳое, ки номашон се ҳиҷо доранд, бор карда шудаанд. Биёед, номи ин туҳфаҳоро фикр мекунем.



**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволҳои зер арзёбӣ кунед.
Намунаи саволҳо:
*Калимаҳоро чӣ хел ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунем?*
*Як калима чанд ҳиҷо дошта метавонад?*
*Донистани ҳиҷо барои чӣ даркор аст?*
*Ҳиҷоҳоро чӣ хел талаффуз мекунем?*
*Навиштани кадом хатро машқ кардем?*
*Тарзи навишти онро дар фазо нишон дода метавонед?*

**Дарсҳои 19-20. Ин садои чист? Овозҳои садонок ва ҳамсадо. Машқи ҳарфҳои доирашакл–2 соат**

**Барнома.** Нишон додани суратҳои мазмуннок доир ба садобарорӣ. Аз рӯйи суратҳо саволу ҷавоб кардан. Риоя кардани меъёрҳои забони тоҷикӣ. Машқи доирачаҳо. Садо ва овоз. Овозҳои садонок ва ҳамсадо. Доирачаҳои сабзу сурх ифодакунандаи овозҳои садоноку ҳамсадо. Фарқи садоҳои гуногун. Тақлид ба садоҳои гуногун. Бозӣ: "Ин садои чист?". Бозиҳои таълимӣ.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– аз рӯйи мазмуни расмҳои китоб ба саволҳои сода ҷавоб гуфта тавонанд;
– ба садоҳои гуногун тақлид карда тавонанд;
– хатҳои доирашаклро дар рахи дафтар дуруст навишта тавонанд;
– аломати рангҳои садонок ва ҳамсадоро фарқ карда тавонанд;
– номи ашёи дар расм бударо гуфта тавонанд;
– номи расмҳоро аз рӯйи мансубият ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;

– аз баёни омӯзгор шеърҳои хурдро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, расмҳои ба дарс мувофиқ ва китобҳои рангаи кӯдакона

**Равиши дарс.** Дар оғози дарс аз рӯйи мазмуни расмҳо суҳбат гузаронда мешавад. Ҳангоми суҳбат риоя кардани қоидаҳои забони тоҷикӣ, дар қолаби ҷумлаҳои дуруст ифода кардани ҷавоб машқ кунед.

1) Малакаи шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани номи хонандагонро машқ кунонед. Бозии "О-фа-рин!"-ро ба хонандагон хотиррасон кунед. Мисол: Фар-зо-на.
2) Бозии "Ин садои чист?". Хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Аъзоёни гурӯҳ бонавбат ба садоҳо тақлид мекунанд. Аъзоёни гурӯҳи дигар муайян мекунанд, ки он садои чист. Баъд гурӯҳҳо нақши худро иваз мекунанд. Тавсия: кӯшиш кунед, ки ҳар чӣ садоҳои бештар тақлид карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки шумораи бештари хонандагон ба бозӣ фаро гирифта шаванд.
3) Ҳаноми тақлиди садоҳо шояд шумо аҳамият диҳед, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: ҳамсадо ва садонок.
   *Масалан, овози уллоси гург : УУУУУУУ*
   *Садои трактор : тррррррр*
4) Ба хонандагон фаҳмонед, ки овозҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: садонок ва ҳамсадо. Овозҳои садонок бо доирачаҳои сабз, овозҳои ҳамсадо бо доирачаҳои сурх ишора мешаванд. Дар ҳар як калима овозҳои садоноку ҳамсадо вуҷуд дорад. Сипас нақшаи калимаи хурӯсро тасвир карда, дар он рангҳои садонок ва ҳамсадоро нишон диҳед:


Х У Р Ӯ С

Доирачаҳои сабз –садонокҳо
Доирачаҳои сурх –ҳамсадоҳо

5) Чанд намунаи нақшаи калимаро бо доирачаҳои сабзу сурх тасвир карда, дар онҳо ёфтани садоноку ҳамсадоро машқ намоед. Сипас хонандагон калима гуфта нақшаи онро тасвир мекунанд ва сабз ё сурх будани ишораи овози ҳарфро муайян мекунанд.
6) Машқи хатҳои доирашакл дар дафтар.
   - Дар тахтаи синф тарзи навиштани хатҳои доирашаклро нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба нуқтаҳои рӯйи рах равона кунед. Тартиб навиштани хатҳои доирашаклро дар қолаб нишон диҳед.
   - Дар фазо ҳаракати хатҳои доирашаклро нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тарзи нишондода дар дафтари машқи хат хатҳои доирашаклро машқ кунанд.
   - Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволҳои зер арзёбӣ кунед.
**Намуна:**

*Калимаҳо аз чӣ иборатанд?*
*Як калима чанд ҳарф (овоз) дошта метавонад?*
*Ҳарфҳо ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?*
*Аломати овозу ҳарфҳои садонок чӣ хел ранг аст?*
*Аломати овозҳои ҳарфҳои ҳамсадо чӣ хел ранг аст?*
*Навиштани кадом хатро машқ кардем?*
Тарзи ҳаракати онро дар фазо нишон дода метавонед?

## 2. Давраи Алифбо (130 соат)

### Дарсҳои 1-2. Овоз ва ҳарфи Оо – 2 соат

**Барнома.** Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [о]. Талаффузи овози[о]. Ҷудо кардани овози [о] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додан ва муқоисаи ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнависи “о”. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «о» (хурду калон). Машқи навиштани ҳарфи «о»-и хурду калон. Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои чопӣ ва дастнавис. Суҳбат аз рӯйи расм. Ҳангоми суҳбат риоя кардани забони адабӣ. Бозӣ: «О»- ба чӣ монанд аст? Ба ҳам васлкардани ҳарфи “О”- калон бо “о”-и хурд.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [о]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [о]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «о»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «о»-и хурду калонро навишта тавонанд;
- овоз ва ҳарфи садонок будани «о»-ро гуфта тавонанд;
- ҳарфи «О»-и калонро ба «о»-и хурд васл карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «о» шеъру тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.** Ба мақсади расонидани ёрӣ тавсияҳои методиро минбаъд барои ҳар як соати дарсӣ пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо онро ба шароити муассиса ва қобилияти навомӯзон мутобиқ сохта, пурратар мегардонед.

Соати якум

1) Дар бораи олу ва оҳу нақл кунед. Саволу ҷавоб. *Канӣ, бачаҳо, имрӯз мо кадом овозро меомӯзем?*
   – Овози [о]-ро.
   – О-фа-рин!
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [о]. Як хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, хоҳиш намоед, ки овози [о]-ро бурро талаффуз кунад. Ҳангоми талаффузи овози [о] ба ҳолати лабҳо диққат диҳанд (аз рӯйи имкон оиначаро истифода баранд. Оинача барои мушоҳидаи талаффузи ҳамаи овозҳо истифода бурда мешавад). Машқи талаффузи овози [о]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.Ҷудо кардани овози [о] аз аввал, мобайн ва охири калима . Биёед, фикр карда калимаҳоеро мегӯем, ки:
   - *дар аввал овози [о] доранд: оҳу, олу, Офтоб, ...*
   - *дар мобайн [о] доранд: нон, чой, бом, ...*
   - *дар охир [о] доранд: боло, саҳро, ...* доранд.

*Тавсия*: Хонандагони синфи якум, ба мактаб бо захираи муайяни луғавӣ оянд ҳам, шояд барояшон дар аввали соли таҳсил гуфтани калимаҳое, ки дар аввал, мобайн ва охир [о] доранд, мушкил бошад. Дар дарсҳои аввал тартиби корро нишон диҳед ва фаҳмонед. Ин амалро якчанд маротиба такрор кардан лозим аст.

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «о». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз алифбои бурида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

Намуна:

Оо → *Оо*

4) Машқи навиштани ҳарфи «о»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф тартиби навиштани ҳарфи «о»-ро нишон диҳед. Ба нуқтаи оғози ҳарф диққат диҳед. Муваффақиятҳои минбаъдаи малакаи навишта тавонистан маҳз аз ҳамин лаҳза вобаста аст.
5) Дар фазо машқи ҳарфи «о»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «о»-ро машқ кунанд.
6) Тарзи навишти онҳоро назорат кунед.
7) Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.
8) Лаҳзаи дамгирӣ (барои рафъи хастагии хонандагон ягон машқи дамгирӣ гузаронед).
9) Машқи навиштани ҳарфи «О»-и калон дар дафтар:
   - Аввал дар тахтаи синф тарзи навиштани ҳарфи «О»-ро нишон диҳед.
   - Дар фазо ҳаракати ҳарфи «О»-ро нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «О»-ро машқ кунанд.
   - Тарзи навишти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
10) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

Соати дуюм
1) Суҳбат аз рӯйи расм. Расми Офтобро ба хонандагон намоиш диҳед. Сипас аз рӯйи расм якчанд савол диҳед: Масалан: *Дар расм киҳо тасвир шудаанд? Онҳо чӣ кор мекунанд? Дар расм боз чиҳоро мебинед? Офтоб ба чӣ монанд аст? Офтобпараст ба чӣ монанд аст?Доира ба чӣ монанд аст?* Тавсия: ба он муваффақ шавед, ки хонандагон монандии Офтоб, офтобпараст ва доираро ба ҳарфи «о» муайян карда тавонанд.
2) Машқи васл кардани ҳарфи «О»-и калон ба ҳарфи «о»-и хурд. Тарзи васлшавии ҳарфи «О»-и калонро бо ҳарфи «о»-и хурд фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «О»-ро ба ҳарфи «о» васл кунанд.
3) Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии ҳарфи Оо-ро назорат кунед ва ёрӣ диҳед.
4) Машқи гуфтани тезгӯякҳо бо ҳарфи «о»(намуна оварда мешавад).
5) Муайян кардани садонок будани “О”. Ба хонандагон доирачаи сабз (сурх)-ро нишон дода пурсед, ки ранги онҳо чӣ хел аст. Сипас ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳарфҳо садонок ва ҳамсадо мешаванд. Барои фарқ кардани онҳо мо аломатҳои сурх ва сабзро истифода мебарем. Аломати сабз ҳарфҳои - садонок. Аломати сурх ҳарфҳои - ҳамсадо. Доир ба садонок будани “О” машқ гузаронида мешавад.
6) Аз ёд кардани шеър дар васфи «О» (аз баёни омӯзгор).
7) Бозии “О-фа-рин!”-ро ба ёди хонандагон расонда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки чанд калимаро шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо кунанд

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолият ва натиҷаҳои таълимии хонандагонро мушоҳида кунед. Ҳангоми мушоҳида ба нишондиҳандаҳои зерин диққат диҳед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воситаҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| Ҳарфи садонок будани «о»-ро гуфта метавонанд. | Мувофиқгузорӣ |
| Ҳарфи «О»-и калонро ба «о»-и хурд васл карда метавонанд. | Машқи навиштан |
| Аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода метавонанд. | Саволу ҷавоб |
| Доир ба ҳарфи «о» шеъру тезгӯякҳоро аз ёд гуфта метавонанд. | Аз баён (дикта) аз ёд кардан |

**Дарсҳои 3-4. Овоз ва ҳарфи Аа –2 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфи Оо. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [а]. Талаффузи овози[а]. Ҷудо кардани [а] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон

додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «а» хурду калон. Машқи навиштани ҳарфи «а»-и хурду калон.

Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои чопӣ ва дастнавис. Суҳбат аз рӯйи расм. Ҳангоми суҳбат риоя кардани забони адабӣ. Ба ҳам васл кардани ҳарфи Аа (калону хурд). Муқоисаи ҳарфи «о» ва «а»-и хурд. Бозӣ: ҳарфи «А»-ро аз чӣ сохтан мумкин?

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [а]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [а]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «Аа»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «а»-и хурду калонро навишта тавонанд;
- хосиятҳои анорро номбар карда тавонанд;
- ҳарфи садонок будани «а»-ро гуфта тавонанд;
- ҳарфи «А»-и калонро ба «а»-и хурд васл карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «А» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

Соати якум

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Нақли омӯзгор дар бораи ангур. «Ангури мо ширин аст...» Саволу ҷавоб. *Канӣ, бачаҳо, имрӯз мо кадом овозро меомӯзем?*
   - Овози [а]-ро.
   - О-фа-рин!
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [а]. Як хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, хоҳиш намоед, ки овози [а]-ро бурро талаффуз кунад. Ҳангоми талаффузи овози [а] ба ҳолати лабҳо диққат диҳанд. Машқи талаффузи овози [а]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед. Аз оинача истифода баред. Ҷудо кардани овози [а] аз аввал, мобайн ва охири калима. *Биёед, фикр карда калимаҳоеро мегӯем, ки:*
   - дар аввал овози [а]: ангур, анор, Аниса, …
   - дар мобайн овози [а]: дар, дафтар, шакар, …
   - дар охир овози [а]: дара, хона, хола, ... доранд.
3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Аа». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «а»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «а»-ро нишон диҳед.
5) Дар фазо машқи ҳарфи «а»-ро нишон диҳед.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат «а»-ро машқ кунанд. Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд бо хонандагони алоҳида ёрии амалӣ расонед. Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.
7) Лаҳзаи дамгирӣ (барои рафъи хастагии хонандагон ягон машқи дамгирӣ гузаронед.
8) Машқи навиштани ҳарфи «А»-и калон дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф тартиби навиштани ҳарфи «А»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «А»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат «А»-ро машқ кунанд.

9) Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед. Агар зарурат пеш ояд, бо хонандагони алоҳида кор баред.
10) Суҳбат аз рӯйи расми анор. Дар бораи ном, шакл, ранг, таъм, дар куҷо мерӯяд ва онро чӣ тавр истифода мебаранд, саволу ҷавоб кунед.

*Намунаи суҳбат: Шумо дар расм чиро мебинед? Мо дар расм анорро мебинем. Анор чӣ хел аст? Анор гирдшакл аст. Ранги анор чӣ хел аст? Ранги анор сурх аст....*

11) Ба ҳамин тариқ, саволу ҷавоб идома меёбад. Агар дар синф ягон нафар ба саволи шумо ҷавоби нодуруст диҳад, такроран савол диҳед ё аз дигарон хоҳиш кунед, ки ҷавоб гӯянд.
12) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

Соати дуюм

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфҳои «Оо» ва «Аа». Аз хонандагон хоҳиш кунед: *ҳарферо нишон диҳанд, ки [о] хонда шавад. Ҳарферо нишон диҳанд, ки [а] хонда шавад.*
2) Танҳо ба фаъолон такя накунед. Бештар онҳоеро пурсед, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои шумо дар шинохтани ҳарф душворӣ мекашанд. Агар дар дасти хонандагон хазинаи ҳарфҳо набошад, онҳо даст бардошта ҳарфҳоро бонавбат аз ҷадвали «Алифбо» нишон медиҳанд.
3) Машқи васл кардани ҳарфи «А»-калон бо ҳарфи «а»-хурд. Тарзи васлшавии ҳарфи «А»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «А»-ро ба ҳарфи «а» васл кунанд. Тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ. Машқи гуфтани тезгӯякҳо бо ҳарфи «а».
5) Муайян кардани садонок будани "а". Ба хонандагон ҳарфҳои «о» ва «а»-ро нишон дода пурсед, ки ранги онҳо чӣ хел аст. Ранги сабз. Барои чӣ?«О» ва «А» садонок мебошанд.
6) Суҳбат аз рӯйи расм. Намунаи саволу ҷавоб: *Дар расм чиро мебинед?Дар расм духтаракро мебинем. Вай чӣ кор мекунад?Вай бо телефон суҳбат мекунад...*
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «А» (аз баёни омӯзгор).Бозии "О-фа-рин!"-ро ба ёди хонандагон расонда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки чанд калимаро шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо кунанд

**Яке аз душвориҳои асосии баъзе навомӯзон дар хотир гирифта натавонистани шакли ҳарф ва ифодаи овозии он аст, ки бо сабабҳои қафомонии инкишофи диққат ва хотир ба амал меояд. Илова бар ин қобилияти хонандагон якхела набуда, бо роҳҳои гуногун меомӯзанд. Аз ин рӯ, барои беҳтар ба роҳ мондани таълими овозу ҳарфҳо тавсия медиҳем, ки дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс аз амалҳои тасвир ва сохтан истифода баред. Нигаред ба чанд намунаҳои замима дар охири "Раҳнамо"**

**Арзёбӣ.** Дар ҷараёни машғулият фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида кунед ва дар асоси нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ намоед.

**Таъкид!** Барои самарабахш гардонидани ҷараёни омӯзиши овозу ҳарф, инкишофи малакаҳои хондан ва навиштани хонандагон омӯзгорони синфи якум дар давраи алифбо дафтари алоҳида ташкил мекунанд. Дар дафтар се ҷадвали поёнро бо ному насаби хонандагони синфи худ дарҷ намоед. Ҷадвалҳо дар охири ҳар дарс, дарсҳои такрорӣ ва дарси санҷиши ҷорию натиҷагирӣ пур карда мешавад. Чунин тарзи арзёбӣ имкон медиҳад, ки дастовардҳои хонандагон ҳамеша дар мадди назар бошад ва барои ҳалли душвориҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида шавад.

**Ҷадвали 1. Мушоҳидаи талаффузи хонандагон**

| **№** | **Ном** | Ин ҳарфҳоро мешиносад ва овози онҳоро дуруст талаффуз | Ин ҳарфҳоро мешиносад, вале овози онҳоро дуруст талаффуз | Ин ҳарфҳоро намешиносад ва овози онҳоро дуруст | Чӣ бояд кард? Тадбирҳои мушаххас |
|---|---|---|---|---|---|

| | | мекунад | карда наметавонад | талаффуз карда наметавонад | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Абдулло | л, о, м | Р | | Ҳар рӯз такрор кардани овози Р |
| 2 | Аслия | | | | |
| 3 | Баҳодур | | | | |
| 4 | Бахригул | | | | |
| 5 | ………… | | | | |

**Ҷадвали 2. Мушоҳидаи малакаҳои хондан**

| № | Ном | Ҳиҷоҳои кушодаро хонда метавонад | Ҳиҷоҳои бастаро хонда метавонад | Ҳарфакӣ хонда, овозҳоро пайваст карда наметавонад | Чӣ бояд кард? |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Абдулло | ✓ | | | |
| 2 | Аслия | ✓ | ✓ | | |
| 3 | Баҳодур | ✓ | ✓ | | |
| 4 | Бахригул | | | | |
| 5 | ………… | | | | |

**Ҷадвали 3. Мушоҳидаи малакаҳои навиштан**

| **№** | **Ном** | **О** | **Л** | **Н** | **М** | **Р** | **Ш** | **…** | **…** | **…** | **…** | **…** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Абдулло | ✓ | ✎ | ✓ | ✓ | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | Аслия | ✎ | ✓ | ✎ | ✓ | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | Баҳодур | ✓ | ✓ | ✓ | ✎ | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | Бахригул | ✓ | ✓ | ✎ | ✓ | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | ………… | ✓ | ✓ | ✎ | ✓ | | | | | | | | | | | | | |

✓ - хуб менависад.
✎ - мушкилӣ мекашад, бояд зиёдтар машқ кунад.

## Дарсҳои 5-6. Овоз ва ҳарфи Лл - 2 соат

**Барнома.** Талаффузи овозҳои [о], [а]. Нишон додани ҳарфҳои Оо ва Аа. Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависи Оо, Аа. Мақши овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи [л].Талаффузи овози [л]. Ҷудо кардани [л] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «л»-и хурду калон. Машқи навиштани ҳарфи «Л»-и хурду калон. Машқи васл кардани ҳарфи «л» ба ҳарфи «о». Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани ҳарфи «Л» ва "л". Машқи хониши ҳиҷоӣ. Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои Оо, Аа, Лл ба доирачаҳои сабз ва сурх. Суҳбат аз рӯйи расм. Хондани ҳиҷоӣ. Муқоисаи ҳарфҳои "Л" ва «А». Бозӣ: ҳарфи «Л»-ро аз чӣ сохтан мумкин аст?

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– овози [л]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [л]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «л»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «л»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «л»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– унсурҳои монанд ва фарқкунандаи ҳарфҳои «Л» ва «А»-ро муайян карда тавонанд;
– ҳарфҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– доир ба ҳарфи «л» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

Соати якум

**Равиши дарс.**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфҳои «Оо» ва «Аа». Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳарферо нишон диҳанд, ки [о] ва ҳарферо нишон диҳанд, ки [а] хонда шавад.
2) Нақли омӯзгор дар бораи лола.
3) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [л]. Як хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, хоҳиш намоед, ки овози [л]-ро бурро талаффуз кунад. Ҳангоми талаффузи овози [л] ба ҳолати  забон ва дандонҳо диққат диҳанд. Машқи талаффузи овози [л]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.Ҷудо кардани овози [л] аз аввал, мобайн ва охири калима. Биёед, фикр карда калимаҳоеро мегӯем, ки:

– *дар аввал овози [л] доранд: лола, лона, лӯхтак,…*
– *дар мобайн [л] доранд: алла, калла, салом, …*
– *дар охир [л] доранд: хол, бол, гул, …….* доранд.

4) Шиносоӣ бо ҳарфи «Лл». Ҳарфҳои  хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
5) Машқи навиштани ҳарфи «л»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тарзи навишти унсурҳо ҳарфи «л»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «л»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «л»-ро машқ кунанд. Тарзи навишти онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед. Дастоварди хонандагонро қадр кунед.
6) Лаҳзаи дамгирӣ. Барои рафъи хастагии хонандагон ягон машқи дамгирӣ гузаронед.
7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед:

**ЛЛЛООО-ЛЛЛА**

8) Ин оғози ҳама оғозҳо барои инкишоф додани малакаҳои хониши дуруст аст. Овозҳоро кашишнок талаффуз кунед. Чанд маротиба такрор кунед. Якҷоя, ҳиҷоӣ хондани калимаҳоро ба роҳ монед (хонандагон якҷоя мехонанд):

**ЛЛЛООО-ЛЛЛА**

9) Инфиродӣ хонданро машқ кунонед. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:

**ЛЛЛООО-ЛЛЛА**

**Тавсия.** Ба мақсади зуд омӯхтани тарзи хониши ҳиҷоӣ аз тавсияҳои зерин истифода баред.
1. То охири давраи “Алифбо” номи ҳарф нею, танҳо овози ҳарфҳоро истифода баред. Як хел таълим додани овозу ҳарфҳоро ба падару модарон маслиҳат кунед.
2.Бозии “О-фа-рин!”-ро пайваста ба ёди хонандагон расонед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба

монанди калимаҳои бозии “О-фа-рин!” хондани ҳиҷою калимаҳоро машқ кунанд.
3. Дар давраи аввал метавонед бо оҳанг (ҳамчун суруд) хондани ҳиҷою калимаҳоро низ ба роҳ монед.

10) Машқи васл кардани ҳарфи «л» бо ҳарфи «о». Тарзи васлшавии ҳарфи «л»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «л»-ро ба ҳарфи «о» васл кунанд ва хонанд. Тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед, ёрӣ расонед.
11) Суҳбат аз рӯйи нақшаи калима. Нақшаи калимаи «лола»-ро нишон дода, диққати хонандагонро ба доирачаҳои сурх ҷалб кунед. Ба он муваффақ шавед, ки хонандагон ҳамсадо будани ҳарфи «Л»-ро фаҳманд.
12) Калимаи “Лола”-ро таҳлили овозӣ кунед ва дар бораи хосиятҳои он саволу ҷавоб намоед.
13) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «л». Аз хонандагон хоҳиш кунед: ҳарферо нишон диҳанд, ки [о] хонда шавад. Ҳарферо нишон диҳанд, ки [а] хонда шавад. Ҳарферо нишон диҳанд, ки [л] хонда шавад.
2) Аз ҳамаи хонандагон такроран пурсед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон ҳамаи овозу ҳарфҳоро аз худ кардаанд. Дар ҷадвалҳои дарси қаблӣ қайдҳо гузоред. Бо хонандагоне, ки бо душворӣ овозу ҳарфҳоро аз куд кардаанд, бештар кор баред.
3) Машқи хондани ҳиҷоҳо. Омӯзгор мехонад: ллловоо лллааа, ллловоо-ллла.
4) Хонандагон якҷоя хонданро машқ мекунанд: ллловоо-лллааа, ллловоо-ллла.
5) Хонандагон инфиродӣ, ҳарфҳоро нишон дода, хонданро машқ мекунанд: ллловоо-лллааа, ллловоо-ллла.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.
7) Муайян кардани овозу ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Ба хонандагон доирачаи сабз (сурх)-ро нишон диҳед, онҳо вобаста ба он ҳарфҳоро нишон медиҳанд.
8) Машқи васл кардани Ҳарфи «Л» ба «л». Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат нависанд. Тарзи васлкунии ҳарфҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
9) Муқоисаи ҳарфҳои «Л» ва «А». Ҳарфҳои «Л» ва «А»-ро ба хонандагон нишон дода, пурсед, ки онҳо аз ҳам бо чӣ фарқ мекунанд. Хонандагон бояд унсурҳои монанд ва фарқкунандаи ин ҳарфҳоро нишон диҳанд
10) Суҳбат аз рӯйи расми “Лолачинӣ”. Намунаи саволу ҷавоб: *Дар расм чиро мебинед? Дар расм духтаракро мебинем. Вай чӣ кор мекунад? Вай гул мечинад. Гулро аз куҷо мечинад? Гулро аз гулзор мечинад...*
11) Ба хонандагон аз рӯйи нақша бо калимаи “лола”ҷумла тариб доданро омӯзонед.
*12)* Аз ёд кардани шеър дар васфи «Л» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба натиҷаҳои таълим ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои таълим бо восита ва меъёрҳои зерин арзёбӣ мешаванд:

**1. Машқи талаффузи овози ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ**

Меъёрҳо:

– талаффузи овоз тибқи меъёрҳои забони тоҷикӣ;
– бурро (равшану возеҳ) талаффуз кардани овоз.

**2. Хондан**

Меъёрҳои хониш:

– дуруст хондани калимаҳо (напартофтани ҳарф, ҷойи ҳарфҳоро иваз накарда хондан, аз худ илова накардани ҳарф)
– ҳиҷоӣ (яклухт) хондани калимаҳо;

**2. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм ва мазмуни ҷумла (матн)**

Меъёрҳои саволу ҷавоб:
- ба савол мувофиқ будани ҷавоб;
- дар қолаби ҷумлаи дуруст баён кардан;
- мувофиқи меъёрҳои забони тоҷикӣ талаффуз кардани калимаҳо.

**3. Навиштан**

Ҳангоми навиштан:
- мавзунии хат;
- каме ба рост моил будан (зери кунҷи 65 дараҷа);
- дурустии тартиби навишти унсурҳои ҳарф;
- риояи қоидаҳои пайвастшавии ҳарфҳо;
- риояи масофаи байни калимаҳо;
- тоза (беислоҳ ва бе сиёҳ кардан);
- миқдори ғалатҳо.

**Таъкид!** Дараҷаи азхудкунии хонандагонро дар дафтари ҷадвалҳои арзёбӣ қайд кунед.
Нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо.
Меъёрҳои номбаршуда барои ҳамаи дарсҳои давраи Алифбо таалluқ доранд.

**Дарсҳои 7-10. Овоз ва ҳарфи Нн – 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [н]. Талаффузи овози [н]. Ҷудо кардани овози [н] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Муқоисаи онҳо. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «н». Машқи навиштани ҳарфи «н» (хурду калон). Машқи васл кардани ҳарфи «н» ба ҳарфи «о». Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои Оо, Аа, Лл, Нн ба доирачаҳои сабз ва сурх. Машқи хониши ҳиҷоӣ. Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани ҳарфҳо дар калимаҳо. Бозӣ: «н» ба чӣ монанд аст? Суҳбат аз рӯйи расм. Ҳангоми суҳбат тибқи меъёрҳои забони адабӣ талаффуз кардани калимаҳо. Аз рӯйи нақша муайян кардани ҷойи ҳарфи «Н».

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Соати якум.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [н]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [н]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «н»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «н»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «н»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- хосиятҳои нокро номбар карда тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**
1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Аз хонандагон хоҳиш кунед: ҳарферо нишон диҳанд, ки [о], ҳарферо нишон диҳанд, ки [а] ва ҳарферо нишон диҳанд, ки [л] хонда шавад.
2) Машқи овозӣ. Нақли омӯзгор дар бораи нон. Мад (кашишнок) талаффуз кардани овози [н].
3) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [н]. Тавсия: хонандаеро назди тахтаи синф даъват карда, хоҳиш намоед, ки овози [н]-ро бурро талаффуз кунад. Ҳангоми талаффузи овози [н]

ба ҳолати забон ва ком диққат диҳед. Машқи талаффузи овози [н]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.Ҷудо кардани овози [н] аз аввал, мобайн ва охири калима. Биёед, фикр карда калимаҳое мегӯем, ки:

- дар аввал овози [н] доранд: нон, нок, най,…
- дар мобайн [н] доранд: ана, қанд, танг, ...
- дар охир [н] доранд: дон, ҷон, миён, ... доранд.

4) Шиносоӣ бо ҳарфи «н». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
5) Машқи навиштани ҳарфи «н»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «н»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «н»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «н»-ро машқ кунанд. Тарзи навишти онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед. Дастоварди хонандагонро қадр кунед.
6) Лаҳзаи дамгирӣ
7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):**нннооон, лллооо-нnна.** Хонандагон якҷоя мехонанд: **нннооон, лллооо-нnна.** Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад: **нннооон, лллооо-нnна**
8) Машқи васл кардани ҳарфи «н» бо ҳарфи «а». Тарзи васлшавии ҳарфи «н»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «н»-ро ба ҳарфи «а» васл кунанд. Тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед. Ба онҳо ёрӣ диҳед.
9) Суҳбат аз рӯйи расми нок. Намунаи суҳбат:
   - *Шумо дар расм чиро мебинед?*
   - *Мо дар расм нокро мебинем.*
   - *Ранги нок чӣ хел аст?*
   - *Ранги нок зард аст.*
   - *Маззаи нок чӣ гуна аст?*
   - *Маззаи нок ширин аст.....*
10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

Соати дуюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҷумлаҳоро ба таври ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян кунанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- доир ба ҳарфи «н» шеъру суруд ва чистонҳоро аз ёд гуфта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоби дуруст дода тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

1) Машқи хониши ҷумлаҳо. Омӯзгор мехонад: лллооо-ллла, ааа-нnна, лллооо-нnна. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд: Лллооо-ллла, ааа-нnна лллооо-нnна.
2) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Монанди намунаи зер нақшаи ранга омода кунед (барои ҳар як миз).

| | |
|---|---|
|  | Л |
|  | О |
|  | Н |
|  | А |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳарфҳои омӯхтаро мувофиқи рангҳо гузоранд. Калимаи ҳосилшударо хонанд: Лона.

3) Суҳбат аз рӯйи расм. Намунаи саволу ҷавоб:
   - *Дар расм чиро мебинед?*
   - *Дар расм писарак ва хоҳарашро мебинем.*
   - *Вай ба чӣ нишон медиҳад?*
   - *Вай ба дарахт нишон медиҳад.*
   - *Дар дарахт чиро мебинем?*
   - *Дар дарахт лонаро мебинем.*
   - *Лонаи чӣ?*
   - *Лонаи паранда...*
4) Дар ҷараёни суҳбат ба қоидаҳои забони тоҷикӣ риоя кунед. Онро аз хонандагони худ талаб кунед. Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагон бештар ба лаҳҷа одат кардаанд ва мутаносибан ба лаҳҷа гап мезананд (баъзе омӯзгорон ҳам). Мақсад инкишоф додани нутқи шифоҳии хонандагон ба забони адабӣ мебошад.
5) Калимаи "Лона"-ро таҳлили овозӣ кунед.
6) Машқи калимаи «лона» бо риояи тарзҳои васлшавӣ. Тарзи навишти калимаи «лона»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «лона»-ро нависанд. Тарзи васлкунии ҳарфҳои калимаи «лона»-ро назорат кунед. Ба хонандагоне, ки душворӣ мекашанд, ёрӣ расонед.

7) Бозӣ: ҳарфи «Н» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Н созанд Бо ресмон н-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

8) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Н» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «Н»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Н»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «Н»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ нависанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н-ро нишон диҳед. Хонандагон бояд овози ин ҳарфҳоро талаффуз кунанд.
2) Машқи хониши калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва хат мебаранд: ооон, ааа-ллло. Хонандагон якҷоя мехонанд: ооон, ааа-ллло. Хонандагон ҳарфҳоро нишон дода бонавбат мехонанд, дигарон хат мебаранд: ооон, ааа-ллло
3) Машқи навиштани ҳарфи «Н»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тарзи навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Н»-ро нишон диҳед. Аз сатри хурд боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо ҳаракати ҳарфи «Н»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат «Н»-ро машқ кунанд. Дастоварди хонандагонро қадр кунед.
4) Саволу ҷавоб аз рӯйи расми «Зоғ, панир ва рӯбоҳ». Мазмуни расмро ҳикоя кунед. Доир ба мазмуни ҳикоя савол диҳед. Хонандагон ба саволҳо ҷавоб медиҳанд. Ҳангоми ҷавоб додан ба меъёрҳои забони тоҷикӣ ва тарзи ҷавобдиҳии ҳонандагон диққат диҳед.
5) Машқи васл кардани ҳарфи «Н» бо ҳарфи "н". Тарзи васлшавии ҳарфи «Н»-ро бо ҳарфи «н» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи

тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «Н»-ро ба ҳарфи «н» васл кунанд. Тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед, ёрӣ расонед.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҷумларо ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- аз ҳарфҳои пароканда калима тартиб дода, хонда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- фарқи номи гул ва номи шахсро гуфта тавонанд;
- доир ба ҳарфи «н» саволу ҷавоб карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи хониши ҷумла. Шумо бурро хонед, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва якҷоя мехонанд: Лллооо-ллла, ааа-ннна лллооо-ллла. Хонандагон ҳарфҳоро нишон дода, бонавбат мехонанд, дигарон хат мебаранд: Лллооо-ллла, ааа-ннна лллооо-ллла.
2) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима гирд меорад?». Ин оғози силсилабозиҳоест, ки минбаъд хонандагон ба таври васеъ истифода мебаранд. Барои ҳамин тарзи иҷрои онро дар тахтаи синф шарҳ диҳед.
   - О, Л, А, Л __ ЛОЛА
   - Н, Л, О, А __ЛОНА
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳо. Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳои «лола» ва «Лола»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.Тарзи васлкунии ҳарфҳоро назорат кунед ва кумак кунед.
5) Аз хонандагон пурсед, ки барои чӣ аввали калимаи «лола» ҳам бо ҳарфи хурд ва ҳам бо ҳарфи калон навишта шудааст? Ҷавобҳои хонандагонро бодиққат гӯш кунед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки дар хат номи одамон бо ҳарфи калон навишта мешавад. «Лола»-е, ки дар аввал ҳарфи калон навишта шудааст, номи одам аст. «лола»-е, ки аввалаш бо ҳарфи хурд навишта шудааст номи гул аст. Саволро такроран ба чанд нафар диҳед ва боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо дуруст фаҳмидаанд.
6) Машқи «Саволаку ҷавобак». Бо хонандагон саволу ҷавоб кунед: *Паранда дар куҷо зиндагӣ мекунад? – (лона).* Ҳам номи гул асту ҳам номи одам? – (лола).
7) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо оид ба ҳарфи «н».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 11-14. Овоз ва ҳарфи Мм –4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [м]. Талаффузи овози[м]. Ҷудо кардани овози [м] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Муқоисаи онҳо. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «мМ». Машқи навиштани ҳарфи «м» (хурду калон). Машқи васл кардани ҳарфи «м» ба ҳарфи «а». Машқи васл кардани ҳарфи «М» ба ҳарфҳои дигар. Машқи хондани ҳиҷо. Суҳбат аз рӯйи расм. Ҳангоми суҳбат риоя кардани забони адабӣ. Аз рӯйи нақша тартиб додани калимаҳо ва ҷумла. Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани калимаҳо. Бозӣ: «М» ба чӣ монанд аст?

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле одии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Соати якум.
**Мақсади дарс.**Хонандагон бояд:
- овози [м]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [м]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «м»-ро навишта тавонанд;
- ҳарфи «м»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «м»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- хосиятҳои мӯрча ва мушроро гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Нақли омӯзгор дар бораи мазмуни расмҳое, ки ҳарфи «м» доранд.
2) Машқи тарзи талаффузи овози [м]. Ҳангоми талаффузи овози [м] ба ҳолати лабҳо диққат диҳанд. Талаффузи овози [м]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ машқ кунед.Ҷудо кардани овози [м] аз аввал, мобайн ва охири калима. Ба хонандагон муроҷиат карда гӯед: *Биёед, фикр карда калимаҳоеро мегӯем, ки* овози [м]*:*
   - дар аввал: модар, мурғ, мор,…
   - дар мобайн: амма, нома, яхмос, …
   - дар охир: ном, рақам, шабнам … доранд.
3) Шумо метавонед ба ҷойи ин калимаҳо аз хонандагон пурсед, ки номи кадоми онҳо дар аввал, мобайн ва охир овози [м] дорад.
4) Шиносоӣ бо ҳарфи «м». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
5) Машқи навиштани ҳарфи «м»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «м»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «м»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «м»-ро машқ кунанд.
6) Тарзи навишти онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
7) Лаҳзаи дамгирӣ
8) Машқи хониши ҳиҷоҳо. Тарзи хониши ҳиҷоҳоро нишон диҳед. Хонандагон хат мебаранд ва якҷоя мехонанд: **нннооо, мммооо, ллlooo, нннааа, мммааа, ллaaa.**
9) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад: **нннооо, мммооо, ллооо, нннааа, мммааа, лллааа.**
10) Машқи васл кардани ҳарфи «м» ба ҳарфи «а». Тарзи васлшавии ҳарфи «м»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «м»-ро ба ҳарфи «а» васл карда нависанд. Тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
11) Калимаҳои “мӯрча” ва “муш”-ро таҳлили овозӣ кунед. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҷумлаҳои хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «м» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «н». Аз хонандагон хоҳиш кунед: Ҳарферо нишон диҳанд, ки [а], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ммм], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ннн] ва ҳарферо нишон диҳанд, ки [ллл] хонда шавад.
2) Суҳбат аз рӯйи расмҳо. Дар бораи «нома» маълумот диҳед. Гӯед, ки вай чист ва барои чӣ даркор аст? Расмҳоро нишон дода нақл кунед. Пас аз он доир ба нақли худ савол диҳед. Муайян кунед, ки нақли шуморо фаҳмидаанд, ё не.
3) Калимаи "нома"-ро таҳлили овозӣ кунед.
4) Машқи хондани ҷумлаҳо. Хонед: Лллооо-ллла, ааа-ннна нннооммма. Ммма, лллооо-ллла нннооо-ммма. Ааа-ннна, лллооо-ллла (моҳӣ).
5) Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд: Лллооо-ллла, ааа-ннна, нннооммма. Ммма, лллооо-ллла нннооо-ммма. Ааа-ннна, лллооо-ллла.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.
7) Муайян кардани овозу ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Фарқ карда тавонистани садоноку ҳамсадоро монанди дарсҳои қаблӣ санҷед.
8) Машқи навиштани калимаи «нома» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, навишти калимаи «нома»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «нома»-ро нависанд.
9) Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии ҳарфҳои калимаи «нома»-ро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
10) Аз ёд кардани шеър дар васфи «М» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «М»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «М»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «М»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ нависанд.

**Маводди таълим:** ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н-ро нишон дода, овози ин ҳарфҳоро талаффуз кунанд.
2) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва хат мебаранд: лллооо-ллла, лллооо-ннна, нннооо-ммма, нннооон, нннооммма.
3) Хонандагон якҷоя мехонанд: лллооо-ллла, лллооо-ннна, нннооо-ммма, нннооон, нннооммма.
4) Хонандагон ҳарфҳоро нишон дода, бонавбат мехонанд, дигарон хат мебаранд: лллооо-ллла, лллооо-ннна, нннооо-ммма, нннооон, нннооммма
5) Машқи навиштани ҳарфи «М»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «М»-ро нишон диҳед. Аз сатри хурд боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
6) Дар фазо ҳаракати ҳарфи «М»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат «М»-ро машқ кунанд.
7) Лаҳзаи дамгирӣ.
8) Машқи васл кардани ҳарфи «М». Тарзи васлшавии ҳарфи «М»-ро бо ҳарфи «м» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «М»-ро ба ҳарфи «м» васл кунанд.

Соати чорум

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- аз ҳарфҳои пароканда калима тартиб дода тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «м» саволу ҷавоб карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва хат мебаранд: нннооо-ммма, ллтооо-ллла, лллооо-нннa, нннооон.
2) Хонандагон якҷоя ва фардӣ мехонанд: нннооо-ммма, лллооо-ллла, лллооо-ннна, нннооон.
3) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳарфҳои пароканда калимаҳо месозанд.
   а) О, Л, А, Л
   б) М, О, Н, А
   в) А, М, Н, О
4) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳо. Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «Мо»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
5) Калимаҳои “маймун”, “малах” ва “майна”-ро таҳлили овозӣ кунед.
6) Бозӣ: ҳарфи «М» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи М созанд. Бо ресмон М-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
7) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «м».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 15-18. Овоз ва ҳарфи Рр – 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [р]. Талаффузи овози [р]. Ҷудо кардани [р] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Муқоисаи онҳо. Машқи хониши ҳиҷоӣ. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «р». Машқи навиштани ҳарфи «р» (хурду калон). Машқи васл кардани ҳарфи хурду калони «Р» ба ҳарфҳои дигар. Машқи ҳиҷоӣ хондан. Суҳбат аз рӯйи расм. Ҳангоми суҳбат риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Аз рӯйи нақша хондани калима. Аз ҳарфҳо тартиб додани ҳиҷо ва бурро талаффуз кардани онҳо. Ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Навиштани калимаҳо. Машқи хондани ҷумлаҳо.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Соати якум.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [р]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [р]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «р»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «р»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «р»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи радио маълумоти кӯтоҳ дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «р». Аз хонандагон хоҳиш кунед: Ҳарферо нишон диҳанд, ки [ааа], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ммм], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ннн], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ллл], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ооо] хонда шавад.
2) Машқи овозӣ. Омӯзгор шеърро ифоданок хонда, овози [р]-ро баланд ва мад кашида, талаффуз мекунад:
   - Зоғи ало!
   - Қаррр, қаррр-қаррр!
   - Чӣ мехӯрррӣ?
   - Ҳалвои таррр.
   - Кай мерррравӣ?
   - Вақти саҳаррр.
   - Кай меойӣ?
   - Соли дигаррр.
3) Саволу ҷавоб. Канӣ, бачаҳо, имрӯз мо кадом овозро меомӯзем?

– Овози [р]-ро.
– О-фа-рин!

4) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [р]. Як хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, хоҳиш намоед, ки овози [р]-ро бурро талаффуз кунад. Ҳангоми талаффузи овози [р] ба ҳолати забон диққат диҳанд.
5) Машқи талаффузи овози [р]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед.
6) Ҷудо кардани овози [р] аз аввал, мобайн ва охири калима. Биёед, фикр карда калимаҳоеро мегӯем, ки:
   - дар аввал овози [р] доранд: Рустам, Рухшона, рама,…
   - дар мобайн [р] доранд: дору, дард, корд, ...
   - дар охир [р] доранд: кор, бор, анор … доранд.
7) Шиносоӣ бо ҳарфи «р». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
8) Машқи навиштани ҳарфи «р»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «р»-ро нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба аз сатр поён навиштани як қисми ҳарфи “р” ҷалб кунед. Дар фазо машқи ҳарфи «р»-ро нишон диҳед.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар (дафтари машқи хат) навиштани «р»-ро машқ кунанд. Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед ва ёрӣ диҳед.
10) Лаҳзаи дамгирӣ
11) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):**ааа-нннooop, ррраaa-ммма, ааа-ннна, мммааа-ннна**
12) Якҷоя, ҳиҷоӣ хондани калимаҳоро ба роҳ монед (хонандагон якҷоя мехонанд):
    **ааа-нннooop, ррраaa-ммма, ааа-ннна, мммааа-ннна**
13) Инфиродӣ хонданро машқ кунонед. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:
    **ааа-нннooop, ррраaa-ммма, ааа-ннна, мммааа-ннна**

14) Машқи васл кардани ҳарфи «р» ба ҳарфи «а». Тартиби васлшавии ҳарфи «р»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
15) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «р»-ро ба ҳарфи «а» васл карда нависанд.
16) Дар бораи радио мухтасар маълумот диҳед. Аз хонандагон доир ба маълумоти додаатон саволу ҷавоб кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани қоидаҳои забони тоҷикиро фаромӯш накунед.
17) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии тарзи фаъол ба берун баноред.

Соати дуюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҷумлаҳои хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни нақли омӯзгор ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «р» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

1) Машқи хондани ҷумлаҳо. Омӯзгор мехонад: Ааа-нннооор, ааа-ннна, Лллооо-ллла. Мммааа-ннна ррраaa-ммма.
2) Машқи хониши калимаҳои омӯхташуда: нннооо-ммма, нннооон, лллооо-ннна.
3) Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд. *Ааа-нннооор, ааа-ннна, Лллооо-ллла. Мммааа-ннна ррраaa-ммма. нннооо-ммма, нннооон, лллооо-ннна*
4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Монанди дарсҳои қаблӣ садонок ва ҳамсадоҳоро такрор кунед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Машқи навиштани калимаи «рама» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «рама»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «рама»-ро нависанд. Ба хонандагон ёрӣ расонед.
7) Суҳбат аз рӯйи расм. Аз рӯйи мазмуни расм афсонаи «Рӯбоҳ ва мурғи зирак»-ро нақл кунед. Аз рӯйи мазмуни ҳикоя бо хонандагон саволу ҷавоб карда, меъёрҳои саволу ҷавобро риоя намоед.
8) Калимаи "рӯбоҳ"-ро таҳлили овозӣ кунед.
9) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Р» (аз баёни омӯзгор).

Соати сеюм

**Мақсади дарс.**Хонандагон бояд:

- ҳарфи «Р»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Р»-ро навишта тавонанд;
- ҳарфи «Р»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ нависанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р-ро нишон диҳед. Хонандагон бояд овози ин ҳарфҳоро талаффуз кунанд.
2) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва якҷоя мехонанд: мммооор, ррроoом, мммааа-ннна.
3) Хонандагон бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд: мммооор, ррроoом, мммааа-ннна.

4) Машқи навиштани ҳарфи «Р»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Р»-ро нишон диҳед. Аз сатри хурд боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо ҳаракати ҳарфи «Р»-ро нишон диҳед.
5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Р»-ро машқ кунанд.
6) Лаҳзаи дамгирӣ
7) Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Машқи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима.
8) Машқи васл кардани ҳарфи «Р». Тартиби васлшавии ҳарфи «Р»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «Р»-ро ба ҳарфи «а» васл кунанд ва ҳиҷои ҳосилшударо хонанд.
10) Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед.

Соати чорум

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- калимаю ҷумлаҳои хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- аз ҳарфҳои пароканда калима тартиб дода, хонда тавонанд;
- аз ҳиҷоҳои пароканда калима тартиб дода, хонда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «р» саволу ҷавоб карда тавонанд;
- аз рӯйи расм ва нақша ҷумла сохта тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи хониши калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва хат мебаранд: ааа-нннооор ааа-нннa, рррооом,мммооор.
2) Хонандагон бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд: ааа-нннооор ааа-нннa, рррооом,мммооор.
3) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳарфҳои пароканда калимаҳо месозанд.
   - О, Л, А, Л
   - Н, О, Р, А
   - М, А, Р, А
   - М, О, Н, А
4) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳо. Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «Анор»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
6) Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии ҳарфҳоро назорат кунед, ёрӣ расонед.
7) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо месозанд.

| | |
|---|---|
| РА | ЛА |
| ЛО | МА |
| МА | НО |

8) Машқи сохтани ҷумла аз рӯйи расм ва нақша
9) Бозӣ: ҳарфи «Р» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Р созанд Бо ресмон Р-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
10) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Р».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 19-22. Овоз ва ҳарфи Шш–4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ш]. Талаффузи овози [ш]. Ҷудо кардани [ш] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Машқи ҳиҷоӣ хондан. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ш». Машқи навиштани ҳарфи «ш»-и хурду калон дар дафтар. Машқи васл кардани ҳарфи «ш» ба ҳарфҳои дигар. Хониши ҳиҷоии калима ва ҷумлаҳо. Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани ҳарфҳои калимаҳо. Бозӣ: «Ш»ба чӣ монанд аст? Суҳбат аз рӯйи расм. Ҳангоми суҳбат тибқи меъёрҳои забони адабӣ талаффуз кардани калимаҳо. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калима ва бурро талаффуз кардани онҳо. Машқи васл кардани ҳарфҳои калимаҳо. Ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Аз рӯйи расм ва нақша навиштани калимаҳо. Машқи руйнавис кардани калимаҳо.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Соати якум.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [ш]-ро бурро талаффуз кунанд;
- овози [ш]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «ш»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «ш»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «ш»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Нақли омӯзгор: «Буд, набуд, дар як ҷангал як ҳайвони чусту чолок, далеру нотарс .... гардани вай мӯйҳои дароз дорад,..... вайро шоҳи ҳайвонот мегӯянд,..... бо як ҷаҳиш ҳайвони аз худ калонро аз пой зада меафтонад..... *(сифатҳои шерро то ҳамон замоне номбар кардан гиред, ки хонандагон сарфаҳм раванд, ки он шер аст. Пас аз дуруст ҷавоб додани хонанда (гон) бошиддат такрор кунед)* Шшшер буд. Шшшер шшшоҳи ҳайвонот буд. Рӯзе мор аз назди шшшер фашшосзанон … шшшш карда мегузашт. Шшшер ба мор гуфт:
   Эй мор, чаро ин қадар ш-шш-шшш мекунӣ?»
   - Саволу ҷавоб. Канӣ, бачаҳо имрӯз мо кадом овозро меомӯзем?
   - Овози [ш]-ро.
   - О-фа-рин!
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ш]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ш] ба ҳолати забон, лабҳо ва дандонҳо ҷалб кунед. Машқи талаффузи овози [ш]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед. Ҷудо кардани овози [ш] аз аввал, мобайн ва охири калима. Биёед, калимаҳоеро мегӯем, ки:
   - дар аввал овози [ш] доранд: шодӣ, шакар, шӯрбо, шир,…

– дар мобайн [ш] доранд: дашт, тамошо, нишолло, ...
– дар охир [ш] доранд: ош, мош, муш, гӯш …

3) Шиносӣ бо ҳарфи «ш». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед. Намуна:




4) Машқи навиштани ҳарфи «ш»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «ш»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «ш»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ш»-ро машқ кунанд. Назди хонандагон рафта, тарзи нишасту навишти онҳоро назорат кунед.
5) Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.
6) Лаҳзаи дамгирӣ
7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):

**шшшооо-ннна, ооошшш-нннo, ааа-ннна, шшшааааш, мммооош.**

8) Инфиродӣ ва якҷоя хонданро машқ кунонед. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:

**шшшооо-ннна, ооошшш-нннo, ааа-ннна, шшшааааш, мммооош.**

9) Машқи васл кардани ҳарфи «ш» ба ҳарфи «о». Тартиби васлшавии ҳарфи «ш»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
10) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «ш»-ро ба ҳарфи «о» васл карда нависанд.
11) Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
12) Суҳбат аз рӯйи расмҳо. Намунаи суҳбат:

– *Шумо дар расм чиро мебинед?*
– *Мо дар расм шонаро мебинем.*
– *Шона барои чӣ даркор аст?*
– *Шона барои ҳамвор кардани мӯйи сар даркор аст.*
– *Шона аз чӣ сохта мешавад?*
– *Шона аз чӯб, оҳан ва пластмасса сохта мешавад.*
– *Шона ба кадом ҳарф монанд аст?*
– *Шона ба ҳарфи «ш» монанд аст.*
– *Биёед, калимаи шонаро ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунем:*
– *Шо-на.*
– *Дар расми дигар чиро мебинед?*
– *Шутурро мебинем.*
– *Дар бораи шутур чӣ медонед?*
– *Шутур ҳайвони боркаш аст, дар биёбонҳо (ҷойҳои беоб) зиндагӣ мекунад, хӯрокаш хор аст.*
– *Дар пушташ чӣ дорад?*
– *Шутур дар пушташ кӯҳон дорад.*
– *Кӯҳони пушташ ба чӣ монанд аст?*
– *Кӯҳони пушташ ба ҳарфи «ш» монанд аст.*
– *Биёед, калимаи шутурро ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунем:*
– *Шу-тур.*

13) Калимаи “шона”-ро таҳлили овозӣ кунед.
14) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

Соати дуюм
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҷумлаҳои хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– доир ба ҳарфи «ш» шеъру тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;
– аз рӯйи нақша ҷумла сохта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ш». Аз хонандагон хоҳиш кунед: Ҳарферо нишон диҳанд, ки [ррр], ҳарферо нишон диҳанд,ки [ммм], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ннн], ҳарферо нишон диҳанд, ки [ааа] хонда шавад.
2) Танҳо ба фаъолон такя накунед. Бештар онҳоеро пурсед, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои шумо дар шинохтани ҳарф душворӣ мекашанд.
3) Машқи хониши ҷумлаҳо. Омӯзгор (шонаро нишон дода): Ааа-ннна шшшоооо-ннна. Омӯзгор (рақами шаш ва шонаро нишон дода): Канӣ, бачаҳо, чанд шона? Хонандагон: – Шаш шона. Ооошшш-ннно, ммма, шшшооо-ннна. Машқи хониши калимаҳои омӯхташуда: Ааа-нннооор, ннноoон, ррраaa-ммма. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
4) Лаҳзаи дамгирӣ. Машқи гуфтани тезгӯякҳо бо ҳарфи «ш»:
   Шариф шашто шамъ афрӯхт. Шашто шамъи Шариф сӯхт.

   Аз дур омад ҳаш-ҳаш,
   Найзачаҳояш шасту шаш
5) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо ба доирачаҳои сабзу сурх.
6) Машқи навиштани калимаи «шона» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «шона»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «шона»-ро нависанд. Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии ҳарфҳои калимаи «шона»-ро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
7) Суҳбат аз рӯйи расм. Намунаи саволу ҷавоб:
   – Дар расм киро мебинед?
   – Дар расм духтаракро мебинем.
   – Вай чӣ кор мекунад?
   – Духтарак мӯйи сарашро шона мекунад.
   – Вай ба чӣ нигоҳ карда мӯйи сарашро шона мекунад?
   – Ба ойина нигоҳ карда мӯйи сарашро шона мекунад.
   – Дар назди оина боз чиҳо ҳаст?
   – Дар назди оина шампун, крем ҳаст.
   – Шампун барои чӣ даркор аст?
   – Шампун барои шустан ва маҳин кардани мӯй.
   – Крем барои чӣ даркор аст?
   – Крем барои муҳофизат кардани пӯсти рӯй ва дастон даркор аст.
   – Дар оина чанд акси духтарро мебинед?
   – Дар оина се акси духтарро мебинем.
   – Ба фикри шумо, чаро се аксро мебинем?
   – Барои он се аксро мебинем, ки оина сеқабата аст.
   – Шумо ҳам ҳар пагоҳ пеш аз мактаб мӯйи сари худро шона мекунед?
   – Бале. Мо ҳам пеш аз омадан ба мактаб мӯйи сарамонро шона мекунем.
   – Ба шумо кӣ ёрӣ мерасонад?
   – Модарам. Ба ман хоҳари калониам (ҷавобҳо метавонанд гуногун бошанд)
8) Аз рӯйи нақша ҷумласозиро машқ кунед.
9) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ш» (аз баёни омӯзгор):

Ш – шонаи шамшодист,
Ш – нишонест аз шодӣ.
Ш – набошад դониш нест,
Шавқу хушу хониш нест.
Ш – ҳар киро хуш ояд,
Шояд дилро кушояд. А. Баҳорӣ

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «Ш»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Ш»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «Ш»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ нависанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд.

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш-ро нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи хондани калимаҳо
   - Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд ва хат мебаранд. Сипас якҷоя ва бонавбат мехонанд:
     [лллооо-ллла], [лллооо-ннна], [рррааа-ммма], [ооошшш-ннно], [аааннн-ооор], [мммооош]

3) Машқи навиштани ҳарфи «Ш»-и калон

Тавсия:

- Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ш»-ро нишон диҳед. Аз сатри хурд боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
- Дар фазо ҳаракати ҳарфи «Ш»-ро нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар (дафтари машқи хат) навиштани «Ш»-ро машқ кунанд.
- Тарзи навишти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
- Дастоварди хонандагонро бо имову ишора, сухан ва кафкӯбӣ қадр кунед.

4) Лаҳзаи дамгирӣ
5) Саволу ҷавоб аз рӯйи расми «Шоҳмот»
6) Машқи васл кардани ҳарфи «ш»
   - Тартиби васлшавии ҳарфи «о»-ро бо ҳарфи «ш» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «о»-ро ба ҳарфи «ш» васл кунанд ва калимаи ҳосилшударо хонанд.
   - Тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҷумлаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- аз ҳарфҳои пароканда калима тартиб дода, хонда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- аз ҳиҷоҳои пароканда калима тартиб дода, хонда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «ш» саволу ҷавоб карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи хондани ҷумлаҳо

   Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, якҷоя ва бонавбат инфиродӣ мехонанд:

   а. [лллооо-ллла/ ааа-ннна/ лллооо-ннна//] [ааа-нннооор/ мммааа-ннна/ ааа-нннооор//]. [ооошшш-нннo/ ммма мммооош//]. /-исти кӯтоҳ, //-исти дароз.

2) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳарфҳои пароканда калимаҳо месозанд.
- О, Л, А, Л
- Н, О, Р, А
- Ш, О Н, О
- М, А, Р, А
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳо
- Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «мош»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд
4) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо месозанд.

| | |
|---|---|
| ШО | НО |
| РА | ЛА |
| ЛО | МА |
| ОШ | НА |

5) Машқи «Саволаку ҷавобак»

Бо хонандагон саволу ҷавоб кунед:
- Мӯятонро чӣ ба тартиб меандозад? – (шона)
- Шоҳи ҳайвонот кадом аст? – (шер)
- Он чист, ки бе дасту по дарвозаро мекушояд? – (шамол)
- Кадом ҳашароти зебо болои гулҳо парвоз мекунад? – (шапарак)

Калимаҳоро аввал аз рост ба чап ва аз чап ба рост хонед: шом, ном, ром.

6) Бозӣ: ҳарфи «Ш» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ш созанд Бо ресмон Ш-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
7) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «ш».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 23-26. Овоз ва ҳарфи Хх -4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [х]. Талаффузи овози [х]. Ҷудо кардани овози [х] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Хониши ҳиҷоӣ. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «х». Машқи навиштани ҳарфи «х»-и хурду калон. Машқи васл кардани ҳарфи «х» ба ҳарфҳои дигар. Хониши ҳиҷоии калимаҳо ва ҷумлаҳо. Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани калимаҳо. Ҳарфҳоро иваз карда, калимаи нав сохтан. Машқи якҷоя хондан. Машқи навиштани ҳарфи «Х». Аз рӯйи расм ва нақша навиштани калимаҳо. Бозӣ: «х»-ро аз чӣ сохтан мумкин аст? Суҳбат аз рӯйи расми афсона. Ҳангоми суҳбат тибқи меъёрҳои забони адабӣ талаффуз кардани калимаҳо. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Аломати нуқта дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Соати якум.**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [х]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;

- овози [х]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «х»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «х»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «х»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- хусусиятҳои харгӯшро номбар карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.
   - Дар бораи харгӯш нақл кунед. Овози [х]-ро мад кашида талаффуз кунед.

Рӯзе хххаргӯш ҳамсояи ххxирс шуд. Хххаргӯш хххона сохххт. Хххаргӯш хххонаро аз хххас сохххт. Ххxирс хххоб кард. Ххxирс дар хххоб хххур-хххур кард. Хххонаи хххаргӯш чаппа шуд. Хххаргӯш хххафа шуд. Ххxирс бахххшиш пурсид. Барои хххаргӯш аз нав хххона сохxт. Хххаргӯш хххурсанд шуд.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [х]
   - (Як хонанда назди тахтаи синф баромада овози [х]-ро бурро талаффуз мекунад). Ҳангоми талаффузи овози [х] диққати хонандагонро ба ҳолати бехи забон ва ком ҷалб кунед.
   - Машқи талаффузи овози [х]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед.
   - Ҷудо кардани овози [х] аз аввал, мобайн ва охири калима.

Биёед, калимаҳоеро мегӯем, ки:

- дар аввал овози [х]: хона, харгӯш, харбуза,…..
- дар мобайн [х]: дарахт, тахта, пахта, ……….
- дар охир [х]: шох, Фаррух, нах ……. доранд.

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «х»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «х»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

- Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «х»-ро нишон диҳед.
- Дар фазо ҳаракати ҳарфи «х»-ро нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «х»-ро машқ кунанд.
- Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед, ёрӣ расонед.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

Тавсия: Ба мазмуни афсонаи “Хонаи харгӯш” баргардед. Рафтори хирсро муҳокима кунед. Гӯед, ки хирс гуноҳ кард ва бахшиш пурсид. Мабодо, шумо ҳам, тасодуфан, ба нафаре зарар расондед, ё касеро ранҷондед, аз вай чӣ мепурсед? Хонандагон бояд гӯянд, ки бахшиш мепурсем. Тарзи бахшиш пурсиданро машқ кунед.

6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо
   - Тарзи хониши ҳиҷоиро машқ кунед. Хонандагон якҷоя ва инфиродӣ мехонанд:
     хххооо-нннa, хххооо-ллла, хххоон, хххооом, хххооол, хххооор
7) Машқи васл кардани ҳарфи «х» ба ҳарфи «о»
   - Тарзи васлшавии ҳарфи «х»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «х»-ро ба ҳарфи «о» васл карда нависанд.
   - Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Суҳбат аз рӯйи расми харгӯш. Дар бораи харгӯш маълумоти мухтасар диҳед.
9) Калимаи “хона”-ро таҳлили овозӣ кунед.
10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии тарзи фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҷумлаҳоро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– суханони худро дар нақшофарӣ иҷро карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ҷумла сохта тавонанд;
– доир ба ҳарфи «х» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «х»
Аз хонандагон хоҳиш кунед:
– ҳарферо нишон диҳанд, ки [ррр],
– ҳарферо нишон диҳанд, ки [ммм],
– ҳарферо нишон диҳанд, ки  [ннн],
– ҳарферо нишон диҳанд, ки [ааа],
– ҳарферо нишон диҳанд, ки [шшш],
– ҳарферо нишон диҳанд, ки [ххх] хонда шавад.
Тавсия:
Бештар онҳоеро пурсед, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои шумо дар шинохтани ҳарф душворӣ мекашанд.

2) Машқи хониши чумлаҳо
Ҷумлаҳои саҳ.ифаи  45-и китоби «Алифбо»-ро хонед. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
3) Бозӣ: «Маро бо худ мегиред?»  Хонандагон ба чор гурӯҳи сенафарӣ тақсим мешаванд ва нақшофарӣ мекунанд.
Гурӯҳи якум:  «Х» , «О» ва «Р»
Гурӯҳи дуюм: «Х» , «О» ва «М»
Гурӯҳи сеюм:  «Х» , «О» ва «Н»
Гурӯҳи чорум:  «Х» , «О» ва «Л»
Шарти бозӣ: «Х» ва «О» ду нафар дӯст буданд. Онҳо, барои он ки калима шаванд, як нафари дигарро мекобанд. Нафари сеюм- «Р» меояд ва мепурсад:
– Маро бо худ мегиред? Мегирем, барои чӣ нагирем? – мегӯянд «Х» ва «О» ва мешаванд «Хор», Ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯянд, ки моро хонед.
Ба ҳамин тартиб, се гурӯҳи дигар баромад карда, калимаҳои “хом”, “хон”, “хол” ҳосил мекунанд ва мехонанд.
Фаъолияти гурӯҳҳо арзёбӣ мешавад.
Тавсия: Гурӯҳҳоро бо ҳам муқоиса накунед. Як гурӯҳро аз гурӯҳи дигар беҳтар наҳисобед. Ҷиҳатҳои мусбати кори ҳар як гурӯҳро қайд кунед ва таъриф намоед.
4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо бо доирачаҳои сабзу сурх.
5) Машқи навиштани  калимаи «хона» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ
– Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «хона»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «хона»-ро  нависанд.
– Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии ҳарфҳои калимаи «хона»-ро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
6) Суҳбат аз рӯйи расм.
Мазмуни расмро аз рӯйи афсонаи «Хар ва хурӯс» ҳикоя кунед.
Аз рӯйи мазмуни афсона бо хонандагон саволу ҷавоб ташкил намоед.

7) Аз рӯйи мазмуни расм ва нақша машқи ҷумласозӣ гузаронед.
8) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Хх» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Х»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Х»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «Х»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ нависанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш, Х-ро нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳо (саҳ. 46)
3) Машқи навиштани ҳарфи «Х»-и калон

Тавсия:

– Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Х»-ро нишон диҳед. Аз сатри хурд боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
– Дар фазо ҳаракати ҳарфи «Х»-ро нишон диҳед.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Х»-ро машқ кунанд.

4) Машқи хондани калимаҳо
   – Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд ва такрор менамоянд:

**хххооо-ллла, ннnооо-ммма, хххооон, хххооо-нннo, хххооол, нннооо-мммааа-рррооо**

5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи васл кардани ҳарфи «Х»
   – Тарзи васлшавии ҳарфи «Х»-ро бо ҳарфи «х» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
   – Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «Х»-ро ба ҳарфи «х» васл карда нависанд.

Соати чорум

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– тарзи хондани омӯзгорро бодиққат гӯш карда, доир ба мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҷумлаҳои матнро хонда, доир ба мазмуни он ба саволҳо ҷавоб диҳанд;
– ҷумларо рӯйнавис карда тавонанд;
– аввали ҷумларо нишон дода тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумларо гӯянд;
– дар охири ҷумла гузоштани аломати нуқтаро донанд;
– ҳангоми навштани ҷумла масофаи байни калимаҳоро риоя кунанд;
– доир ба ҳарфи «х» саволу ҷавоб карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

Дар ин дарс малакаи хондан ва саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн ба роҳ монда мешавад. Ин оғози хондан ба мақсади дарки маънӣ мебошад.

1) Саволу ҷавоб
2) Хондани матни "Нома". Қабл аз хониши матн аз рӯйи расм суҳбат гузаронед.
   - Матни "Нома"-ро хонед. Дар ҷараёни хондан калимаҳои якҳиҷодорро яклухт талаффуз кунед. Калимаҳои дуҳиҷодорро ҳиҷоӣ бурро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки тарзи хониши шуморо бодиққат гӯш карда хат баранд.
   - Бори дуюм матнро ҷумла ба ҷумла хонед. Мазмунашро бо расм алоқаманд намуда, нақл кунед.
   - Хонандагон матнро якнафарӣ мехонанд. Доир ба мазмуни расм ва матн савол диҳед.

Намунаи саволу ҷавоб:
Хонандаи якум. Ҷумлаи якумро мехонад.
Духтарак чӣ гуфт?
Духтарак гуфт, ки хола, ма нома.......

3) Машқи рӯйнавис кардани калимаи "Хол" ва ҷумла.
   - Пас аз навиштани ҷумла баробари қоидаҳои васлшавии ҳарфҳо дар бораи ҷумла маълумот диҳед. Бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охири он гузоштани нуқтаро шарҳ диҳед. Дар бораи масофаи байни калимаҳои ҷумла низ гӯед ва онро дар ҷумлаи навиштаатон нишон диҳед. Таъкид кунед, ки масофаи байни калимаҳо бояд ба андозаи як ҳарф бошад.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна ҷумларо рӯйнавис кунанд ва хонанд.
   - Назди хонандагон рафта, риояи қоидаҳои дар боло зикршударо назорат кунед. Ба хонандагон ёрӣ расонед.
4) Бозӣ: ҳарфи «Х» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Х созанд Бо ресмон Х-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

5) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯяку чистонҳо дар бораи ҳарфи «х».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 27-30. Овоз ва ҳарфи Уу - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [у]. Талаффузи овози [у]. Ҷудо кардани овози [у] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Муқоисаи онҳо. Хониши ҳиҷоӣ. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «у». Машқи навиштани ҳарфи «у»-и хурду калон. Машқи васл кардани ҳарфҳои калима. Хониши ҳиҷоии калима ва ҷумлаҳо. Садонокҳои о, а, у. Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани калимаҳо. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи васл кардани ҳарфҳои калима. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Машқи навиштани ҳарфи «У». Хониши ҳиҷоӣ. Машқи рӯйнавис кардани номи одамон. Бозӣ: «У» ба чӣ монанд аст? Машқи руйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Аломати нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Соати якум.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [у]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [у]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «у»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «у»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «у»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи усто ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.
   - Дар бораи гург як ҳикоя карда, уллос кашидани онро возеҳу равшан нишон диҳед. Дар дигар калимаҳои у-дошта низ овози [у]-ро мад кашида, талаффуз кунед.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [у]
   - Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [у] ба ҳолати лабҳо ҷалб кунед.
   - Машқи талаффузи овози [у]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.
   - Ҷудо кардани овози [у] аз аввал, мобайн ва охири калима.

Биёед, калимаҳоеро мегӯем, ки:
   - дар аввал овози [у]: уқоб, Убайд, уф,…..
   - дар мобайн [у]: дарахт, дуд, буд, шуд, ……….
   - дар охир [у]: дору, зону, каду ……. доранд.

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «у»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «у»-и хурд дар дафтар

Тавсия:
   - Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «у»-ро нишон диҳед.
   - Машқи ҳарфи «у»-ро дар фазо нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҳарфи «у»-ро машқ кунанд.
   - Назди хонандагон рафта, тарзи навишти онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

5) Машқи хониши ҳиҷоиро машқ кунед:
   Ууу-мммааар, ооо-лллу, хххooом, Нннуур, хххуууррр-мммо
   - Хонандагон якҷоя мехонанд:
   Ууу-мммааар, ооо-лллу, хххooом, Нннуур, хххуууррр-мммо
   - Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:
   Ууу-мммааар, ооо-лллу, хххooом, Нннуур, хххуууррр-мммо
6) Машқи васл кардани ҳарфи «у» дар калима
   - Тарзи васлшавии ҳарфи «у»-ро бо ҳарфи «р» фаҳмонда, нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «хур-мо»-ро нависанд.
7) Суҳбат аз рӯйи расми “Усто”. Дар бораи Усто ва кори ӯ саволу ҷавоб кунед.
8) Калимаи “уқоб”-ро таҳлили овозӣ кунед.
9) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;

- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани ҳарфи аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «у» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «х»

Аз хонандагон хоҳиш кунед:

- ҳарферо нишон диҳанд, ки [ррр],
- ҳарферо нишон диҳанд, ки [ммм],
- ҳарферо нишон диҳанд, ки [ннн],
- ҳарферо нишон диҳанд, ки [ххх],
- ҳарферо нишон диҳанд, ки [шшш],
- ҳарферо нишон диҳанд, ки [ууу] хонда шаванд.

Тавсия:

Бештар онҳоеро пурсед, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои шумо дар шинохтани ҳарф душворӣ мекашанд.

2) Машқи хондани матни “Хурмо”.

Матни саҳ. 48-и китоби «Алифбо»-ро хонед ва аз рӯйи мазмуни матн дар нақшҳои Умар ва Нур бозӣ кунед.

Мазмуни матнро бо мазмуни расм мувофиқ карда, нақл кунед.

- Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро ба доирачаҳои сабзу сурх машқ кунед.

4) Машқи навиштани калимаи «олу» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ

- Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «олу»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «олу»-ро нависанд. Ба тарзи васлкунии ҳарфи “о” ба ҳарфи “л” диққат диҳед.
- Назди хонандагон рафта, тарзи васлкунии ҳарфҳои калимаи «олу»-ро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

5) Калимаи “олу”-ро таҳлили овозӣ кунед.

6) Тарзи навишти калимаи «Нур»-ро машқ кунед.

Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро таъкид кунед.

7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «У» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «У»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «У»-ро навишта тавонанд;
- аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хурдро хонда тавонанд;
- номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
- ҳарфи «У»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- аз рӯйи нақша ҷумла тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш, Х, У-ро нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳо. Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда ҳиҷоҳои саҳ. 49-ро мехонанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «У»-и калон

Тавсия:

- Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «У»-ро нишон диҳед. Аз сатри боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
- Навиштани ҳарфи «У»-ро дар фазо нишон диҳед.
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «У»-ро машқ кунанд.

4) Машқи хондани матни "Олу"
   - Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд ва такрор менамоянд.
   - Мазмуни ҷумлаҳоро бо мазмуни расм мувофиқ карда нақл кунед.
   - Аз рӯйи мазмуни нақл бо хонандагон саволу ҷавоб намоед.
   - Хонандагон бурро хондани ҷумлаҳоро машқ намоянд.
   - Аз рӯйи нақша мувофиқи мазмуни матн ҷумла сохтанро нишон диҳед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи васл кардани ҳарфи «У»
   - Тарзи васлшавии ҳарфи «У»-ро бо ҳарфи «м» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
   - Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Умар»-ро нависанд ва хонанд.
   - Назди хонандагон рафта тарзи васлкунии онҳоро назорат кунед.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- аз ҳарфу ҳиҷоҳои пароканда калима тартиб дода, хонда, тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавии ҳарфҳо навишта тавонанд;
- доир ба ҳарфи «У» саволу ҷавоб карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯяку чистонҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон(ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Мувофиқ гузоштани садоноку ҳамсадо ба доирачаҳои сабзу сурх.
2) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳарфҳои пароканда калимаҳо месозанд.
   - Ш, А, О, Н
   - М, О, Н, А
   - Х, А, Н, О
   - Р, У, М, А
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаи "малах" ва ҷумла. Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд. Назди хонандагон рафта, навиштани онҳоро назорат кунед.
4) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо месозанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| НО | ОШ | НА | ХО |
| МАР | У | ЛУ | О |
| МО | ХУР | МА | РА |

МА НО ЛА ХО

5) Бозӣ: ҳарфи «У» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи У созанд Бо ресмон У-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

6) Аз ёд гуфтани шеър, суруд ва тезгӯяку чистонҳо дар бораи ҳарфи «у».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 31-34. Овоз ва ҳарфи Ӯӯ - 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ӯ]. Талаффузи овози [ӯ]. Ҷудо кардани овози [ӯ] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ӯ». Машқи навиштани ҳарфи «ӯ»-и хурду калон. Машқи васл кардани ҳарфҳо. Хониши ҳиҷоии калима ва ҷумлаҳо. Машқи якҷоя хондан. Ба ҳиҷоҳо ҷудо карда навиштани калимаҳо. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо.
Машқи руйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Аломати нуқта дар охири ҷумла. Муқоисаи [у] ва [ӯ]. Муайян кардани садоноку ҳамсадоҳо. Хониши матн.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Соати якум
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [ӯ]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [ӯ]-ро аз аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «ӯ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «ӯ»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «ӯ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Калимаҳои дорои овози ӯ-ро возеҳу равшан талаффуз кунед. [ӯ]-ро мад кашида талаффуз кунед.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ӯ]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ӯ] ба ҳолати лабҳо ҷалб кунед. Машқи талаффузи овози [ӯ]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед. Ҷудо кардани овози [ӯ] аз аввал, мобайн ва охири калима. Биёед, калимаҳоеро мегӯем, ки:
   - дар аввал овози [ӯ]: ӯсма, ӯзбек, ӯрдак,…..
   - дар мобайн [ӯ]: гӯшт, гӯш, шӯр, ………
   - дар охир [ӯ]: хушрӯ, навҷӯ ……. доранд.
3) Шиносоӣ бо ҳарфи «ӯ». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «ӯ»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «ӯ»-ро нишон диҳед. Қисми аз хат поён ва хатчаи болои онро такроран нишон диҳед ва таъкид кунед, ки ҳангоми навиштан ба он диққат диҳанд. Дар фазо навиштани ҳарфи «ӯ»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ӯ»-ро машқ кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (аввал хонандагон хат мебаранд, баъд мехонанд):

**Хххӯӯӯ-шшша, шшшӯӯӯӯ-ллла, шшшӯӯӯр, шшшӯӯӯх**

Тавсия: Ба тарзи талаффузи овози ӯ диққат диҳед.
7) Калимаи "Ӯсма"-ро таҳлили овозӣ кунед.
8) Машқи васл кардани ҳарфи «ӯ» дар калима. Тарзи васлшавии ҳарфи «ӯ»-ро бо ҳарфи «х» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «шӯх»-ро нависанд.
9) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- аз рӯйи нақл ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садонокро муайян карда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- овоз ва ҳарфи ӯ ва у-ро фарқ карда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «ӯ» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ӯ». Аз хонандагон хоҳиш кунед:
   - ҳарфҳоеро нишон диҳанд, ки [р], [м], [у], [х], [ш], [ӯ] хонда шаванд.

2) Машқи хондани матни "Хӯша". Матни саҳифаи 51-и китоби «Алифбо»-ро хонед. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садонок. Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садонок бо доирачаҳои сабз.
4) Калимаи "хӯша"-ро таҳлили овозӣ кунед.
5) Машқи навиштани калимаи «хӯша» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «хӯша»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «хӯша»-ро нависанд. Тарзи васлкунии ҳарфҳои калимаи «хӯша»-ро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
6) Муқоисаи талаффузи у ва ӯ. Аз баёни омӯзгор навиштани калимаҳои хӯр ва хур. Муқоисаи ин калимаҳо дар навишт.
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ӯ» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «Ӯ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Ӯ»-ро навишта тавонанд;

– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– матнро хонда тавонанд;
– номи шахсро бо ҳарфи калон нависанд;
– ҳарфи «Ӯ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш, Х, У, Ӯ нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳои саҳ. 52-ро машқ мекунанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Ӯ»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ӯ»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо ҳаракати ҳарфи «Ӯ»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Ӯ»-ро машқ кунанд.
4) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд. Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи васл кардани ҳарфи «ӯ». Тартиби васлшавии ҳарфи «ӯ»-ро бо ҳарфҳои дигар фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат нависанд ва хонанд.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– аз ҳарфу ҳиҷоҳои пароканда калима тартиб дода, хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ва нақша ҷумла тартиб дода тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Ӯ» саволу ҷавоб карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Бо хонандагон садоноку ҳамсадоҳоро бо доирачаҳои мувофиқ гузоред.
2) Бозӣ: «Кӣ тезтар калима месозад?». Хонандагон дунафарӣ аз ҳарфҳои пароканда калимаҳо месозанд.
   – Ш, А, Ӯ, Л
   – М, О, Н, А
   – У, А, М, Р
   – Х, Ӯ, А, Ш
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳо ва ҷумла. Тартиб ва тарзи навишти калима ва ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
4) Машқи тартиб додани ҷумла аз рӯйи расм ва нақша.

5) Бозӣ: ҳарфи «Ӯ» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ӯ созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Ӯ».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 35-38. Овоз ва ҳарфи Сс - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [с]. Талаффузи овози [с]. Ҷудо кардани овози [с] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «с». Машқи навиштани ҳарфи «с»-и хурду калон. Машқи рӯйнавис кардани номи одамон. Хониши ҳиҷоии калима ва ҷумлаҳо. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кардан. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Хониши ҳиҷоӣ. Машқи навиштани ҳарфи «С». Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаи хеле хурд. Бозӣ: «с» ба чӣ монанд аст? Нишон додани ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Аломати нуқта дар охири ҷумла. Хониши матни "Шона".

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [с]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [с]-ро аз аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «с»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «с»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «с»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи соат ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Дар бораи саг ҳикоя карда, овози с-ро бурро талаффуз кунед. Дар дигар калимаҳои с-дошта низ овози [с]-ро мад кашида, талаффуз кунед.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [с]. Ҳангоми талаффузи овози [с] ба ҳолати забон ва дандонҳо лабҳо диққат диҳед. Машқи талаффузи овози [с]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.Ҷудо кардани овози [с] аз аввал, мобайн ва охири калима.

Биёед, калимаҳоеро мегӯем, ки:
- дар аввал овози [с]: саг, собун, соат,…..
- дар мобайн [с]: асп, даст, киса, ……….
- дар охир [с]: дос, хас, дарс ……. доранд.

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «с». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «с»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «с»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «с»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «с»-ро машқ кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
   - Хонандагон якҷоя, баъд ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:
7) Машқи васл кардани ҳарфи «с» дар калима. Тарзи васлшавии ҳарфи «с»-ро бо ҳарфи «л» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Аслам»-ро нависанд.
8) Суҳбат аз рӯйи расми соат. Дар бораи соат ва аҳамияти он саволу ҷавоб кунед.

9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
- доир ба ҳарфи «с» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «х»

Аз хонандагон хоҳиш кунед:
- ҳарфҳоеро нишон диҳанд, ки [р], [м], [н], [х], [ш], [у], [ӯ], [с] хонда шаванд.

**Тавсия**: Танҳо ба фаъолон такя накунед. Бештар онҳоеро пурсед, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои шумо дар шинохтани ҳарф душворӣ мекашанд.

2) Машқи хониши ҷумлаҳо. Матни саҳ. 53-и китоби «Алифбо»-ро хонед. Мазмуни матнро нақл кунед. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо ба доирачаҳои сабзу сурхро машқ кунед.
4) Машқи навиштани калимаҳои «Асо» ва “Асрор” бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, калимаҳои «Асо» ва “Асрор”-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат нависанд.
5) Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали номҳо ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро таъкид кунед.
6) Аз рӯйи расм машқи ҷумласозӣ гузаронед.
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «С» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «С»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «С»-ро навишта тавонанд;
- аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матнро хонда тавонанд;
- аввали номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- аз рӯйи расм ва нақша ҷумла тартиб дода тавонанд;
- ҳарфи «С»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш, Х, У, Ӯ, С-ро нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳо. Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда ҳиҷоҳои саҳ. 54-ро мехонанд.

3) Машқи навиштани ҳарфи «С»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «С»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо ҳаракати ҳарфи «С»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «С»-ро машқ кунанд.
4) Лаҳзаи дамгирӣ
5) Машқи васл кардани ҳарфи «С». Тарзи васлшавии ҳарфи «С»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Соро»-ро нависанд ва хонанд.
6) Суҳбат аз рӯйи расми (Сартарошхона) ва шифоҳӣ мувофиқи нақша тартиб додани ҷумла.

**Дарси чорум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
- матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)
**Равиши дарс**
1) **Бинго!**
Ин бозии мувофиқгузорӣ буда, ҳамаи хонандагони синф дар як вақт иҷро мекунанд. Бозии мазкур ба мақсади муайян кардани дониши хонандагон доир ба ҳарф, ҳиҷо ва калимаҳои омӯхта иҷро карда мешавад.
Тартиби иҷрои бозӣ:
1. Рӯйхати ҳарфҳоро тартиб диҳед: А, Л, М, Н, О, Р, С, У, Ӯ, Х, Ш.
2. Ҳар яки онро алоҳида дар варақчаи хурд нависед.
3. Варақчаҳоро тоб дода, ба қуттӣ ё халтача андозед.
4. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйхати умумии ҳарфҳо 9- тоашро интихоб намуда, дар ҷадвали «Бинго!» нависанд.

Масалан:

| | | |
|---|---|---|
| Л | Р | С |
| А | Ӯ | Ш |
| М | Х | О |

Ҷадвалро метавонед барои ҳамаи хонандагон дар компютер ё бо даст омода кунед.
5. Ҷадвали «Бинго!»-ро ба хонандагон тақсим кунед.
6. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки овози ҳарфҳои катакҳоро як маротиба бо овози баланд талаффуз кунанд.
7. Шарти бозиро ба онҳо фаҳмонед: Ман ҳозир аз қуттӣ (халта) ҳарфҳоро гирифта, овози онҳоро талаффуз мекунам. Шумо талаффузи манро бодиққат гӯш кунед ва ҳарфи зарурииро ёфта, хат занед, ё муҳра гузоред.
8. Кадом хонандае, ки аввалин шуда дар болои се ҳарфи катакчаҳо аз рост ба чап ё аз боло ба поён муҳра мегузорад, «Бинго!» мегӯяд.

2) Машқи хондани матни “Шона”. Тарзи хондани ҷумлаҳои саҳ. 56-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад. Ба тарзи талаффузи ҳиҷоҳои баста диққат диҳед.
3) Ҳангоми хониши калимаи “хурӯс” овозҳои у ва ӯ-ро муқоиса кунед. Дар навишт ва талаффуз фарқи онҳоро гӯед ва бо хонандагон муҳокима кунед. Ба ҷойи нуқтаҳо гузоштани ҳарфи ӯ-ро машқ кунед.
4) Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.

5) Бозӣ: ҳарфи «С» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи С созанд. Бо ресмон С-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «С».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 39-42. Овоз ва ҳарфи Зз - 4 соат

**Барнома.**

Мустаҳкамкунии ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [з]. Талаффузи овози [з]. Ҷудо кардани [з] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Хониши ҳиҷоӣ. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «з». Машқи навиштани ҳарфи «з»-и хурду калон.

Хониши матни "Сӯзан". Саволу ҷавоб аз рӯйи расм ва тартиб додани ҷумла. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Машқи навиштани номи одамон. Бозӣ: «З» ба чӣ монанд аст? Бо оҳанги мувофиқ хондани матни "Мӯза". Муайян кардани садонок ва ҳамсадоҳо. Мувофиқ гузоштани ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнавис. Талаффузи овозҳои омӯхта. Аз рӯйи расм ва нақша тартиб додани калима ва ҷумлаҳо. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [з]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [з]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «з»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «з»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «з»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи зоча ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**
1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Дар бораи занбӯр ҳикоя карда, овози з-ро бурро талаффуз кунед. Машқи тақлиди садои занбӯр:«ЗЗЗ-ЗЗЗ-ЗЗЗ»
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [з]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [з] ба ҳолати дандонҳо ва забон ҷалб кунед.
3) Машқи талаффузи овози [з]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед.Ҷудо кардани овози [з] аз аввал, мобайн ва охири калима.
   - дар аввал: замон, замин, занг,…..
   - дар мобайн: мӯза, кӯза, ……….
   - дар охир: рӯз, дӯз, ғоз …….

4) Шиносоӣ бо ҳарфи «з». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
5) Машқи навиштани ҳарфи «з»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «з»-ро нишон диҳед. Қисми поёни рах омадаи ҳарфро таъкид карда нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «з»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «з»-ро машқ кунанд.
6) Калимаҳои "занбӯр" ва "ноз"-ро таҳлили овозӣ кунед
7) Лаҳзаи дамгирӣ
8) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
9) Машқи васл кардани ҳарфи «з» дар калима. Тартибиваслшавии ҳарфи «а»-ро бо ҳарфи «з» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «аз»-ро нависанд.
10) Суҳбат аз рӯйи расми зоча.
11) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– ҳарфи аввали номи одамонро бо ҳарфи калон навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «з» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «х». Аз хонандагон хоҳиш кунед, ҳарфҳоеро нишон диҳанд, ки [р], [м], [н], [х], [ш], [у], [ӯ], [с], [з] хонда шаванд.

2) Машқи хондани матни "Сӯзан». Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.

1) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо ба доирачаҳои сабзу сурх.
2) Машқи навиштани калимаи «сӯзан». Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «сӯзан»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «сӯзан»-ро нависанд.
3) Навишти ҷумлаи «Сӯзан аз Соро»-ро машқ кунед. Бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумларо таъкид кунед.
4) Суҳбат аз рӯйи расми «Занбӯр ва пуфак».
5) Аз рӯйи нақша тартиб додани ҷумларо машқ кунед.
6) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Зз» (аз баёни омӯзгор)

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «З»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «З»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «З»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш, Х, У, Ӯ, С, З-ро нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи навиштани ҳарфи «З»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «З»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо машқи ҳарфи «З»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «З»-ро машқ кунанд.
3) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд ва такрор мекунанд. Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Машқи васл кардани ҳарфи «З». Тартиби васлшавии ҳарфи «З»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Замон»-ро нависанд ва хонанд.
6) Аз рӯйи нақша ва расмҳо тартиб додани калима ва ҷумлаҳо.
7) Калимаи “шафтолу”-ро таҳлили овозӣ кунед.
8) Суҳбат аз рӯйи расми «Пойафзол»

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– доир ба ҳарфи «З» саволу ҷавоб карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Монанди дарсҳои қаблӣ бозии “**Бинго!”** гузаронед.
2) Машқи хондани матни “Мӯза”. Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хондани ҷумлаҳои матнро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаи “мӯза” ва ҷумла. Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
4) Машқи муайян кардани ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо
   Бозӣ: «Чӣ хел либос мезебад?».
   Шарти бозӣ:
   а) Ҳар як хонанда як ҳарфро интихоб мекунад ва бонавбат назди лавҳаи дарсхона мебарояд.
   б) Аз байни нишастагон як нафарро интихоб карда мепурсад: Фирӯза, «Ба ман чӣ хел либос мезебад? Хонандаи дигар (Фирӯза) садонок ё ҳамсадо будани ҳарфи дасти вайро муайян карда, ранги либосро мегӯяд. Масалан, агар хонанда дар дасташ ҳарфи «З» дошта бошад, мегӯяд, ки ба ту либоси ранги сурх мезебад. Ҳарфи «З» мепурсад:
   – Барои чӣ?
   Фирӯза мегӯяд:
   – Барои он ки ту ҳамсадо ҳастӣ.

Ба ҳамин монанд садонок ё ҳамсадо будани ҳарфҳои дигари омӯхта муайян карда мешавад.

5) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «з».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 43-46. Овоз ва ҳарфи Ии 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [и]. Талаффузи овози [и]. Ҷудо кардани [и] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «и». Машқи навиштани ҳарфи «и»-и хурду калон. Машқи навиштани калимаҳо. Хондани ҷумлаҳо. Машқи якҷоя хондан. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Бозӣ: «И» ба чӣ монанд аст? Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва хондани онҳо. Машқи яклухт хондани калимаҳои якҳиҷодор. Машқи навиштани ҳарфи «И». Машқи навиштани номи ашёи расм. Бозӣ: «и»-ро аз чӣ сохтан мумкин аст? Нишон додани ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Аз рӯйи мазмуни расм шифоҳӣ тартиб додани ҷумла. Мувофиқи оҳанг хондани ҷумлаҳо. Машқи яклухт хондани калимаҳои якҳиҷодор. Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаи хурд. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Аломати нуқта дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овози [и]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [и]-ро аз аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «и»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «и»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «и»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи зина ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед (Ман ҳозир чанд калимаро мехонам, шумо бояд муайян кунед, ки онҳо бо кадом овоз сар мешаванд). Калимаҳоро бурро талаффуз кунед: Ид, имрӯз, Икром, инсон, имсол, Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб диниста мешавад.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [и]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [и] ба ҳолати лабҳо ҷалб кунед. Машқи талаффузи овози [и]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед. Ҷудо кардани овози [и]дар аввал, мобайни калима.
   - дар аввал: ид, имтиҳон, имрӯз,…..
   - дар мобайн: дил, дид, миз, ……….
3) Шиносоӣ бо ҳарфи «и» Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «и»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «и»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «и»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «и»-ро машқ кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад. Ба тарзи талаффузи ҳиҷоҳои баста диққат диҳед.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «и» дар калима. Тарзи васлшавии ҳарфи «и»-ро дар калимаи «зина» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «зина»-ро нависанд.
8) Суҳбат аз рӯйи расми «Зина».
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «з» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**
1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «и»Аз хонандагон хоҳиш кунед аз хазинаи ҳарфҳо ҳарфҳоеро нишон диҳанд, ки [р], [м], [н], [х], [ш], [у], [ӯ], [с], [з], [и] хонда шаванд.
2) Машқи хондани матни “Миз”. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо.
4) Бозӣ: «Чӣ хел либос мезебад?» Шарти бозӣ:
– Ҳар як хонанда як ҳарфро интихоб мекунад ва бонавбат назди лавҳаи дарсхона мебарояд. б) Аз байни нишастагон як нафарро интихоб карда мепурсад:
– Фирӯза, «Ба ман чӣ хел либос мезебад?
– Хонандаи дигар (Фирӯза) садонок ё ҳамсадо будани ҳарфи дасти вайро муайян карда, ранги либосро мегӯяд. Масалан, агар хонанда дар дасташ ҳарфи «И» дошта бошад, мегӯяд, ки ба ту либоси ранги сабз мезебад.
– Ҳарфи «И» мепурсад:
Барои чӣ?
Фирӯза мегӯяд: Барои он ки ту садонок ҳастӣ.
– Ба ҳамин монанд садонок ё ҳамсадо будани ҳарфҳо муайян карда мешавад.
5) Машқи навиштани калимаи «Насим» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, навишти калимаи «Насим»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Насим»-ро нависанд.
6) Тарзи навишти ҷумлаи «Миз аз Замира»-ро машқ кунед. Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввал ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамон ва ҷумларо таъкид кунед.
7) Калимаҳои “зин” ва “занҷир”-ро таҳлили овозӣ кунед.
8) Суҳбат аз рӯйи расми «Миз».
9) Аз ёд кардани шеър дар васфи «и» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфи «И»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «И»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матнро хонда тавонанд;
– номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои А, О, Л, М, Н, Р, Ш, Х, У, Ӯ, С, З, И-ро нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳо. (саҳ. 63-и китоб).
3) Машқи навиштани ҳарфи «И»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «И»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо машқи ҳарфи «И»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «И»-ро машқ кунанд. Тарзи навишти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ диҳед.
4) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд. Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
5) Калимаи “из”-ро таҳлили овозӣ кунед.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «и» дар калимаи “мошин”. Тарзи васлшавии ҳарфи «ш»-ро бо ҳарфи «и» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «мошин»-ро нависанд ва хонанд.
8) Суҳбат аз рӯйи расми «Мошин» ва таҳлили овозии калима.

**Соати чорум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**
1) Бозӣ: **Бинго!**
2) Машқи хондани матни “Хирс”. Тарзи хондани ҷумлаҳои саҳ. 64-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаи “хирс” ва ҷумла. Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
4) Машқи муайян кардани ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Бозии «Чӣ хел либос мезебад?»-ро иҷро кунед. Нигаред ба дарсҳои қаблӣ.

5) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «и».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 47-50. Овоз ва ҳарфи Кк - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [к]. Талаффузи овози [к]. Ҷудо кардани овози [к] аз аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «к». Машқи навиштани ҳарфи «к»-и хурду калон. Хониши ҳиҷоӣ. Хондани ҷумлаҳо. Машқи яклухт хондани калимаҳои якҳиҷодор. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаи хеле хурд. Ҳарфи калон дар авали ҷумла ва номи одамон. Машқи навиштани ашёи дар расм тасвирёфта.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [к]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [к]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «к»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «к»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «к»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи кӯза ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Калимаҳоро бурро талаффуз кунед: кор, корд, кунд, карам, каду, Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [к]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [к] ба ҳолати часпидани миёнаи забон ба ком ҷалб кунед. Машқи талаффузи овози [к]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед.Ҷудо кардани овози [к] аз аввал, мобайн ва охири калима.
   - дар аввал: корд, кор, кӯза,…..
   - дар мобайн: акка, макон, ……….
   - дар охир: амак, ток, нок …….
3) Шиносоӣ бо ҳарфи «к». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «к»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «к»-ро нишон диҳед. Дар фазо машқи ҳарфи «к»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «к»-ро машқ кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон аввал якҷоя, баъд инфиродӣ мехонанд.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «к» дар калима. Тарзи васлшавии ҳарфи «к»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «калон»-ро нависанд.
8) Суҳбат аз рӯйи расми кӯза. Дар бораи кӯза саволу ҷавоб ва таҳлили овозӣ кунед.
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҷумла тартиб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «к» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**
1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «к».
2) Машқи хондани матни “Коса”. Матни саҳ. 66-и китоби «Алифбо»-ро хонед. Мазмуни ҷумлаҳоро фаҳмонед. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Бозии «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» гузаронед (нигаред ба дарсҳои қаблӣ). Машқи навиштани калимаи «коса» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «кӯза»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «коса»-ро нависанд.
4) Тарзи навишти ҷумлаи «Ин косаи Назира»-ро машқ кунед. Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали калимаи “Назира” ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро таъкид кунед.
5) Суҳбат аз рӯйи расми «Кулолгарӣ».
6) Аз рӯйи мазмуни расм, мувофиқи нақша ҷумла тартиб доданро машқ кунед
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «К» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфи «К»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «К»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ҷумла тартиб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «К»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои омӯхтаро аз ҷадвали ҳарфҳо нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳои саҳ. 67-и китоб
3) Машқи навиштани ҳарфи «К»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «К»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо машқи ҳарфи «К»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «К»-ро машқ кунанд.
4) Машқи хондани матни «Карам». Матнро хонед. Мазмуни ҷумлаҳоро фаҳмонед. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд. Хонандагон бурро хондани калимаҳоро аввал якҷоя, баъд дар алоҳидагӣ машқ мекунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Машқи васл кардани ҳарфи «К». Тарзи васлшавии ҳарфи «К»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат ҷумлаи «Карам-калон.»-ро нависанд ва хонанд.
7) Бозӣ: ҳарфи «К» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз ҷӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи К созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
8) Суҳбат аз рӯйи расми «Карам» ва тартиб додани ҷумла.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- матнро хонда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) **Бозии Бинго!**
2) Хонандагон калимаи “Кокул”-ро таҳлили овозӣ карда, ҷой ва миқдори овози “к”-ро муайян мекунанд.
3) Машқи хондани матни “Кокул”. Тарзи хондани ҷумлаҳои саҳ. 68-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
4) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳои “Комила, кокул, Комрон”. Тартиб ва тарзи навишти калимаҳоро фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
5) Аз рӯйи мазмуни расми «Ҳосили карам» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:
   - дурустии ҷавоб;
   - пуррагии ҷавоб;
   - риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ
   - бонавбат ҷавоб додан;
   - саволу ҷавобро бодиққат гӯш кардан.
6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «К».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 51-54. Овоз ва ҳарфи Вв - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [в]. Талаффузи овози [в]. Ҷудо кардани овози [в] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «в». Машқи навиштани ҳарфи «в»-и хурд. Машқи навиштани ҳарфи «В». Машқи васл кардани ҳарфи «в» бо ҳарфҳои дигар. Хониши ҳиҷоӣ. Машқи яклухт хондани калимаҳои якҳиҷодор. Хондани ҷумлаҳо. Мувофиқи оҳанг хондани матни хеле хурд. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Аз ҳарфҳо тартиб додани калимаҳо. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали номи одамон ва ҷумла. Аломати нуқта дар охири ҷумла. Бозӣ: «в» ба чӣ монанд аст?

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

Соати якум
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [в]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [в]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «Вв»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «в»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро хонда тавонанд;
- калимаҳоро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «в»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи товус ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Нақл кунед: *Ҳавлии Валӣ дар назди роҳи мошингард буд. Ҳар боре, ки мошин «ВВВ-ВВВ»-кунон аз назди ҳавлии онҳо мегузашт, саги онҳо «ВВВаф-ВВВаф» – гӯён аз пасаш медавид.*
2) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба садои мошин ва саг тақлид кунанд:
   – «ВВВ-ВВВ»
   – «ВВВаф-ВВВаф»
3) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [в]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [к] ба ҳолати дандонҳо ва лабҳо равона созед. Хонандагон машқи талаффузи овози [в]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро мекунанд. Ҷудо кардани овози [в]дар аввал, мобайн ва охири калима:
   - дар аввал: варзиш, велосипед, .....
   - дар мобайн: аввал, даво, ..........
   - дар охир: нав, ҷав, дав, .......
4) Шиносоӣ бо ҳарфи «в». Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
5) Машқи навиштани ҳарфи «в»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «в»-ро нишон диҳед. Аз болои рах навиштани думчаи ҳарфро таъкид намоед. Дар фазо машқи ҳарфи «в»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «в»-ро машқ кунанд.
6) Лаҳзаи дамгирӣ

7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
8) Машқи васл кардани ҳарфи «в» дар калима. Тарзи васлшавии ҳарфи «в»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Кова»-ро нависанд.
9) Хонандагон аз рӯйи расми “Варзишгар” ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.
10) Суҳбат аз рӯйи расми “Товус”. Дар бораи товус саволу ҷавоб ва таҳлили овозӣ кунед.
11) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

## СОАТИ ДУЮМ

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- аз рӯйи расм ҷумла тартиб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «в» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «в». Ба хонандагон ҷуфти ҳарфҳоро нишон дода, хоҳиш кунед, ки овози ҳарфҳоро якҷоя талаффуз кунанд:
   В+А [вввааа]
   В+О [вввооо]
   В+У [вввууу]
   В+Ӯ [вввӯӯӯ]
   В+И [ввваии]
2) Танҳо ба фаъолон такя накунед. Бештар онҳоеро пурсед, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои шумо дар шинохтани ҳарф душворӣ мекашанд.
3) Машқи хондани матни «Наврӯз ва Кова». Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
5) Машқи навиштани калимаҳои “Анвар” ва «Наврӯз» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ. Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, навишти калимаҳои “Анвар” ва «Наврӯз»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд. Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
6) Машқи ҷобаҷо кардан ва сохтани калимаҳо. (Нигаред ба дастури Лутфуллоев М., Абдуллоев И. «Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои Алифбо». Душанбе, 2008).
7) Хонандагон аз рӯйи расм ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.
8) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Вв» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «В»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «В»-ро навишта тавонанд;

– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «В»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои омӯхтаро аз ҷадвали ҳарфҳо нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷоҳои саҳ. 71-и китоб.
3) Машқи аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо. (Нигаред ба дастури Лутфуллоев М., Абдуллоев И. «Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои Алифбо». Душанбе, 2008).
4) Машқи навиштани ҳарфи «В»-и калон. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «В»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед. Дар фазо машқи ҳарфи «В»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «В»-ро машқ кунанд. Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
5) Машқи хондани калимаҳо. Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд. Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
6) Машқи васл кардани ҳарфи «В». Тартиби васлшавии ҳарфи «В»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Ва»-ро нависанд ва хонанд.
7) Машқи аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо. Хонандагон аз ҳиҷоҳои додашуда калима тартиб медиҳанд

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– аз рӯйи расм ҷумла тартиб дода тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Бозӣ: «**Бинго!”** (нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
2) Машқи хондани матни “Анвар ва Комил”. Тарзи хондани матни саҳ. 72-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад. Ба тарзи талаффузи ҳиҷоҳои баста диққат диҳед.
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаи “Равшан” ва ҷумла. Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд. Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
4) **Кортҳои ҳиҷодор**: Кортҳоро аз коғази картон ё коғазҳои дигари ғафс омода кардан мумкин аст. Аввал дар болои корт калима навишта мешавад, сипас корт мувофиқи ҳиҷоҳои калима бурида мешавад. Масалан,

**мошон** **мо** **шон**

Сипас аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки (дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд) ҳиҷоҳоро пайваст карда, калима созанд ва хонанд.

5) Машқи аз рӯйи расм саволу ҷавоб ва мувофиқи нақша тартиб додани ҷумла.
6) Бозӣ: ҳарфи «В» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи В созанд. Бо ресмон В-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима).
7) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «В».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 55-58. Овоз ва ҳарфи Дд - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [д]. Талаффузи овози [д]. Ҷудо кардани овози [д] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «д». Машқи навиштани ҳарфи «д»-и хурду калон. Машқи васл кардани ҳарфи «д» бо ҳарфҳои дигар. Хониши ҳиҷоии калима ва ҷумлаҳо. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Хониши ҳиҷоии калима ва ҷумлаҳо. Машқи навиштани номи одамон. Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаи хеле хурд. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Бозӣ: «Д» ба чӣ монанд аст?

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овози [д]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [д]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «Дд»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «д»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «д»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи каду ва доира ба саволҳо ҷавоб диҳанд
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед. Ман ҳозир чанд калимаро мехонам, шумо бояд муайян кунед, ки онҳо бо кадом овоз сар мешаванд). Калимаҳоро бурро талаффуз кунед: дуд, дур, дору, дандон, дирӯз, дарё, дор, дорбоз, дӯлона. Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруси муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [д]. Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [д] ба ҳолати бехи дандонҳои боло ва нӯги забон ҷалб кунед. Машқи талаффузи овози [д]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.Ҷудо кардани овози [д]дар аввал, мобайн ва охири калима.
   - дар аввал: дар, дарвоза, …..
   - дар мобайн: каду, дандон, ……….

– дар охир: буд, кабуд, шуд, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «д» Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «д»-и хурд дар дафтар. Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «д»-ро нишон диҳед. Диққати хонандагонро ба думчаи аз рах поёни ҳарф ҷалб кунед. Дар фазо машқи ҳарфи «д»-ро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «д»-ро машқ кунанд. Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо. Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд). Хонандагон якҷоя мехонанд. Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «д» дар калима. Тарзи васлшавии ҳарфи «д»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «дандон»-ро нависанд. Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Суҳбат аз рӯйи расмҳои каду ва доира. Дар бораи каду ва доира саволу ҷавоб кунед.
9) Хонандагон калимаи “дандон”-ро таҳлили овозӣ карда, миқдор ва ҷойи “д”-ро муайян мекунанд.
10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро риоя кунанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «д» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «д»
   Ба хонандагон ҷуфти ҳарфҳоро нишон дода, хоҳиш кунед, ки овози ҳарфҳоро якҷоя талаффуз кунанд:
   Д+А [дааа]
   Д+О [дооо]
   Д+У [дууу]
   Д+Ӯ [дӯӯӯ]
   Д+И [диии]

2) Машқи хондани матни “Доро”. Матни саҳ. 74-и китоби «Алифбо»-ро хонед.
3) Аз рӯйи мазмуни он ба саволҳо ҷавоб доданро ёд диҳед. Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.

4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
5) Машқи навиштани калимаҳо бо риояи қоидаҳои васлшавӣ.
   а) Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, навишти калимаи «Шодмон»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
   б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Шодмон»-ро нависанд.
   в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед. .
6) Машқи ҷо ба ҷо кардан ва сохтани калимаҳо.
7) Аз рӯйи расми «Тозагӣ–гарави саломатӣ» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «Д»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Д»-ро навишта тавонанд;
- матнро хонда тавонанд;
- аввали номи одамонро бо ҳарфи калон нависанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфи «Д»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта.
2) Ҳарфҳои омӯхтаро аз ҷадвали ҳарфҳо нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
3) Якҷоя калимаҳои саҳ. 75-ро мехонанд.

4) Машқи навиштани ҳарфи «Д»-и калон
5) Тавсия:

   а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Д»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

   б) Дар фазо машқи ҳарфи «Д»-ро нишон диҳед.

   в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Д»-ро машқ кунанд.

   г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
6) Машқи хондани калимаҳо ва матни “Рашид ва Доро”. Хонандагон тарзи хондани шуморо бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд ва бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
7) Лаҳзаи дамгирӣ
8) Машқи васл кардани ҳарфи «д»
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Рашид»-ро нависанд ва хонанд. Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
10) Машқи аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо. Хонандагон аз ҳиҷоҳои додашуда калима тартиб медиҳанд.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
- матнро хонда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- аз рӯйи расм саволу ҷавоб карда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон( ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Бозӣ: «**Бинго!» (нигаред ба дарсҳои қаблӣ)**
2) Машқи хондани матни “Дору”

   а) Тарзи хондани матни саҳ. 76-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):

   б) Хонандагон аввал якҷоя, баъд дар алоҳидагӣ ҳарфҳоро нишон дода мехонанд.
3) Машқи рӯйнавис кардани калимаи “Дилоро” ва ҷумла

а) Тартиб ва тарзи навишти калима ва ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

4) Хонандагон калимаи "дору"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.
5) Бозӣ: ҳарфи «Д» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Д созанд. Бо ресмон Д-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Д».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо.**

## Дарсҳои 59-62. Овоз ва ҳарфи Гг - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [г]. Талаффузи овози [г]. Ҷудо кардани овози [г] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «г». Машқи навиштани ҳарфи «г»-и хурду калон. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Хониши ҳиҷоӣ. Машқи якҷоя хондан. Хондани матн. Аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳо ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Аломати вергул дар ҷумла. Аз рӯйи нақша тартиб додани ҷумла. Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаи хурд. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Бозӣ: «Г» ба чӣ монанд аст? Ҳарфи «Г» месозем.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [г]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [г]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «г»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «г»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «г»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- дар бораи гӯсфанд ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед. (Ман ҳозир чанд калимаро мехонам, шумо бояд муайян кунед, ки дар онҳо кадом овоз такрор мешавад).

Калимаҳоро бурро талаффуз кунед: гург, гул, гов, гелос, гӯсфанд, ....

Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [г]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [г] ба ҳолати қисми миёнаи забон ва ком ҷалб кунед.

б) Машқи талаффузи овози [г]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ иҷро кунед.

в) Ҷудо кардани овози [г] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: гул, гург, гов, …..
- дар мобайн: дигар, нигар, ……….
- дар охир: ранг, таг, ранг, садбарг …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Гг»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «г»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «г»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «г»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «г»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо
а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
б) Хонандагон якҷоя мехонанд.
в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «Г» дар калима
а) Тартиби васлшавии ҳарфи «Г»-ро бо ҳарфи «у» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Гулнора»-ро нависанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Суҳбат аз рӯйи расми гӯсфанд. Дар бораи гӯсфанд саволу ҷавоб кунед.
9) Хонандагон калимаи "гург"-ро таҳлили овозӣ, ҷой ва миқдори "г"-ро муайян мекунанд.
10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «г» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
**1)** Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «г»
Г+А [гааа]
Г+И [гиии]
Г+О [гооо]
**2)** Машқи хондани матн. Матни «Гулрӯ ва Гулнора» (саҳ. 78-и китоби «Алифбо»)-ро хонед.
Аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб доданро ёд диҳед.
в) Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Бозӣ «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)
4) Хонандагон калимаи "гул"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.
5) Машқи навиштани калимаи «гулдон» бо риояи қоидаҳои васлшавӣ
а) Тарз васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «гулдон»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «гулдон»-ро нависанд.
в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
6) Тарзи навишти ҷумлаи «Гулрӯ, гул дар гулдон»-ро машқ кунед.
Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро таъкид кунед.
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Г» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Г»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Г»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– номи одамро бо ҳарфи калон нависанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «Г»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Ҳарфҳои омӯхтаро аз ҷадвали ҳарфҳо нишон диҳед. Хонандагон овози ин ҳарфҳоро талаффуз мекунанд.
2) Машқи якҷоя хондани калимаҳои саҳ. 79.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Г»-и калон. Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Г»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «Г»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Г»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
4) Машқи хондани калимаҳо
а) Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд.
б) Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
в) Хонандагон калимаҳои “гӯш”, “гӯгирд”-ро таҳлили овозӣ карда, дар калимаи “гӯгирд” ҷой ва миқдори “г”-ро муайян мекунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи васл кардани ҳарфи «г”. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои «гӯш» ва «гӯгирд»-ро нависанд ва хонанд.
Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
7) Бозӣ: ҳарфи «Г» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Г созанд Бо ресмон Г-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)
8) Машқи аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо. Хонандагон аз ҳиҷоҳои додашуда калима тартиб медиҳанд

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб ва ҷумла тартиб дода тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**
1) Бозӣ: «**Бинго!**»
2) Машқи хондани матни “Олим”.
а) Тарзи хондани матни саҳ. 80-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):
б) Хонандагон якҷоя мехонанд.
в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
3) Аз рӯйи расми «Олим ва харгӯш” бо хонандагон саволу ҷавоб кунед
4) Машқи рӯйнавис кардани калимаи “гӯсола” ва таҳлили овозии он.
а) Тартиб ва тарзи навишти калимаю ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
5) Бозӣ: «Қайчӣ». Нигаред ба «Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои Алифбо» саҳ. 28.
**6)** Аз рӯйи расми “Олим ва харгӯш” машқи ҷумласозӣ ташкил намоед.
7) **Кортҳои ҳиҷодор.** Кортҳоро аз коғази картон ё коғазҳои ғафс омода кардан мумкин аст. Аввал дар болои корт калима навишта мешавад, сипас корт мувофиқи ҳиҷоҳои калима бурида мешавад. Масалан,

**гулдон** **гул** **дон**

Сипас аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки (дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд) ҳиҷоҳоро пайваст карда, калимаро созанд ва хонанд.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 63-66. Овоз ва ҳарфи Пп – 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [п]. Талаффузи овози [п]. Ҷудо кардани овози [п] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «п». Машқи навиштани ҳарфи «п»-и хурд ва калон. Хониши матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Бозӣ: «П» ба чӣ монанд аст? Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Ҳарфҳои калимаро иваз карда, калимаи нав сохтан. Машқи навиштани номи одамон. Таҳлили овозии калима. Машқи рӯйнавис кардани калима ва ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Бозӣ: ҳарфи «П» месозем.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо риоя мекунад.
А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Соати якум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– овози [п]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [п]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «п»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «п»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;

– ҳарфи «п»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– дар бораи паланг ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед. Дар бораи пиёз чунин ҳикоя кунед: Буд, набуд, як сабзавот буд. Вай чил қабат курта дошт. Падар пул дода, вайро аз бозор харид. Модар онро пӯст кард. Оби чашми модар рафт. Канӣ, гӯед бачаҳо номи вай чӣ будааст? Пиёз! Офарин!

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [п]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [п] ба ҳолати лабҳо равона созед.
б) Хонандагон овози [п]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.
в) Ҷудо кардани овози [п] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: пул, пиёз, падар, .....
- дар мобайн: апа, чӯпон, тӯппӣ, .........
- дар охир: гап, чап, .......

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «п»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «п»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «п»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «п»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «п»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо:

а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):
б) Хонандагон якҷоя мехонанд:
в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:

7) Машқи васл кардани ҳарфи «п» дар калима:

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «п»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «падарам»-ро нависанд.

8) Дар бораи паланг маълумоти мухтасар диҳед. Бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Хонандагон калимаҳои “паланг” ва “писта”-ро таҳлили овозӣ ва ҷойи овози “п”-ро дар ин калимаҳо муайян мекунанд.

10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– доир ба ҳарфи «п» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «п»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «п»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:
*намуна:*
ПА [пппааа]
ПО [пппооо]
ПИ [пппиии]
ПУ [пппууу]
ПӮ [пппӯӯӯ]
2) Машқи хондани матни «Пилла»
а) Матни «Пилла»-ро равону бурро хонед.
б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.
в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.
г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед. Баъди хондани ҳар як ҷумла савол дода мешавад:
– Падар чӣ овард?
– Падар кирмак овард.
– Модар чӣ кор кард?
– Модар парвариш кард.
– Парвиз ба кӣ ёрӣ расонд?
– Парвиз ба модар ёрӣ расонд.
– Пилла аз чӣ пайдо шуд?
– Аз кирмак пилла шуд.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)
4) Машқи навиштани калимаҳои «Парвиз» ва "пилла"
а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳоро дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.
5) Тарзи навишти ҷумлаи «Аз кирмак пилла шуд»-ро машқ кунед.
Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охир гузоштани нуқтаро таъкид намоед.
6) Бозӣ: ҳарфи «П» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи п созанд Бо ресмон п-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима).
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «п» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «П»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «П»-ро навишта тавонанд;
- аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфи «П»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.
2) Хонандагон якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 83-ро машқ мекунанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «П»-и калон

Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «П»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «П»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «П»-ро машқ кунанд.
4) Муқоисаи ҳарфҳои «П» ва «Г»-и дастнавис.
Ҳарфҳои дастнависи «П» ва «Г»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқро гӯянд.
5) Машқи хондани калимаҳо
а) Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд.
б) Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
6) Хонандагон калимаи “помидор”-ро машқ мекунанд.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «П»
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои «Пӯш» ва «Нодир»-ро нависанд ва хонанд.
8) Машқи ба ҷойи нуқтаҳо гузоштан ва ҳосил кардани калимаҳои нав.

П У Р
И
А

**Соати чорум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи навиштани калимаҳо. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд: “Парвин”, “шапалак”.
2) Хонандагон таҳлили овозӣ кардани калимаи “шапалак”-ро машқ мекунанд.
3) Машқи хондани матни “Дарс”
а) Матни «Дарс»-ро равону бурро хонед.
б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.
в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.
г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:
– Дар ин ҷумла чӣ гуфта шудааст?
– Дар ин ҷумла гуфта шудааст, ки “Нодир шин”.
ғ) Хонандагон якнафарӣ ҳар як ҷумларо мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:
– Ӯ бояд чӣ хел нависад?
– Ӯ бояд озода нависад...... (давом диҳед)
4) Хондани калимаҳое, ки ҳиҷои якумашон як аст: Масалан:




5) Машқи навиштани ҷумлаи “Дарс сар шуд”
а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «П».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсадҳноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 67-68. Арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон – 2 соат

**Барнома.** Арзёбӣ ва натиҷагирии қаблии дониш ва малакаи хонандагон оид ба овозу ҳарф, малакаи хониш ва навиштани онҳо. Муайян кардани роҳҳои минбаъдаи таъсиррасонӣ ба раванди донишандӯзии хонандагон.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– овозҳои ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро дуруст талаффуз кунанд;
– калимаҳои додашударо бурро хонда тавонанд;
– аз рӯйи намуна ҷумлаҳои бо хати чопӣ навишташударо дастнавис карда тавонанд;

**Равиши дарс**

1) Ин дарс ба мустаҳкамкунии овозҳою ҳарфҳо омӯхта бахшида мешавад. Дар ин дарс хонандагон овозу ҳарфҳоро такрор мекунанд. Барои ин хонандагонро якнафарӣ назди худ даъват карда, ҳарфҳои алоҳидаро бонавбат нишон диҳед ва гӯед, ки овози ин ҳарфҳоро талаффуз кунад.

Хонанда мутаносибан овозҳои [о],[а], [л], [н], [м], [р], [ш], [х], [у], [ӯ], [с], [з], [и], [к], [в], [д], [г], [п]-ро бояд талаффуз кунад.

Тарзи талаффузи хонандагонро арзёбӣ карда, дар ҷадвали дастовардҳо, ки дар мавзӯи якуми давраи "Алифбо" оварда шуда буд, қайдҳои зарурӣ гузоред.

2) Аз ҳарфҳои омӯхта рӯйхати 10 калимаи шиноси дуҳиҷодорро интихоб карда, дар варақаи алоҳида бо ҳарфҳои чопӣ нависед (дар ин 10 калима бояд ҳамаи ҳарфҳои омӯхта бошанд).

Намуна:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Нома | Кова | Хурмо | Vодар | Гул |
| Хирс | Падар | Дар | Сӯзан | Шамол |

Хонандагонро бонавбат назди худ даъват карда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки калимаҳоро хонанд. Тарзи хониши хонандагонро арзёбӣ карда, дар ҷадвали дастовардҳо, ки дар мавзӯи якуми давраи "Алифбо" оварда шуда буд, қайдҳои зарурӣ гузоред.

3) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дар варақи алоҳида дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз навиштан муҳокима кунед:

– мавзунии хат;
– моилии хат;
– риояи навиштани унсурҳои ҳарф;
– қоидаҳои васлкунии ҳарф;
– риояи масофаи байни калимаҳо;
– беғалатнависӣ.

Кори навиштаи хонандагонро арзёбӣ карда дар ҷадвали дастовардҳо, ки дар мавзӯи якуми давраи "Алифбо" оварда шуда буд, қайдҳои зарурӣ гузоред.

### Дарсҳои 69-72. Овоз ва ҳарфи Тт -4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [т]. Талаффузи овози [т]. Ҷудо кардани овози [т] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи

навишти ҳарфи «т». Машқи навиштани ҳарфи «т»-и хурд ва калон. Машқи васл кардани ҳарфҳо дар калима. Таҳлили овозии калима. Муқоисаи ҳарфҳои «п» ва «т». Саволу ҷавоб аз рӯйи расми "Токзор". Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали номи одамон ва ҷумла. Машқи яклухт хондани калимаҳои дуҳиҷодор. Машқи якҷоя хондан. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Бозӣ: «Т» ба чӣ монанд аст? Бозӣ: ҳарфи «Т» месозем.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овози [т]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [т]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «т»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «т»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «т»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи табар ва тарбуз ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**
1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.
а) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед (Ман ҳозир тезгуяк мегӯям, шумо бояд муайян кунед, ки дар онҳо кадом овоз такрор мешавад):
Тор танад тортанак,
Тозон-тозон тортанак. ....
Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [т]
а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [т] ба ҳолати забону дандонҳо равона созед.
б) Хонандагон овози [т]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.
в) Ҷудо кардани овози [т] дар аввал, мобайн ва охири калима.
- дар аввал: тарбуз, табар, товус, …..
- дар мобайн: латта, китоб, мактаб , ……….
- дар охир: соат, даст, дашт, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «т»
Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «т»-и хурд дар дафтар
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «т»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «т»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «т»-ро машқ кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо:
а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
б) Хонандагон якҷоя мехонанд.
в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «т» дар калима
а) Тартиби васлшавии ҳарфи «т»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи "токзор"-ро нависанд.
8) Дар бораи табар ва тарбуз маълумоти мухтасар диҳед. Аз рӯйи мазмун бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва ҷумла тартиб диҳед.
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «Т» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон(ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)
**Равиши дарс**
1. Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «т»
Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «т»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:
*намуна:*
ТА [тааа]
ТО [тооо]
ТИ [тиии]
ТУ [тууу]
ТӮ [тӯӯӯ]

2. Машқи хондани матни «Токзор»
а) Матни «Токзор»-ро равону бурро хонед.
б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.
в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.
г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:
– Ин чӣ аст?
– Ин токзор аст.
ғ) Хонандагон якнафарӣ як ҷумларо мехонанд. Мисли намунаи боло бо бачаҳо саволу ҷавоб кунед:
– Дар токзор кист?
– Дар токзор Саодат аст.
– Ӯ чӣ гуна духтар аст?
– Ӯ духтари озода аст (маънои озодаро фаҳмонед).
– Падари Саодат чӣ кор мекунад?
– Падари Саодат омӯзгор аст.
– Ӯ омӯзгори кист?
– Ӯ омӯзгори мост.
3. Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Хонандагон калимаи "Саломат"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.
5) Машқи навиштани калимаҳои «Саломат» ва «ангур»
а) Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, навишти калимаҳоро дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.
6. Суҳбат аз рӯйи расм
Намунаи суҳбат:
Шумо дар расм киҳоро мебинед?
– Мо дар расм писару духтарро мебинем.
– Биёед, онҳоро ном мегузорем.
– Духтар Саодат ном дорад.
– Ба писар чӣ ном мегузорем?
– Шаҳбоз.
– Онҳо чӣ кор мекунанд?
– Онҳо ангур мечинанд.
– Дарахти ангурро чӣ мегӯянд?
– Дарахти ангурро ток мегӯянд.
– Боғе, ки дар он ангури бисёр аст, чӣ мегӯянд?
– Боғе, ки дар он ангури бисёр аст, токзор мегӯянд?
– Аз ангур чиҳо тайёр мекунанд?
– Аз ангур шарбат, ширинӣ, мураббо, мавиз тайёр мекунанд.
– Шумо ҳам боғ доред?
– Дар боғи Шумо ток мерӯяд?
– Дар расм боз чиҳоро мебинед?..... (ҳамин тавр давом додан мумкин аст).
7. Тарзи навишти ҷумлаи «Саодат дар токзор.»-ро машқ кунед.
Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охир гузоштани нуқтаро таъкид намоед.
8) Бозӣ: ҳарфи «Т» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Т созанд Бо ресмон т-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима).
9) Аз ёд кардани шеър дар васфи «т» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «Т»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Т»-ро навишта тавонанд;
- матнро хонда тавонанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфи «Т»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта.
Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.
2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳо
Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда, ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 87-ро мехонанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Т»-и калон
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Т»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо навиштани ҳарфи «Т»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Т»-ро машқ кунанд.
4) Муқоисаи ҳарфҳои «Г», «П» ва «Т»-и дастнавис.
Ҳарфҳои дастнависи «П» ва «Г»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро ёбанд.
5) Машқи хондани калимаҳо
а) Шумо хонед, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд.
б) Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
6) Машқи васл кардани ҳарфи «Т»
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои «танӯр» ва «дутор»-ро нависанд ва хонанд.
7) Хонандагон калимаи "тарозу"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.
8) Бо хонандагон аз рӯйи расм тартиб додани ҷумларо машқ кунед.

**Соати чорум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;
**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи навиштани калимаҳои "Ситора, шуст, курта"
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд.
2) Машқи хондани матни «Ситора»
а) Матни «Ситора»-ро равону бурро хонед.
б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.
в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.
г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:
– Модари Ситора чӣ кор кард?
– Модари Ситора хамир кард.
ғ) Хонандагон якнафарӣ як ҷумларо мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:
– Ӯ чӣ пухт?
– Ӯ нон пухт.
– Ситора чӣ кор кард?
– Ситора либосашро шуст.
– Падар аз куҷо омад?
– Падар аз кор омад.
– Ситора чӣ гуфт?
– Ситора салом гуфт.
– Падаратон аз кор ояд, чӣ мегӯед?
– Салом, мегӯем.
3) Хонандагон калимаи "курта"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.
4) Машқи навиштани ҷумлаи "Ӯ нон пухт."
5) а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд
6) Бо хонандагон доир ба мазмуни расми «Либосшӯйӣ»саволу ҷавоб кунед ва ҷумла созед.
7) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Т».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 73-76. Овоз ва ҳарфи Бб – 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [б]. Талаффузи овози [б]. Ҷудо кардани овози [б] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «б»,«Б». Машқи навиштани ҳарфи «б»-и хурду калон. Навиштани номи ашёи дар расм тасвирёфта. Машқи сохтани ҷумла аз рӯйи нақша. Хониши ҳиҷоӣ. Машқи якҷоя хондан. Хониши матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва хондани онҳо. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Бозии таълимӣ. Машқи навиштани номи одамон. Бозӣ: «Б» ба чӣ монанд аст? Суҳбат аз рӯйӣ расм. Таҳлили овозии калима. Машқи рӯйнавис кардани калимаҳо ва ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Машқи ҷумласозӣ аз рӯйи нақша.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– овози [б]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [б]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «б»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «б»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «б»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– дар бораи барг ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед (Ман ҳозир тезгӯяк мегӯям, шумо бояд муайян кунед, ки дар онҳо кадом овоз такрор мешавад):

Бобо белро боло бурд,

Белро боло бурд бобо.

Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб диниста мешавад.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [б]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [б] ба ҳолати лабҳо ҷалб кунед.

б) Хонандагон овози [б]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [б] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: борон, бодом, буз, …..
- дар мобайн: абр, кабк, сабза, ……….
- дар охир: об, офтоб, лаб, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «б»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «б»-и хурд дар дафтар

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «б»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «б»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «б»-ро машқ кунанд.

г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6. Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо (монанди дарсҳои қаблӣ).

7) Машқи васл кардани ҳарфи «б» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «б»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаро нависанд.

8) Дар бораи барг бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Хонандагон калимаи “барг”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

10) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳои “буд” ва “барра”.

11) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– аз рӯйи расм ҷумла тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «б»

Монанди намунаи дарсҳои гузашта ҳарфи «б»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

БА [бааа]

БО [бооо]

БИ [биии]

БУ [буuу]

БӮ [бӯӯӯ]

2) Машқи хондани матни «Барно»

3) Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн

Намуна:

– Барра аз куҷо омад?

– Барра аз рама омад. (маънои «рама»-ро шарҳ диҳед).

– Барно ба барра чӣ дод?

– Барно ба барра об дод?

– Бобо чӣ кор кард?

– Бобо Барноро бӯсид.

– Барно чӣ шуд?

– Барно хурсанд шуд.

4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

5) Машқи навиштани калимаҳои “об” ва «бобо»

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳои “об” ва «бобо»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.

6) Хонандагон тарзи навишти ҷумлаи «Об хунук буд.»-ро машқ мекунанд.

7) Бо хонандагон бозии “Занҷири калимаҳо” гузаронед.

8) Хонандагон аз рӯйи мазмуни расм ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.

9) Аз ёд кардани шеър дар васфи «т» (аз баёни омӯзгор):

(Намуна оварда мешавад)

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «Б»-ро шиносанд;
- ҳарфи «Б»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро хонда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- аз рӯйи расм ва нақша калима ва ҷумла тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 91.

3) Машқи навиштани ҳарфи «Б»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Б»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Дар фазо ҳаракати ҳарфи «Б»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Б»-ро машқ кунанд.

4) Машқи хондани калимаҳои сутунӣ

а) Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд ва такрор мекунанд.

б) Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.

5) Машқи васл кардани ҳарфи «Б»

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Барно»-ро нависанд ва хонанд.

6) Хонандагон калимаи “Барно”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

7) Аз рӯйи мазмуни расм бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

8) Хонандагон аз рӯйи мазмуни нақша ва расм калима ва ҷумла тартиб медиҳанд.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм саволу ҷавоб карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи навиштани калимаҳои “ширин, Тобистон, бозор”.

2) Машқи хондани матни «Харбуза»

а) Матни «Харбуза»-ро равону бурро хонед.

б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои матн саволу ҷавоб кунед:

– Чӣ омад?
– Тобистон омад.
– Чӣ пухт?
– Харбуза пухт.
– Падар аз бозор чӣ овард?
– Падар аз бозор харбуза овард.
– Падар харбузаро чӣ кор кард?
– Падар харбузаро пора кард.
– Харбуза чӣ хел буд?
– Харбуза ширин ва бомаза буд.

3) Машқи хондан ва ёфтани ҷавоби чистон

Ширину бомаза
Беалав мепазад.

4) Бозӣ: ҳарфи «Б» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Б созанд Бо ресмон Б-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима).

5) Машқи навиштани ҷумла

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна ҷумлаи “Харбуза бомаза буд”-ро нависанд ва хонанд.

6) Аз рӯйи расми «Дар сари дастархон» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

7) Хонандагон мувофиқи нақша ҷумла месозанд.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 77-80. Ҳарфи Ее -4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овозҳои [й], [э]. Талаффузи овозҳои [й], [э]. Ҷудо кардани овозҳои [й], [э] дар мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «е». Машқи навиштани ҳарфи «е» хурд ва калон. Машқи васл кардани ҳарфи «е» ба дигар ҳарфҳо. Машқи аз рӯйи нақша тартиб додани ҷумла. Хондани калима ва ҷумлаҳои чопию дастнавис. Ҳарфи охири калимаро иваз карда, хондан ва навиштани калимаҳо. Хондани калимаҳо. Машқи якҷоя хондан. Ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Машқи навиштани ҳарфи «Е». Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани калимаҳо. Бо оҳанги мувофиқ хондани шеър . Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Бозӣ: «Е» ба чӣ монанд аст?

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Ее»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– овозҳои ҳарфи “е”-ро муайян ва бурро талаффуз карда тавонанд;

– ҳарфи “е”-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «е»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– ҳарфи «е»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб диҳанд;
– аз рӯйи расм ҷумла тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Ба хонандагон гӯед: Мо имрӯз ҳарферо меомӯзем, ки аз ду овоз иборат аст. Омӯзондани тарзи талаффузи овозҳои ҳарфи “е”- [й] ва [э]

а) Хонандагон овозҳои [й] ва [э]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

2) Шиносоӣ бо ҳарфи «Ее».

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

3) Машқи навиштани ҳарфи «е»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «е»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «е»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «е»-ро машқ кунанд.

4) Лаҳзаи дамгирӣ (барои рафъи хастагии хонандагон ягон машқи дамгирӣ гузаронед)

5) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо

а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):

б) Хонандагон якҷоя мехонанд:

в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:

6) Машқи васл кардани ҳарфи «е» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «е»-ро бо ҳарфи «б» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои ”Зебо”, “Зебинисо”-ро нависанд.

7) Аз рӯйи мазмуни расм бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Ее» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «е»

2) Машқи хондани матни «Зебо ва Зебинисо»

а) Матни «Зебо ва Зебинисо»-ро равону бурро хонед.

б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

намуна:

– Киҳо дугона мебошанд?

– Зебо ва Зебинисо дугона мебошанд.

ғ) Хонанда ҷумлаи дуюмро мехонад. Монанди намунаи боло бо ӯ саволу ҷавоб кунед:

– Зебинисо чӣ кор мекунад?

– Зебинисо суруд мехонад.

д) Ба монанди мазмуни матн дар бораи дугона ва ҷӯраҳои хонандагон пурсон шавед.

Намунаи саволҳо:

–Шумо ҳам дугона (ҷӯра) доред?

– Дугона (ҷӯра)-и шумо чӣ ном дорад?

– Дугона (ҷӯра)-и шумо чӣ кор карда метавонад?

– Шумо-чӣ?

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи навиштани калимаҳои «себ», «сел», «сер»

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.

5) Хонандагон тарзи навиштани ҷумлаи «Зебинисо суруд мехонад.»-ро машқ мекунанд.

6) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ее» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Е»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Е»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «Е»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 95.

3) Машқи навиштани ҳарфи «Е»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Е»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «Е»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Е»-ро машқ кунанд.

4) Машқи хондани калимаҳои сутунӣ

Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.

5) Машқи васл кардани ҳарфи «Е»

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои “хушбӯ”, “шер” ва «хӯрданбоб»-ро нависанд ва хонанд.

6) Хонандагон аз рӯйи расму нақшаҳо калима ва ҷумла тартиб медиҳанд.

7) Бозӣ: ҳарфи «Е» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Е созанд Бо ресмон **е**-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима).

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;

– матнро бо оҳанг хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ҷумла тартиб дода тавонанд.
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1. Машқи хониши шеъри "Себак"

а) Тарзи хондани матни саҳ. 84-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):

б) Хонандагон якҷоя бо оҳанг мехонанд:

в) Ҳар як хонанда алоҳида мехонад:

г) Доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб кунед

2. Машқи аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калима (нигаред ба дарсҳои қаблӣ).

3. Машқи навиштани калимаҳои "сероб" ва "сурх"

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои "сероб" ва "сурх"-ро нависанд ва хонанд.

4. Хонандагон аз рӯйи намуна ҷумлаи "Себак хеле хушрӯ аст."-ро рӯйнавис мекунанд.

5) Аз рӯйи мазмуни расми «Мевачинӣ» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

6) Хонандагон аз рӯйи мазмуни расм ва нақша ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.

7) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Е».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 81-82. Овоз ва ҳарфи Фф – 2 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ф]. Талаффузи овози [ф]. Ҷудо кардани овози [ф] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ф» (хурду калон). Машқи навиштани ҳарфи «ф»-и хурду калон. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани номи одамон. Ҳарфи калон дар аввали номи одамон.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

Соати якум:

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овози [ф]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [ф]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «ф»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «ф»-ро навишта тавонанд;
- матнро хонда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «ф»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Ҳикояи зерро нақл кунед. Фирӯз дар хонаашон як гурба дошт. Вай ҳар рӯз бо гурба бозӣ мекард. Рӯзе Фирӯз бо гурба бисёртар бозӣ кард. Гурба хуррр-хуррр – гӯён қаҳр кард. Фирӯз ҳам монда шуда буд. У-ффф, у-ффф – гӯён ба шустани дасту рӯй рафт.

б) Аз хонандагон пурсед, ки Фирӯз бештар кадом овозро шунавотар талаффуз кард.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ф]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ф] ба ҳолати лабу дандонҳо равона созед.

б) Хонандагон овози [ф]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [ф] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: фил, фохтак, фонус, ....
- дар мобайн: Офтоб, рафт, сафед, ……….
- дар охир: барф, ҳарф, Ориф, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Фф»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

Намуна:

ФФ → *Фф*

4) Машқи навиштани ҳарфи «ф»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «ф»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ф»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат навиштани «ф»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Хонандагон калимаи "фонус"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ).

8) Машқи васл кардани ҳарфи «ф» дар калима.

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ф»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои "Садаф" ва "фаввора"-ро нависанд.

9) Дар бораи фаввора маълумоти мухтасар диҳед ва бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

10) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро хонда тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- ҷумла тартиб доданро машқ кунанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «Ф» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон(ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «Фф»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «ф»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ФА [фффааа]

ФО [фффooo]

ФИ [фффиии]

ФУ [фффууу]

ФӮ [фффӯӯӯ]

ФЕ [фффэээ]

2) Машқи хондани матни  Офтоб»

а) Матни  «Офтоб»-ро равону бурро хонед.

б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

намуна:

– Офтоб чӣ кор кард?

– Офтоб баромад.

ғ) Хонандагон  бонавбат як ҷумлагӣ мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

– Атроф чӣ шуд?

– Атроф гарм шуд.

– Фирӯз куҷо омад?

– Фирӯз назди фаввора омад (омӯзгор маънои фавввораро мефаҳмонад).

– Боз кӣ омад?

–  Садаф омад.

–  Садаф ба куҷо омад?

– Садаф назди фаввора омад.

– Шумо фаввораро дидаед? Дар бораи он нақл карда метавонед?

– Бале. ............. .

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи навиштани  калимаҳои  “Фирӯз”, “Садаф”, “фаввора”.

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳои  болоро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат калимаҳои зикршударо нависанд ва хонанд.

5)  Хонандагон тарзи навишти ҷумлаи «Офтоб баромад.»-ро машқ мекунанд.

6) Хонандагон аз рӯйи расм ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.

7)  Бозӣ: ҳарфи «Ф» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ф созанд. Бо ресмон Ф-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

Аз ёд кардани шеър дар васфи «ф» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 83-86. Овоз ва ҳарфи Ғғ – 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ғ]. Талаффузи овози [ғ]. Ҷудо кардани овози [ғ] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ғ» (хурду калон). Машқи навиштани ҳарфи «ғ»-и хурду калон. Муқоисаи ҳарфҳои «г» ва «ғ». Машқи хондани калимаҳои дуҳиҷодор. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи рӯйнавис кардани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Машқи ба ҳиҷоҳо ҷудо карда навиштани калимаҳо. Машқи навиштани номи одамон. Равону бурро хондани матн. Машқи навиштани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Машқи аз чопӣ ба дастӣ баргардонида навиштани калимаҳо.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– овози [ғ]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [ғ]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «ғ»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «ғ»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– ҳарфи «ғ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Машқи овозӣ.

а) Афсонаи зерро хонед:

Дар замонҳо пеш Ғоз ва Пашша бо ҳам дӯст буданд. Боре онҳо хостанд, ки дар пеши дигарон якҷоя суруд хонанд. Ғоз мегуфт:

– Биё, суруди дӯстдоштаи ман «ғғғо-ғғғо»-ро хонем. Пашша мегуфт:

– Биё, суруди дӯстдоштаи ман «ғғғинг-ғғғинг»-ро хонем. Онҳо ба як фикр наомаданд.

Дар назди ҷонварон ҳар кадомаш суруди худро хонд:

– Ғғғо-ғғғо-ғғғо.

– Ғғғинг-ғғғинг-ғғғинг.

– Ғғғо-ғғғо-ғғғо.

– Ғғғинг-ғғғинг-ғғғинг.

Ҷонварон ин садои гӯшхароши онҳоро тоқат накарданд. Аз ҳамон рӯз дӯстии Ғоз ва Пашша ба охир расид.

б) Аз хонандагон пурсед, ки дар суруди онҳо кадом овоз шунавоюю фаҳмо садо дод.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ғ]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми  талаффузи овози [ғ] ба ҳолати бехи забону ком равона созед.

б) Хонандагон овози [ғ]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ  талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [ғ]дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: ғоз, ғук, ғӯза, .....
- дар мобайн: ағба, нағма, тағо, ..........
- дар охир: боғ, дӯғ, мурғ,  .......

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «ғ»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «ғ»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «ғ»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ғ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ғ»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Хонандагон калимаи ”ғӯза”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо

а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):

б) Хонандагон якҷоя мехонанд:

в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:

8) Машқи васл кардани ҳарфи «ғ» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ғ»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаро нависанд.

9) Дар бораи мурғ бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Ғ» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ғ»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «Ғ»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ҒА [ғғғааа]

ҒО [ғғғооо]

ҒИ [ғғғиии]

ҒУ [ғғғууу]

ҒӮ [ғғғӯӯӯ]

ҒЕ [ғғғэээ]

2) Машқи хондани калимаҳои сутунӣ.

а) Калимаҳои саҳ. 99-и китоби «Алифбо»-ро бурро хонед.

б) Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо. Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро ба доирачаҳои сабзу сурхро машқ кунед.

4) Машқи навиштани калимаи «ғилоф»

а) Тарзи васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «ғилоф»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар (дафтари машқи хат) калимаи «ғилоф»-ро нависанд.

5) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ғғ» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Ғ»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Ғ»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «Ғ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳо

Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда, ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 99-ро мехонанд.

3) Машқи навиштани ҳарфи «Ғ»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ғ»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «Ғ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Ғ»-ро машқ кунанд.

4) Муқоисаи ҳарфҳои «Г» ва «Ғ»-и дастнавис.

Ҳарфҳои дастнависи «Г» ва «Ғ»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд.

5) Машқи хондани калимаҳо

а) Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд.

б) Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.

6) Машқи васл кардани ҳарфи «Ғ»

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «мурғ»-ро нависанд ва хонанд.

7) Хонандагон мувофиқи нақша ба таври ҳиҷо навиштани калимаи "ғал-ла"-ро машқ мекунанд.

8) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз шурӯъ кардан ба навиштан муҳокима кунед:

- мавзунии хат;
- моилии хат;
- риояи навиштани унсурҳои ҳарф;
- қоидаҳои васлкунии ҳарф;
- риояи масофаи байни калимаҳо.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;
- матнро тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи хондани матни «Ғалла»

а) Матни «Ғалла»-ро равону бурро хонед.

б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

намуна:

– Мавсими чӣ омад?

– Мавсими дарави ғалла омад. (ғалларо шарҳ диҳед)

ғ) Хонандагон якнафарӣ як ҷумларо мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

– Ғафур чӣ кор мекунад?

– Ғафур ғалла мeғундорад.

– Модар чӣ кор кард?

– Модар нон пухт

– Чӣ зеби дастархон аст?

– Нон зеби дастархон аст.

– Нонро бояд чӣ дорем?

– Нонро бояд азиз дорем.

– Мо чӣ хел нонро эҳтиром мекунем?

– Мо нонро боэҳтиёт мехӯрем. Резаҳояшро зери по намекунем. Агар дар зери по ё роҳ бинем, гирифта як сӯ мегузорем.

– Барои чӣ? ............. .

2) Бозӣ: ҳарфи «Ғ» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ғ созанд. Бо ресмон Ғ-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

3) Машқи навиштани калима ва ҷумлаҳо

а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.

4) Аз рӯйи мазмуни расми «Ғалладаравӣ» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед:

5) Хонандагон аз рӯйи нақша ҷумла сохтанро машқ мекунанд.

6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Ғғ».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 87-90. Овоз ва ҳарфи Ққ - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [қ]. Талаффузи овози [қ]. Ҷудо кардани овози [қ] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «қ». Машқи навиштани ҳарфи «қ»- хурду калон. Машқи навиштани калимаҳо. Таҳлили овозии калима. Муқоисаи ҳарфҳои «к» ва «қ». Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани калимаҳо. Матни "Қалам". Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Ҳиҷоҳоро иваз карда, калимаи нав сохтан. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Хондани калимаҳо. Бозӣ: ҳарфи «қ» месозем. Суҳбат аз рӯйи мазмуни расм. Ҳангоми суҳбат риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани мисраъҳои шеър. Ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– овози [қ]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [қ]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «қ»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «қ»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– ҳарфи «қ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

а) Боре хурӯс қуд-қуд гуён дар роҳ дона мекофт. Ногоҳ ба гӯшаш овози қур-қур расид. Вай наздиктар рафт. Дар лаби ҷуйбор .... (дар ҳамин ҷо истода пурсед, ки чӣ қққур-қққур мекунад) Офарин, бачаҳо, қурбоққа қур-қур мекард. Хурӯс аз вай пурсид, ки чаро қур-қур мекунад. Қурбоққа гуфт, ки ман мурғобиро фарёд мекунам. Ҳар ду мурғобиро садо карданд:

– Қуд-қуд– мегуфт хурӯс.

– Қур-қур – мегуфт қурбоққа.

Садои онҳоро шунида Мурғобӣ қут-қут – гӯён омад. Ҳама хурсанд шуданд....

2) Машқи тақлиди овози қурбоққа, мурғобӣ ва хурӯс

3) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [қ]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [қ] ба ҳолати бехи забон ва охири ком равона созед.

б) Хонандагон овози [қ]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [қ] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: қалам, қуттӣ, , …..
- дар мобайн: нақора, рақам, ……….

- дар охир: барқ, шарқ, …….

4) Шиносоӣ бо ҳарфи «Ққ»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

5) Машқи навиштани ҳарфи «қ»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «қ»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «қ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат навиштани «қ»-ро машқ кунанд.

6) Лаҳзаи дамгирӣ

7) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо.

а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон якҷоя мехонанд.

в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.

8) Машқи васл кардани ҳарфи «қ» дар калима

а) Тарзи васлшавии ҳарфи «қ»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаро нависанд.

г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матн хонда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро риоя кунанд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «Ққ» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «Ққ»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «қ»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ҚА [қааа]

ҚО [қооо]

ҚИ [қиии]

ҚУ [қууу]

ҚӮ [қӯӯӯ]

ҚЕ [қэээ]

2) Машқи хондани матни «Қалам»

а) Матни «Қалам»-ро равону бурро хонед.

б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат бурда, аз паси шумо такрор кунанд.

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

намуна:

– Қобил ба Қодир чӣ гуфт?

– Қобил ба Қодир гуфт, ки «қ» нависам, гуфтам, қалам шикаст.

ғ) Хонандагон якнафарӣ як ҷумларо мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

– Қодир қаламро чӣ кор кард?

– Қодир нӯги қаламро тез кард.

– Қодир ба Қобил чӣ расонд?

– Қодир ба Қобил ёрӣ расонд.

– Шумо ҳам, ба ҳамдигар ёрӣ мерасонед?.

– Бале, мо ба ҳамдигар ёрӣ мерасонем.

– ............. .

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ).

4) Машқи навиштани калимаи «Қобил»

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «Қобил»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Қобил»-ро нависанд.

5) Бозии "Асрори ҳиҷоҳо". Хонандагон аз рӯйи мазмуни расм нақшофарӣ карда, ҳиҷоҳоро иваз мекунанд ва калимаҳои нав месозанд.

6) Хонандагон тарзи навишти ҷумлаи «Қодир қаламро тез кард»-ро машқ мекунанд.

Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охир гузоштани нуқтаро таъкид намоед.

7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ққ» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «Қ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Қ»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро хонда тавонанд;
- калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
- ҳарфи «Қ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳои сутунӣ.

Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда, ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 103-ро мехонанд.

3) Машқи навиштани ҳарфи «Қ»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Қ»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «Қ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Қ»-ро машқ кунанд.

4) Муқоисаи ҳарфҳои «К» ва «Қ»-и чопию дастнавис.

Ҳарфҳои чопию дастнависи «К» ва «Қ»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд.

5) Машқи хондани калимаҳо

а) Омӯзгор мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хат мебаранд ва такрор мекунанд.

б) Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.

6) Машқи васл кардани ҳарфи «Қ»

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «қоқу»-ро нависанд ва хонанд.

7) Хонандагон калимаи “қуфл”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

8) Ҷамъбасти дарс.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;

– матнро хонда тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи хондани матни “Қоқу”

а) Тарзи хондани матни саҳ. 104-ро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):

б) Хонандагон якҷоя мехонанд.

в) Ҳар як хонанда алоҳида мехонад.

г) Доир ба мазмуни ҷумлаҳо саволу ҷавоб кунед.

2) Хондани калимаҳое, ки ҳиҷои якумашон як аст: Масалан:




3) Машқи навиштани мисраъҳои шеър:

а) Тартиб ва тарзи навишти мисраъҳои шеъриро фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

4) Аз рӯйи мазмуни расми «Гулчинӣ» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

5) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Ққ».

6) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз шурӯъ кардан ба навиштан фаҳмонед.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 91-94. Овоз ва ҳарфи Чч - 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ч]. Талаффузи овози [ч]. Ҷудо кардани талаффузи овози [ч] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ч». Машқи навиштани ҳарфи «ч». Машқи навиштани калимаҳо аз рӯйи расм. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навиштани калимаҳо. Таҳлили овозии калимаи "чанг". Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо ва бурро хондани онҳо. Ҳиҷоӣ хондани калимаҳо. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Машқи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима. Бозӣ: «Ч» ба чӣ монанд аст. Машқи навиштани калимаҳо ва ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле одии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– овози [ч]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [ч]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «ч»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «ч»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– ҳарфи «ч»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– дар бораи чанг ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

а) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед (Ман ҳозир чанд калимаро мехонам, шумо бояд муайян кунед, ки онҳо бо кадом овоз сар мешаванд)

Калимаҳоро бурро талаффуз кунед:

Чой, чойник, чойхона, чор, чатр, чаман, чодар, ....

Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ч]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ч] ба ҳолати зери забон равона созед.

б) Хонандагон овози [ч]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [ч] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: чор, чой, табар, …..
- дар мобайн: бача, оча, кулча , ……….
- дар охир: омоч, кӯч, мурч,…….

3) Машқи тезгӯяк:

Чиқ-чиқи гунҷишк

Тиқ-тиқи соат

4) Шиносӣ бо ҳарфи «Чч»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

5) Машқи навиштани ҳарфи «ч»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «ч»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ч»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ч»-ро машқ кунанд.

6) Лаҳзаи дамгирӣ

7) Машқи хониши калимаҳо

а) Тарзи хониши калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон якҷоя мехонанд.

в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад.

8) Машқи васл кардани ҳарфи «ч» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ч»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаро нависанд.

9) Дар бораи асбоби мусиқии чанг маълумоти мухтасар диҳед ва бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Чч» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон(ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «Чч»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «ч»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ЧА [чааа]
ЧО [чooo]
ЧИ [чиии]
ЧУ [чууу]
ЧӮ [чӯӯӯ]

2) Машқи хондани калимаҳои сутунӣ

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи навиштани калимаи «чинор»

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаи «чинор»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «чинор»-ро нависанд.

5) Хонандагон калимаҳои “чархбол” ва “чанг”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

6) Бозӣ: ҳарфи «Ч» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз тасмачаҳои коғазӣ, ресмон, пластилин, чӯбчаҳо ҳарфи Ч созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

7 Аз ёд кардани шеър дар васфи «Чч» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Ч»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Ч»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «Ч»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи навиштани ҳарфи «Ч»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ч»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «Ч»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дафтари машқи хат навиштани «Ч»-ро машқ кунанд.

3) Хонандагон бозии таълимии "Қайчӣ"-ро иҷро мекунанд.

4) Машқи навиштани калимаҳо.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «чашма»-ро нависанд ва хонанд.

5) Аз рӯйи мазмуни расми "Дар лаби чашма" бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб ба меъёрҳои забони тоҷикӣ ва дар қолаби ҷумлаи дуруст баён кардани фикрро машқ кунед.

6) Хонандагон навиштани ҷумлаи "Чӯпон об менӯшад"-ро машқ мекунанд.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матни хурдро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни ҷумла ба савол ҷавоб дода тавонанд;

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1. Машқи навиштани калимаҳо

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд.

2. 1. Машқи хондани матни «Чашма»

а) Матни «Чашма»-ро равону бурро хонед.

б) Маротибаи дуюм матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хат баранд.

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) Як ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

намуна:

– Деҳаи мо чӣ дорад?

– Деҳаи мо чинор дорад.

ғ) Хонандагон якнафарӣ як ҷумларо мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

– Дар зери чинор чӣ хаст?

– Дар зери чинор чашма аст.

– Оби чашма чӣ хел аст?

– Оби чашма соф аст.

– Оби чашма боз чӣ хел аст?

– Оби чашма хунук аст.

– Аз чашма кӣ об менӯшанд?

– Аз чашма чӯпон об менӯшад (калимаи чӯпон»-ро шарҳ диҳед.)

– Аз чашма боз киҳо об менӯшанд?

– Аз чашма мо об менӯшем......

3) Машқи аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калима

Бозии «Афтиду тит шуд» (нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи рӯйнавис кардани ҷумла

а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

5) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз шурӯъ кардан ба навиштан муҳокима кунед.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 95-98. Овоз ва ҳарфиҶҷ - 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ҷ]. Талаффузи овози [ҷ]. Ҷудо кардани овози [ҷ] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Хониши калимаҳо. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи Машқи навиштани ҳарфи «ҷ»-и хурду калон. Машқи навиштани калимаҳо. Муқоисаи ҳарфҳои «ч» ва «ҷ». Таҳлили овозии калима. Машқи ҷумласозӣ. Аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калимаҳо. Суҳбат аз рӯйи расм. Таҳлили овозӣ. Машқи навиштани ҷумла. Нишон додани ҳарфҳои омӯхта ва дуруст талаффуз кардани овози онҳо. Машқи яклухт хондани калимаҳо. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овози [ҷ]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [ҷ]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «ҷ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «ҷ»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро хонда тавонанд;
- ҳарфи «ҷ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи ҷома ба саволҳо ҷавоб диҳанд;

– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

а) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед ( Ман ҳозир чанд калимаро мехонам, шумо бояд муайян кунед, ки онҳо бо кадом овоз сар мешаванд)

Калимаҳоро бурро талаффуз кунед:

Ҷумъа, ҷорӯб, ҷома, ҷомадон, ҷумла, ҷанг, ҷон, ҷав ....

Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ҷ]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ҷ] ба ҳолати зери забон ҷалб кунед.

б) Хонандагон овози [ҷ]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [ҷ] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: ҷома, ҷорӯб, ҷав, .....
- дар мобайн: маҷлис, маҷбур, масҷид , ..........
- дар охир: каҷ, тоҷ, ҳаҷ, .......

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «ҷ»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «ҷ»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «ҷ»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ҷ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ҷ»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши калимаҳо

а) Тарзи хониши калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон аввал якҷоя, баъд инфиродӣ мехонанд.

7) Машқи васл кардани ҳарфи «ҷ» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ҷ»-ро бо ҳарфи «о» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаҳои “ҷома” ва “баррача”-ро менависанд.

8) Дар бораи ҷома бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Хонандагон калимаи “ҷома”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– доир ба ҳарфи «ҷ» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ҷ»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «ҷ»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ҶА [ҷааа]

ҶО [ҷооо]

ҶИ [ҷиии]

ҶУ [ҷууу]

ҶӮ [ҷӯӯӯ]

ҶЕ [ҷэээ]

2) Машқи хондани матни «Ҷамила»

а) Матни «Ҷамила»-ро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд.

в) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.

Намуна:

– Ҷамила чӣ дорад?

– Ҷамила ҷорӯб дорад.

– Ӯ бо ҷорӯб чӣ кор мекунад?

– Ӯ бо ҷорӯб хона мерӯбад.

– Ҷамила боз чӣ кор мекунад?

– Ҷамила суруд мехонад.

– Шумо ҳам, хона мерӯ б ед?

– Бале. Мо ҳам хона мерӯбем.

– Дар вақти рӯфтан суруд мехонед?

– Бале. Суруд мехонем.

– Чӣ хел суруд мехонед?
– .......... (сурудашонро мехонанд).
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)
4) Машқи навиштани калимаи «Ҷамила»
Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаи «Ҷамила»-ро менависанд.
Фаъолияти онҳоро назорат карда, ёрӣ расонед.
5) Хонандагон калимаи "ҷорӯб"-ро менависанд ва онро таҳлили овозӣ мекунанд.
6) Аз рӯйи мазмуни расми саҳ. 108-и китоб бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «ҷ» (аз баёни омӯзгор):

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфи «Ҷ»-ро шиносанд;
– ҳарфи «Ҷ»-ро навишта тавонанд;
– ҳарфҳои "Чч" ва "Ҷҷ"-ро муқоиса карда тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– аз ҳарфҳои пароканда калима тартиб дода тавонанд;
– ҳарфи «Ҷ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.
2) Машқи якҷоя хондани калимаҳо.
Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда, калимаҳои саҳ. 109-ро мехонанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Ҷ»-и калон
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «Ҷ»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «Ҷ»-ро нишон диҳед.
в) Хонандагон дар дафтари машқи хат навиштани «Ҷ»-ро машқ кунанд.
4) Муқоисаи ҳарфҳои «Чч» ва «Ҷҷ»-и чопӣ ва дастнавис.

Ҳарфҳои чопӣ ва дастнависи «Чч» ва «Ҷҷ»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд.

5) Бо хонандагон бозии “Калима созед!”-ро гузаронед.

6) Машқи васл кардани ҳарфи «Ҷ»

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «гунҷишк»-ро нависанд ва хонанд.

7) Хондани калимаҳое, ки ҳиҷои якумашон як аст:




8) Хонандагон ҷумлаи “Мо ҷӯра мешавем”-ро рӯйнавис мекунанд.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– аз рӯйи намуна ҷумларо рӯйнавис карда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи хондани матни «Ҷӯҷа ва Рӯбоҳ»

а) Матни «Ҷӯҷа ва Рӯбоҳ»-ро хонед (Хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон бонавбат матнро мехонанд.

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

Намуна:

– Ҷӯҷа ба куҷо баромад?

– Ҷӯҷа ба болои бом баромад.

Кадом ҷӯҷа ба болои бом баромад?

Ҷӯҷаи доно ба болои бом баромад.

ғ) Хонандагон якнафарӣ як ҷумларо мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

– Рӯбоҳ чиро фиреб додан мехост?

– Рӯбоҳ чӯҷаро фиреб додан мехост.

– Рӯбоҳ чӣ гуфт?

– Рӯбоҳ гуфт, ки ба назди ман поён фуро.

– Рӯбоҳ барои чӣ чӯҷаро поён фуро гуфт?

– Гуфт, ки биё ҷӯра мешавем.

– Модар аз Эраҷ чӣ пурсид?

– Ба фикри шумо чӯҷа поён мефурояд?

– Чӯҷа поён намефурояд?

– Барои чӣ?

– Барои он ки чӯҷа доно буд.........

2) Машқи аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калима

Бозии «Афтиду тит шуд» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

3) Машқи дастнавис кардани калимаҳои чопӣ

4) Машқи рӯйнавис кардани ҷумла

а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар (дафтари машқи хат) аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

в) Аз рӯйи мазмуни ҷумла савол диҳед.

5) Аз рӯйи расми «Рӯбоҳ ва чӯҷа» бо хонандагон саволу ҷавоб кунед:

(Нигаред ба намунаи саволу ҷавоб аз рӯйи матни ҳамном)

6) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Ҷч».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 99-100. Овоз ва ҳарфи Ээ -2 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [э]. Талаффузи овози [э]. Ҷудо кардани овози [э] дар аввали калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Ҳиҷоӣ хондани калимаҳо. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «э». Машқи навиштани ҳарфи «э». Машқи яклухт хондани калимаҳои матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани ҷумла. Машқи равону бурро хондан. Машқи якҷоя хондан. Бозӣ: «Э» ба чӣ монанд аст?

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овози [э]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [э]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «Ээ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «э»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «э»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Бозӣ: «Кӣ зирак?» Шарти бозиро фаҳмонед (Ман ҳозир чанд калимаро мехонам, шумо бояд муайян кунед, ки онҳо бо кадом овоз сар мешаванд).

Калимаҳоро бурро талаффуз кунед: элак, Эргаш, Эҳсон, эълон, эҳтиром, ....

Нафаре, ки аввалин шуда овозро дуруст муайян карда тавонист, ғолиб дониста мешавад.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [э]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [э] ба ҳолати лабҳо равона созед.

б) Машқи талаффузи овози [э]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ ба роҳ монед.

в) Ҷудо кардани овози [э] дар аввали калима.

- дар аввал: элак, Эраҷ, Эшон…..

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Ээ»

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «э»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «э»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «э»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат навиштани «э»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо

а) Тарзи хониши калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон аввал якҷоя, баъд инфиродӣ мехонанд.

7) Машқи васл кардани ҳарфи «э» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «э»-ро бо ҳарфи «л» нишон диҳед.

б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаро менависанд.

8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «э» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи навиштани ҳарфи «Э»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Э»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «Э»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар (дафтари машқи хат) навиштани «Э»-ро машқ кунанд.

2) Машқи хондани матни «Элак»

а) Матни «Элак»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд.

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

Намуна:

– Падар чӣ харид?

– Падар элаки нав харид.

– Модар чӣ кор кард?

– Модар орд бехт.

– Боре модар чӣ кор кард?

– Боре модар пурсид.

– Модар аз Эраҷ чӣ пурсид?

– Модар аз Эраҷ ҷавоби чистонро пурсид.

– Эраҷ чӣ ҷавоб дод?

– Эраҷ гуфт, ки ҷавоби чистон, -элак аст.

– Агар аз шумо мепурсиданд, чӣ ҷавоб медодед?

– Мо ҳам элак мегуфтем.

– Барои чӣ?....(давом диҳед)

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи навиштани калимаи «Эраҷ»

а) Тарзи навишти калимаи «Эраҷ»-ро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаи «Эраҷ»-ро нависанд.

5) Бо хонандагон тарзи навишти ҷумлаи «Модарам орд бехт.»-ро машқ кунед.

Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани ҳарфи аввали ҷумла ва дар охир гузоштани нуқтаро таъкид намоед.

6) Аз рӯйи мазмуни расми «Модарам орд мебезад.» суҳбат ташкил кунед.

7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ээ» (аз баёни омӯзгор).

8) Хонандагон калимаи чопии “падар”-ро дастнавис мекунанд.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 101-104. Овоз ва ҳарфи ӣ - 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ӣ]. Талаффузи овози [ӣ]. Нишон додани ҳарфҳои чопӣ ва дастнавис. Ҳиҷоӣ хондани калимаҳо. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ӣ». Машқи навиштани ҳарфи «ӣ» ва калимаҳои (ӣ)-дор. Муқоисаи овоз ва ҳарфҳои «и» ва «ӣ». Машқи яклухт хондани калимаҳо. Муқоисаи калимаҳои «ӣ» ва «ӣ»-дор. Машқи дуруст талаффуз кардан ва навиштани ин калимаҳо. Машқи равону бурро хондан. Машқи якҷоя хондан. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– овози [ӣ]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [ӣ]-ро дар охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «ӣ»-ро шиносад;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «ӣ»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

а) Калимаҳоро бурро талаффуз кунед: моҳӣ, шолӣ, ёрӣ, холӣ,

б) Савол диҳед:

– Кадом овоз дар ҳамаи калимаҳо такрор меёбад

– [ӣ]

– Пас имрӯз кадом овозро меомӯзем?

– Овози ййй- ро.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ӣ]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ӣ] ба ҳолати лабҳо ҷалб кунед.

б) Хонандагон овози [ӣ]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [ӣ] дар охири калима. Таъкид кунед, ки ӣ танҳо дар охири калима навишта мешавад.

- дар охир [ӣ] доранд: тӯтӣ, шодӣ, моҳӣ, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «ӣ»

Ҳарфҳои хурди чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

4) Машқи навиштани ҳарфи «ӣ» дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал тарзи навиштани ҳарфи «ӣ»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ӣ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ӣ»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши калимаҳои сутунӣ

а) Тарзи хониши калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон инфиродӣ мехонанд.

7) Машқи васлшавии ҳарфҳо бо ҳарфи «ӣ» дар калима

а) Тартиби васлшавии дигар ҳарфҳоро бо ҳарфи «ӣ» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат калимаи "тӯтӣ"-ро нависанд.

8) Дар бораи тӯтӣ маълумот диҳед ва бо хонандагон саволу ҷавоб ташкил кунед.

9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро хонда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонад ва риоя намояд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «ӣ» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ӣ»

2) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

3) Хонандагон калимаҳои "курсӣ", "тӯппӣ", "тӯтӣ"-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

4) Машқи навиштани калимаи «тӯтӣ»

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳои "тӯппӣ" ва "Саврӣ"-ро нишон диҳед.

б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаҳоро менависанд.

5) Хондани калимаҳои ҳамқофия: бор – кор, хор – мор, модар – додар, шона – хона, китоб – шитоб ва амсоли онро мехонанд ва мисол меоранд.

6) Хондани калимаҳое, ки ҳиҷои якумашон як аст: Масалан:




7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «й» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «й»-ро шиносад;
– ҳарфи хурди чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «й»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи якҷоя хондани ҳиҷо ва калимаҳо

Хонандагон якҷоя хонданро машқ карда, ҳиҷо ва калимаҳоро мехонанд.

3) Муқоисаи ҳарфҳои «и», «й» ва «ӣ»-и дастнавис.

Ҳарфҳои дастнависи «и», «й» ва «ӣ»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд.

4) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз шурӯъ кардан ба навиштан муҳокима кунед.

5) Аз кроссворду сканвордҳои гуногун истифода карда малакаи хондан ва навиштани хонандагонро инкишоф диҳед.

Намуна:

Ҷадвалро бодиққат мушоҳида кунед.

Дар он чанд ҳарфи калону хурд аст?

Чанд ҳарфи садоноку ҳамсадо?

| | | | |
|---|---|---|---|
| А | С | ӯ | г |
| ӣ | А | Б | К |
| П | П | х | Н |
| Ф | Ҷ | Ф | у |

6) Ҷамъбасти дарс.

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;

– матнро хонда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи навиштани калимаҳои саҳ. 114-и китоби “Алифбо”

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд.

2) Машқи хондани матни «Тӯтӣ»

а) Матни «Тӯтӣ»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд.

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

– Барои чӣ боли тӯтӣ шикаст?

– Барои он ки тӯтӣ ба сим зад.

– Киҳо тӯтиро доштанд?

– Қумрӣ ва Зебӣ онро доштанд.

– Онҳо бо тӯтӣ чӣ кор карданд

– Онҳо ба болаш дору молиданд ва дока бастанд.

– Барои чӣ тӯтиро табобат карданд?....(давом диҳед)

3) Машқи аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калима

Бозии «Афтиду тит шуд» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.

4) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз шурӯъ кардан ба навиштан муҳокима кунед.

5) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «ӣ».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 105-108. Овоз ва ҳарфи Ҳҳ -4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [х]. Талаффузи овози [х]. Ҷудо кардани талаффузи овози [х] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ҳ». Машқи навиштани ҳарфи «ҳ». Машқи навиштани калимаҳо. Муқоисаи ҳарфҳои «ҳ» ва «х». Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани калима ва ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овози [х]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
- овози [х]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «ҳ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «ҳ»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро хонда тавонанд;
- ҳарфи «ҳ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

а) Савол диҳед:
–Пас аз шаш чанд меояд?
– Ҳафт
– Пас аз ҳафт-чӣ?
–Ҳашт.
б) Савол диҳед:
– Ҳафту ҳашт бо кадом овоз сар мешаванд?
– Бо овози [х]
– Пас имрӯз кадом овозро меомӯзем?
– Овози ҳ- ро.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [х]
а) Хонандагон овози [ҳ]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.
в) Ҷудо кардани овози [х]дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: ҳавз, ҳаво, ҳамсинф, …..
- дар мобайн: баҳо, баҳор, даҳон, ……….
- дар охир: даҳ, роҳ, моҳ, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Ҳҳ»
Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «ҳ»-и хурд дар дафтар
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо навиштани ҳарфи «ҳ»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «ҳ»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ҳ»-ро машқ кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши калимаҳо
а) Тарзи хониши калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
б) Хонандагон мехонанд.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «ҳ» дар калима
а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ҳ»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаҳои “ҳавз”, “ҳавлӣ”-ро менависанд.
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Ҳҳ» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;
– калимаи чопиро дастнавис карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон(ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «Ҳҳ»

Монанди намунаи дарси гузашта ҳарфи «Ҳ»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ҲА [ҳҳҳааа]

ҲО [ҳҳҳooo]

ҲИ [ҳҳҳиии]

ҲУ [ҳҳҳууу]

ҲӮ [ҳҳҳӯӯӯ]

ҲЕ [ҳҳҳэээ]

2) Машқи хондани матни «Ҳавз»

а) Матни «Ҳавз»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд.

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб ташкил кунед.

Намуна:

– Мактаби мо чӣ дорад?

– Мактаби мо ҳавлии калон дорад.

– Бачаҳо дар ҳавлии мактаб чӣ сохтанд?

– Бачаҳо дар ҳавлии мактаб ҳавз сохтанд.

– Оби ҳавз чӣ хел буд?

– Оби ҳавз соф буд...... (давом диҳед).

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи навиштани калимаҳои «Ҳабиб» ва “оббозӣ”

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳоро нишон диҳед.

б) Хонандагон ин калимаҳоро дар дафтари машқи хат менависанд.

5) Тарзи навишти ҷумлаи «Оби ҳавз соф аст.»-ро машқ кунед.

Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охир гузоштани нуқтаро таъкид намоед.

6) Бозӣ: ҳарфи «Ҳ» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ҳ созанд. Бо ресмон ҳ-и хурди дастнавис созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Ҳ» (аз баёни омӯзгор).

8) Хонандагон аз рӯйи мазмуни расм ва нақша ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.

9) Хонандагон калимаи чопии “мактаб”-ро дастнавис мекунанд.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Ҳ»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Ҳ»-ро навишта тавонанд;
– матнро хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– харфи «Ҳ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– Калимаи чопиро бо ҳарфҳои дастнави навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омўхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Хонандагон калимаҳои саҳ. 117-ро мехонанд.

3) Машқи навиштани ҳарфи «Ҳ»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ҳ»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Ҳ»-ро машқ кунанд.

4) Муқоисаи ҳарфҳои «Хх» ва «Ҳҳ»-и чопию дастнавис.

Ҳарфҳои чопию дастнависи «Хх» ва «Ҳҳ»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гўянд.

5) Хондани калимаҳое, ки ҳиҷои якумашон як аст:




6. Машқи васл кардани ҳарфи «Ҳ»

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои “рўбоҳ”ва “ҳасрат”-ро нависанд ва хонанд.

7) Бозии таълимии “Доирачаҳо соҳибони худро мекобанд!”

8) Хонандагон калимаи “ҳандалак”-ро аз чопӣ дастнавис мекунанд.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфу овозҳои омўхтаро донанд;
– матнро хонда тавонанд;
– Аз рўйи мазмуни ҷумлаҳои матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Ҳ» саволу ҷавоб карда тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгўякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи навиштани калимаҳои “гурусна” ва “намехӯрам”.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд.

2) Машқи хондани матни афсонаи «Рӯбоҳ ва ангур»

а) Матни «Рӯбоҳ ва ангур»-ро равону бурро хонед.
б) Хонандагон матнро мехонанд.
в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Намуна:
– Чӣ ба боғ даромад?
– Рӯбоҳи гурусна ба боғ даромад.
– Дар боғ чӣ пухта буд?
– Дар боғ ангур пухта буд. .....(давом диҳед).
3) Машқи навиштани ҷумла.
а) Тартиб ва тарзи навишти ҷумларо фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд
4) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Ҳ».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 109-110. Овоз ва ҳарфи Йй - 2 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [й]. Талаффузи овози [й]. Ҷудо кардани овози [й] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «й». Машқи навиштани ҳарфи «й»-и хурду калон. Машқи васл кардани ҳарфи «й» ба ҳарфи «о». Муқоисаи ҳарфҳои «и» ва «й». Машқи яклухт хондани калима. Мувофиқи оҳанг хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани мисраъҳои шеър. Ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър. Бозии таълимӣ.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– овози [й]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [й]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «й»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «й»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «й»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
– калимаро таҳлили овозӣ карда тавонанд;

– дар бораи чойник ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.

а) Калимаҳоро бурро хонед.

Кайҳон, райҳон, май, сайр, вай, най, дай, сой, лой,

б) Савол диҳед:

– Дар ҳамаи калимаҳо кадом овоз такрор меёбад?

– [й]

– Пас имрӯз кадом овозро меомӯзем?

– Овози иии- ро.

2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [й]

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [й] ба ҳолати забон ҷалб кунед.

б) Хонандагон овози [й]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.

в) Ҷудо кардани овози [й] дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: йод, йогурт, …..
- дар мобайн: Майрам, сайр, майна, ……….
- дар охир: вай, лой, чой, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «й»

Ҳарфҳои хурди чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

Намуна:

й → *й*

4) Машқи навиштани ҳарфи «й»-и хурд дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «й»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «й»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «й»-ро машқ кунанд.

5) Лаҳзаи дамгирӣ

6) Машқи хониши калимаҳои сутунӣ.

а) Хонандагон якҷоя мехонанд:

б) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад:

7) Машқи васл кардани ҳарфи «й» дар калима

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «й»-ро бо ҳарфи дигар фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаҳои “Бунафша” ва “майна”-ро менависанд.

8) Аз рӯйи расми чойник бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

9) Хонандагон калимаи “чойник”-ро таҳлили оаозӣ карда, ҷойи й-ро дар калима муайян мекунанд.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро хонда тавонанд;

– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– доир ба ҳарфи «й» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1. Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «й»
2. Машқи хондани матни шеър

Хонандагон аввал якҷоя, баъд бонавбат ҳарфҳоро нишон дода мехонанд, дигарон хат мебаранд.

3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо

Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)

4) Машқи навиштани калимаҳои «бунафша», "пайғом", "бӯй", "оростарӯй"

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳоро нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.

5) Хонандагон тарзи навишти мисраи «Ман зеби ҷӯй мегуфт.»-ро машқ мекунанд. Ба хонандагон фаҳмонед, ки аввали мисраъҳои шеър бо ҳарфи калон навишта мешавад.

6) Иҷрои бозии таълимии "Зинача"

7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «й» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 111-114. Ҳарфи Ёё - 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз. Якҷоя талаффузи кардани овозҳои [й] [о]. Муайян кардани талаффузи якҷояи овозҳои [й], [о] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ё». Машқи навиштани ҳарфи «ё»-и хурду калон. Машқи навиштани калимаҳо. Суҳбат аз рӯйи расм. Баён карда тавонистани фикри худ. Машқи ба ҳарфҳои дастнавис навиштани калимаҳои чопӣ. Машқи хондани калима. Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо. Машқи якҷоя хондан. Пешгӯйии ҳиҷоҳои калима. Суҳбат аз рӯйи расм. Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани калимаҳои чопӣ. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани ҷумлаи хеле хурд. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла ва номи одамон. Аломати нуқта дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Ёё»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– овозҳои ҳарфи «ё»-ро муайян ва бурро талаффуз карда тавонанд;

– ҳарфи «ё»-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «ё»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «ё»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Машқи овозӣ
а) Калимаҳои Ёдгор, ёл, Ёсуман-ро бурро талаффуз кунед.
б) Аз хонандагон пурсед, ки ин калимаҳо бо кадом овозҳо сар мешаванд.
в) Хонандагон бояд ҷавоб диҳанд, ки ин калимаҳо бо овозҳои [й], [о] сар мешаванд.
г) Фикри онҳоро тасдиқ намуда, илова кунед. Ҳарфи «Ё» аз ду овоз иборат аст:
[й] ва [о]. Аммо бо як ҳарфи «Ё»навишта мешавад.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овозҳои ҳарфи «ё»
а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овозҳои [й], [о] ба ҳолати забон ҷалб кунед.
б) Хонандагон овозҳои ҳарфи «Ё»-[йо]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.
в) Ҷудо кардани ҳарфи «Ё»дар аввал, мобайн ва охири калима.

- дар аввал: Ёдгор, Ёсуман, Ёвон, …..
- дар мобайн: гиёҳ, пиёз, бисёр, ………
- дар охир: дарё, Муҳайё, Зиё, ……

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Ёё»
Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «ё»-и хурд дар дафтар
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф навиштани ҳарфи «ё»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «ё»-ро нишон диҳед.
в) Хонандагон дар дафтари машқи хат навиштани «ё»-ро машқ мекунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо
а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
б) Хонандагон мехонанд.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «ё» дар калима
а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ё»-ро бо ҳарфҳои дигар фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаҳои “зиёд, ёл, гиёҳ”-ро менависанд.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Ёё» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ё»
2) Машқи хондани матни «Гиёҳҳо»
а) Матни «Гиёҳҳо»-ро равону бурро хонед.
б) Хонандагон матнро мехонанд.
в) Монанди дарсҳои қаблӣ бо хонандагон аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб карданро машқ кунед.
3) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
Бозӣ: «Ба ман чӣ хел либос мезебад?» (Нигаред ба дарсҳои қаблӣ)
4) Машқи навиштани калимаҳои "буттаҳо" ва "тайёр".
а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳоро нишон диҳед.
б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаҳоро менависанд.
5) Хонандагон тарзи навишти ҷумлаи «Гиёҳҳоро решакан накунед!»-ро машқ мекунанд.
Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охир гузоштани аломати хитобро таъкид кунед.
6) Машқи калимасозӣ. Хонандагон ба ҳиҷоҳои сутуни якум аз сутуни дуюм ҳиҷои дигари мувофиқро ҳамроҳ карда, калимаҳо тартиб медиҳанд ва менависанд.

| | |
|---|---|
| МО | ҒАН |
| РАВ | ДАР |
| БИС | РӮ |
| ГУЛ | ТАН |
| ВА | ЁР |

7) Аз ёд кардани шеър дар васфи «ё» (аз баёни омӯзгор)

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфи «Ё»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Ё»-ро навишта тавонанд;
– аз рӯйи нақли шунида ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «Ё»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.
2) Хонандагон калимаҳои саҳ.123-ро мехонанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Ё»-и калон
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ё»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «Ё»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Ё»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
4) Муқоисаи ҳарфҳои «Ее» ва «Ёё»-и чопию дастнавис.
Ҳарфҳои чопию дастнависи «Ее» ва «Ёё»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро муқоиса карда, монандӣ ва фарқи онҳоро гӯянд.
5) Машқи хондани калимаҳо
Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.
6) Машқи васл кардани ҳарфи «Ё»
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои «пиёла"ва "пиёз"-ро нависанд ва хонанд.
б) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

**Соати чорум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- овозу ҳарфҳои омӯхтаро донанд;
- матнро бурро хонда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- доир ба ҳарфи «Ёё» саволу ҷавоб карда тавонанд;
- шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи хондани матни «Суман ва Ёдгор»
а) Матнро равону бурро хонед.
б) Хонандагон як нафарӣ аз матн як ҷумларо мехонанд. Аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои хондашуда саволу ҷавоб кунед:
– Суман ба куҷо меравад?
– Суман ба боғча меравад.
– Ӯ чандсола аст?
– Ӯ панҷсола аст.
– Ёдгор ба куҷо меравад?
– Ёдгор ба мактаб меравад.
– Ёдгор ба Суман чӣ кор мекунад?
– Ёдгор ба Суман ёрӣ медиҳад.
– Ӯ Суманро аз куҷо мегузаронад?
– Ӯ Суманро аз роҳи калон мегузаронад.
– Агар Ёдгор ба Суман ёрӣ расонад, ӯро аз роҳи калон гузаронад, ӯ бачаи хуб аст ё бад?
– Ёдгор бачаи хуб аст.
– Шумо монанди Ёдгор бачаи хуб мешавед?
– Бале. Мо монанди Ёдгор бачаи хуб мешавем.
– Ёдгор калон аст ё Суман?
– Ёдгор аз Суман калон аст.
– Аз куҷо фаҳмидед?
– Суман ба боғча меравад. Ёдгор ба мактаб.
2) Машқи аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калима

Бозии «Афтиду тит шуд»(нигаред ба дарсҳои қаблӣ).
3) Машқи навиштани калимаҳо
а) Тарзи навиштани калимаҳои “ёрӣ” ва ”ақлу тамиз”-ро нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд.
4) Хонандагон аз рӯйи мазмуни расм ва нақша ҷумла тартиб доданро машқ мекунанд.
5) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «ё».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

## Дарсҳои 115-118. Ҳарфи Яя – 4 соат

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз. Якҷоя талаффузи кардани овозҳои [й] [а]. Муайян кардани талаффузи якҷояи [й] [а] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо . Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «я». Машқи навиштани ҳарфи «я», «Я». Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани калимаҳои чопӣ. Суҳбат аз рӯйи расм. Баён карда тавонистани фикри худ. Машқи ба ҳарфҳои дастнавис навиштани калимаҳои чопӣ. Машқи яклухт хондани калима. Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо. Пешгӯйии ҳиҷоҳои калима. Суҳбат аз рӯйи расм. Машқи ҷумласозӣ аз рӯйи расм. Мувофиқи оҳанг хондани матни шеър. Саволу ҷавоб аз рӯйи он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани мисраҳои шеър. Ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле одии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфи «Яя»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– овозҳои ҳарфи “я”-ро муайян ва бурро талаффуз карда тавонанд;
– ҳарфи «я»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «я»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**
1) Машқи овозӣ
а) Калимаҳои яхдон, ях, яхмос-ро бурро талаффуз кунед.
б) Аз хонандагон пурсед, ки ин калимаҳо бо кадом овоз сар мешаванд.
в) Аз хонандагон пурсед, ки боз кадом ҳарф ду овоз доранд.

«Я» аз ду овоз иборат аст:
[й] ва [а]. Аммо бо як ҳарфи «Я» навишта мешавад.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овозҳои ҳарфи «я»
а) Диққати хонандагонро ба талаффузи овозҳои [йа] ҷалб кунед.
б) Хонандагон овозҳои ҳарфи «я»-[йа]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.
в) Ҷудо кардани ҳарфи «Я»дар аввалу мобайни калима.

- дар аввал: яхдон, ях, яхмос, .....
- дар мобайн: майдаяк, хушрӯяк , ..........
- дар охир: Шамсия,тарбия, соя, .......

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Яя»
Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «я»-и хурд дар дафтар
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «я»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «я»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «я»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо
а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд):
б) Хонандагон аввал якҷоя, баъд инфиродӣ мехонанд:
7) Машқи васл кардани ҳарфи «я» дар калима
а) Тартиби васлшавии ҳарфи «я»-ро бо ҳарфи «х» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Хонандагон мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои “яхмос” ва “яхдон”-ро менависанд.
в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Дар бораи яхдон бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро хонда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
- аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- доир ба ҳарфи «я» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «я»
2) Хонадагон навиштани калимаи “мураббия”-ро машқ мекунанд.
3) Машқи хондани матни “Яхдон”
а) Матнро равону бурро хонед.

б) Хонандагон якнафарӣ ҷумлаҳои матнро мехонанд. такрор кунанд.
в) Аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои хондашуда бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Намуна:
– Падари Шамсия дар куҷо кор мекунад?
– Падари Шамсия дар корхона кор мекунад... (давом диҳед.)
4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро ба доирачаҳои сабзу сурх машқ кунед.
5) Машқи навиштани калимаҳои "зебоянд" ва "Шамсия"
а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти калимаҳорро дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.
в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
6) Хонандагон тарзи навишти ҷумлаи «Зулфияхола бачагонро тарбия мекунад.»-ро машқ мекунанд.
Диққати хонандагонро ба ҳарфи аввали он ҷалб намуда, бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла ва дар охир гузоштани нуқтаро таъкид намоед.
7) Машқи калимасозӣ. Хонандагон ба ҳиҷоҳои сутуни якум аз сутуни дуюм ҳиҷои дигари мувофиқро ҳамроҳ карда, калимаҳо тартиб медиҳанд ва менависанд.

| | |
|---|---|
| ЯХ | МОС |
| | ДОН |

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– ҳарфи «Я»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «Я»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро хонда тавонанд;
– аз рӯйи расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– ҳарфи «Я»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**
1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта.Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.
2) Хонандагон якҷоя ҳиҷо ва калимаҳои саҳ. 127-ро мехонанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Я»-и калон
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Я»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «Я»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Я»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

4) Хонандагон аз рӯйи мазмуни расмҳо ва нақша ҷумла навиштанро машқ мекунанд.

5) Машқи хондани калимаҳо

Хонандагон бурро хондани калимаҳоро машқ мекунанд.

6) Машқи васл кардани ҳарфи «Я»

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаҳои "шохчаҳо", "гунчишк", "як", "Яхё"-ро нависанд ва хонанд.

б) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

7) Хондани калимаҳое, ки ҳиҷои якумашон як аст: Масалан:




**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфу овозҳои омӯхтаро донанд;

– матни хурдро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;

– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;

– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи хониши матни шеъри "Гунҷишкак".

а) Матни «Гунҷишкак»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд

в) Маротибаи сеюм аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя хонанд.

г) Як сатр (мисраъ) хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

намуна:

– Гунҷишкак чӣ хел будааст?

– Гунҷишкак майдаяк будааст.

ғ) Хонандагон як нафарӣ як сатр (мисраъ) мехонанд. Монанди намунаи боло бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

2) Бозӣ: ҳарфи «Я» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи **Я** созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима).

а) Тарзи навишти ду мисраи шеърро фаҳмонда, дар тахтаи синф нависед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

3) Аз ёд гуфтани шеъру суруд ва тезгӯякҳо дар бораи ҳарфи «Я».

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 119-122. Ҳарфи Юю - 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффуз. Якҷоя талаффузи кардани овозҳои [й] [у]. Муайян кардани талаффузи якҷояи [й] [у]-ро дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо . Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Машқи яклухт хондани калима. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ю». Машқи навиштани ҳарфи «ю»-и хурду калон. Машқи навиштани калимаҳо. Машқи навиштани ҳарфи «Ю". Машқи яклухт хондани калима. Машқи навиштани ҷумла. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Машқи навиштани ҷумла. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «ю»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнрвисро нишон дода тавонанд;
- овозҳои ҳарфи «Ю»-ро номбар ва талаффуз карда тавонанд;
- ҳарфи «ю»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «ю»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- калимаҳоро шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**
1) Машқи овозӣ
а) Калимаҳои Юнус, Юсуф, юнучқа-ро бурро талаффуз кунед.
б) Ҳарфи «Ю» аз ду овоз иборат аст:
й] ва [у]. Аммо бо як ҳарфи «Ю»навишта мешавад.
в) Аз хонандагон пурсед, ки боз кадом ҳарфҳо ду овоз доранд.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овозҳои ҳарфи «ю»
а) Хонандагон овозҳои ҳарфи «Ю»-[йу]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд.
в) Ҷудо кардани ҳарфи «Ю»дар аввалу мобайни калима.
- дар аввал: Юнус, Юсуф, Юрта, …..
- дар мобайн: Қайюм, Аюб, ………
3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Юю»
Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «ю»-и хурд дар дафтар

Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «ю»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «ю»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «ю»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ
6) Машқи хониши калимаҳо
а) Тарзи хониши калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
б) Хонандагон мехонанд.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «ю» дар калима
а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ю»-ро бо ҳарфҳои дигар фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаро нависанд.
в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Машқи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима
а) Шифоҳӣ тарзи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаро нишон диҳед.
б) Хонандагон аз рӯйи намуна чанд калимаи дигарро қарсак зада ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунанд.
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- ҳарфи «Ю»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «Ю»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- аз ҳарф ва ҳиҷоҳои гуногун калима тартиб дода тавонанд;
- ҳарфи «Ю»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи ҳарфи «Ю» шеъру суруд ва тезгӯяку чистонҳоро аз ёд карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта. Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.
2) Машқи хондани калимаҳо
Хонандагон калимаҳои саҳ. 129-ро мехонанд.
3) Машқи навиштани ҳарфи «Ю»-и калон
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳо ҳарфи «Ю»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «Ю»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат навиштани «Ю»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
4) Машқи калимасозӣ
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бо ҳарфҳои пароканда калима тартиб диҳанд. Фаъолияти онҳоро мушоҳида карда, ёрӣ расонед.
А, Б, Ю,

Ю, С, У, Н,
Д, Я, О, Х, Н
Ё, Р, Д, О, Г

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бо ҳиҷоҳои пароканда калима тартиб диҳанд. Фаъолияти онҳоро мушоҳида карда, ёрӣ расонед.

ДО ФАР
БОҲ РӮ
ЁҲ ГИ
ТА БУТ
ТАБ МАК

5) Машқи васл кардани ҳарфи «Ю»

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтари машқи хат калимаи «Юнус»-ро нависанд ва хонанд.

г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

6) Мувофиқи шароит ва сатҳи омодагии хонандагон шумо, метавонед, бозиҳои гуногуни таълимӣ гузаронед.

7) Аз ёд кардани шеъру сурудҳои хурд доир ба ҳарфи «Ю»

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Соати сеюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамонро гуфта тавонанд ва риоя намоянд;
- калимаҳои чопиро дастнавис карда тавонанд;
- доир ба ҳарфи «ю» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Машқи хондани матни «Парашут»

а) Матни «Парашут»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб карданро машқ кунед:

Киҳо дар як синф мехонанд?

Юсуф, Юнус, Қайюм ва Аюб дар як синф мехонанд

Онҳо бо ҳамдигар чӣ хел муносибат доранд?

Онҳо бо ҳамдигар ҷӯра мебошанд.

Ҷӯраҳо чиро дӯст медоранд?

Ҷӯраҳо варзишро дӯст медоранд......(давом диҳед).

2) Рӯйнавис кардани калимаҳо аз рӯйи намуна.

а) Тарзи навишти калимаҳоро дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондода дар дафтар (дафтари машқи хат) калимаҳоро нависанд.

в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои чопии «Юсуф», «Юнус»-ро бо ҳарфҳои дастнавис нависанд.
4) Муайян кардани ҳарфҳои садоноку ҳамсадо
5) Машқи мувофиқ гузоштани ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро ба доирачаҳои сабзу сурх машқ кунед.
6) Бозӣ: ҳарфи «Ю» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ю созанд. (Нигаред ба намунаҳои замима)

**Соати чорум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– аз ҳарфу ҳиҷоҳои додашуда калима тартиб дода тавонанд;
– ҷумларо зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис кунанд;
– миқдори ҳарфҳои хурду калон ва садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс**

1) Машқи равону бурро хондани матни «Парашут»

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо усули занҷирвор хонанд.

2) Монанди дарсҳои қаблӣ чанд гурӯҳ калима ва ҳиҷоҳоро дар шакли пароканда биёред. Хонандагон бояд аз онҳо калима тартиб диҳанд.

3) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз шурӯъ кардан ба навиштан муҳокима кунед.

4) Аз кроссворду сканвордҳои гуногун истифода карда малакаи хондан ва навиштани хонандагонро инкишоф диҳед.

Намуна:

Ҷадвалро бодиққат мушоҳида кунед.

Дар он чанд ҳарфи калону хурд аст?

Чанд ҳарфи садоноку ҳамсадост?

| | | | |
|---|---|---|---|
| А | с | ӯ | Г |
| Й | э | Б | Ғ |
| П | Я | Х | Ҳ |
| Ф | Ҷ | Ф | У |

5) Хонандагон “Яку дую сею чор”-ро рӯйнавис мекунанд. Ба тарзи васлшавии ҳарфҳо диққат медиҳанд.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 123-126. Овоз ва ҳарфи Жж – 4 соат**

**Барнома.** Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Машқи овозӣ. Мушоҳидаи тарзи талаффузи овози [ж]. Талаффузи овози [ж]. Ҷудо кардани овози [ж] дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо. Нишон додани ҳарфҳои хурду калони чопӣ ва дастнавис. Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ж». Машқи навиштани ҳарфи «ж». Рӯйнавис кардани калимаҳо. Муқоисаи мазмуни матн бо расм. Машқи навиштани ҷумла. Машқи хондани калимаҳо. Машқи навиштани калимаҳои чопӣ бо ҳарфҳои дастнавис. Машқи навиштани ҷумла. Машқи ҳиҷо. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Муқоисаи мазмуни расм бо матн. Машқи навиштани ҷумлаи хурд. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла, нуқта дар охири он.

**Салоҳиятҳо:** А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.
А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– овози [ж]-ро бурро талаффуз карда тавонанд;
– овози [ж]-ро дар аввал, мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
– ҳарфи «ж»-ро шиносанд;
– ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
– ҳарфи «ж»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– ҳарфи «ж»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга

**Равиши дарс.**
1) Дарсро аз машқи овозӣ оғоз кунед.
а) Шеърро хонед:
а) Ж-жж-жж кунад гамбӯсак,
Вижжж-вижжж кунад гамбӯсак.
Алифборо наомӯхт,
Афсӯс хӯрад Гамбӯсак.
б) Савол диҳед:
– Гамбӯсак чӣ хел садо мебарорад?

– Ж-жж-жж
– Пас имрӯз мо кадом овозро меомӯзем?
– Овози жжж- ро.
2) Омӯзондани тарзи талаффузи овози [ж]
а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози [ж] ба ҳолати забон ва ковокии даҳон ҷалб кунед.
б) Хонандагон овози [ж]-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талафуз мекунанд.
в) Машқи гуфтани тезгӯяк:

Виж-виж-вижи занбӯр,

Мисли садои танбӯр.

г) Ҷудо кардани овози [ж]дар аввал, мобайн ва охири калима.
- дар аввал: жола, жанда, …..
- дар мобайн: мужда, Манижа, мижа, ………
- дар охир [ж] доранд: каж, …….

3) Шиносоӣ бо ҳарфи «Жж»
Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.
4) Машқи навиштани ҳарфи «ж»-и хурд дар дафтар
Тавсия:
а) Аввал дар тахтаи синф тарзи навиштани ҳарфи «ж»-ро нишон диҳед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «ж»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат навиштани «ж»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
5) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо
а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).
б) Хонандагон мехонанд.
6) Хонандагон калимаи ”каждум”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.
7) Машқи васл кардани ҳарфи «ж» дар калима
а) Тарзи васлшавии ҳарфи «ж»-ро бо ҳарфи «д» фаҳмонда, дар тахтаи синф нишон диҳед.
б) Хонандагон дар дафтари машқи хат калимаи “каждум”-ро менависанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед. Онҳоро барои дамгирии фаъол ба берун бароред.

**Соати дуюм**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матни хурдро равону бурро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳо ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– ҷумларо аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «Жж» шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи мустаҳкам намудани овоз ва ҳарфи «ж»

Монанди дарсҳои қаблӣ овоз ва ҳарфи «Ж»-ро бо ҳарфҳои садонок ҳамроҳ намуда аз хонандагон хоҳиш кунед, ки овозҳоро якҷоя талаффуз кунанд:

*намуна:*

ЖА [жжжааа]

ЖО [жжжooo]

ЖИ [жжжиии]

ЖУ [жжжууу]

ЖӮ [жжжӯӯӯ]

ЖЕ [жжжэээ]

2) Машқи хондани матни «Жола»

а) Матни «Жола»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон мехонанд.

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед:

– Кадом фасли сол буд?

– Баҳор буд.

– Манижа ва Бежан ба куҷо рафтанд?

– Манижа ва Бежан ба гулчинӣ рафтанд.

– Осмони софро чӣ печонд?

– Осмони софро абрҳои тира печонд......(давом диҳед).

3) Аз рӯйи мазмуни расм бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

4) Рӯйнавис кардани калимаҳои “абрҳо” ва “баҳорӣ”.

а) Тарзи навиштани калимаҳоро нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат калимаҳоро нависанд.

в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои чопии «Бежан», «Манижа»,» жола»-ро бо ҳарфҳои дастнавис нависанд.

6) Аз ёд кардани шеър дар васфи «Жж» (аз баёни омӯзгор).

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

Соати сеюм

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ҳарфи «Ж»-ро шиносанд;
– ҳарфи «Ж»-ро навишта тавонанд;
– калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
– калимаҳои чопиро дастнавис карда тавонанд;
– ҳарфи «Ж»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо, ресмон (ришта), пластилин, чӯбчаҳо, тугмачаҳо, тасмачаҳои коғазӣ (картонӣ)

**Равиши дарс**

1) Мустаҳкамкунии овоз ва ҳарфҳои омӯхта.

Монанди дарсҳои қаблӣ бозии «Бинго!» гузаронед.

2) Машқи навиштани ҳарфи «Ж»-и калон

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф тарзи навиштани ҳарфи «Ж»-ро нишон диҳед. Аз сатр боло навиштани қисми ҳарфро таъкид кунед.
б) Дар фазо машқи ҳарфи «Ж»-ро нишон диҳед.
в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат навиштани «Ж»-ро машқ кунанд.
г) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
3) Машқи хондани калимаҳо
а) Калимаҳои саҳ. 133-и "Алифбо"-ро хонед.
б) Хонандагон калимаҳоро мехонанд.
4) Машқи васл кардани ҳарфи «Ж»
а) Тарзи васл кардани ҳарфи «ж»-ро нишон диҳед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат калимаҳои "мусиқӣ, мижа, муаллима"-ро нависанд ва хонанд.
5) Машқи навиштани калимаҳои чопӣ навишташуда бо ҳарфҳои дастнавис
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои чопиро дастнавис кунанд.
б) Дастнависи онҳоро арзёбӣ кунед.
6) Бозӣ: ҳарфи «Ж» месозем. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз чӯбчаҳо, пластилин ва тасмачаҳои коғазӣ ҳарфи Ж созанд.

**Соати чорум**
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– аз рӯйи намуна ҷумларо рӯйнавис кунанд;
– аз ҳарфу ҳиҷоҳо калима тартиб дода тавонанд;
– шеъру суруд ва тезгӯякҳоро аз ёд гуфта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо
**Равиши дарс**
1) Машқи хондани матни «Мактаби мусиқӣ»
а) Матни «Мактаби мусиқӣ»-ро равону бурро хонед.
б) Хонандагон матнро мехонанд.
в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Намуна:
– Дар ноҳияи мо чӣ хел мактаб кушода шуд?
– Дар ноҳияи мо мактаби мусиқӣ кушода шуд.
– Мактаб чанд талаба дорад?
– Мактаб ҳаждаҳ талаба дорад. ......(давом диҳед).
г) Дар бораи мактаби мусиқӣ мушаххас маълумот диҳед.
2) Машқи калимасозӣ.
а) аз ҳарфҳои пароканда тартиб додани калима:
А, Ж, И, Н, М, А
Ж, А, Б, Н, Е
А, О, Ж, Л
б) аз ҳиҷоҳо сохтани калима:
ЛА ЖО
ДУМ КАЖ
СУФ Ю

3) Машқи навиштани калима ва ибораҳои “ҳаждаҳ”, “Ёқубова”, “синфи мо”

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат калимаҳоро аз рӯйи намуна нависанд ва хонанд

4) Рӯйнавис кардани ҷумлаи “Манижа ғижак менавозад.” аз рӯйи намуна.

а) Тартиби васлшавии ҳарфҳоро фаҳмонда, тарзи навишти ҷумларо дар тахтаи синф нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат ҷумларо нависанд.

в) Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис нависанд.

6) Суҳбат аз рӯйи мазмуни расм.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

**Дарсҳои 127-128. Ҳарфи ъ (сакта)- 2 соат**

Мустаҳкамкунии овозу ҳарфҳои омӯхта. Нишон додани ҳарфҳои чопӣ ва дастнависи «ъ». Нишон додани тарзи навишти ҳарфи «ъ». Машқи навиштани ҳарфи «ъ». Хондани калимаҳо. Хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни он. Муқоисаи мазмуни матн бо расм. Ҳангоми саволу ҷавоб риоя кардани меъёрҳои забони адабӣ. Навиштани калимаҳо ва ҷумла.

**Салоҳиятҳо:** А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

**Соати якум**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- ҳарфи «ъ»-ро шиносанд;
- ҳарфи хурду калон ва чопию дастнависро нишон дода тавонанд;
- ҳарфи «ъ»-ро дар мобайн ва охири калима муайян карда тавонанд;
- ҳарфи «ъ»-ро навишта тавонанд;
- калимаҳоро ҳиҷоӣ хонда тавонанд;
- ҳарфи «ъ»-ро бо ҳарфи дигар васл карда тавонанд;
- дар бораи шамъ ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

**Маводди таълим:** китоб, ҷадвали ҳарфҳо, дафтари машқи хат, ҳарфҳои бурида, оинача, қаламҳои ранга, расмҳо

**Равиши дарс.**

1) Шиносоӣ бо ҳарфи «ъ» (аломати сакта)

Ҳарфҳои  хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

Намуна:




2) Ҷудо кардани [ъ]  дар мобайн ва охири калима:

- дар мобайн [ъ]: ваъда, даъво, меъда, Раъно, Неъмат ………
- дар охир [ъ]: мавзӯъ, шамъ, манъ …….

3) Машқи навиштани ҳарфи «ъ» дар дафтар

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф навиштани ҳарфи «ъ»-ро нишон диҳед.

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ъ»-ро нишон диҳед.

в) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат навиштани «ъ»-ро машқ кунанд.

4) Лаҳзаи дамгирӣ.

5) Машқи хониши ҳиҷоии калимаҳо.

а) Тарзи хониши ҳиҷоии калимаҳоро нишон диҳед (хонандагон хат мебаранд).

б) Хонандагон мехонанд.

6) Машқи васл кардани  ҳарфҳои дигар ба «ъ»  дар калима .

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ъ»-ро бо ҳарфи  «л» фаҳмонда, дар тахтаи синф калимаҳои ««Маъруф», «наъл», «шамъ»-ро нишон диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтари машқи хат ин калимаҳоро нависанд.

7) Хонандагон калимаҳои “наъл” ва “шамъ”-ро таҳлили овозӣ мекунанд.

8) Дар бораи шамъ саволу ҷавоб кунед.

**Соати дуюм**

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матни хурдро равону бурро хонда тавонанд;
– калимаҳоро бо риояи қоидаҳои васлшавӣ навишта тавонанд;
– ҷумларо аз рӯйи намуна дуруст рӯйнавис карда тавонанд;
– сабаби бо ҳарфи калон сар кардани аввали ҷумла ва дар охир нуқта гузоштанро фаҳмонда тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни расм ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– доир ба ҳарфи «ъ» муколамаро аз рӯйи нақшҳо хонанд.

1) Машқи рӯйнавис кардани калимаҳои «Саъдӣ, шеър, бурро, баланд».

2) Машқи хондани матни хурд

а) Матни  «Ҷӯраҳо»-ро равону бурро хонед.

б) Хонандагон матнро мехонанд .

в) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

– Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф дар синфи кӣ мехонанд?
– Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф дар синфи мо мехонанд.
– Дар синфи мо киҳо мехонанд?
– Дар синфи мо Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф мехонанд.
– Онҳо аз ҳамаи фанҳо чи мегиранд?

– Онҳо аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегиранд.
– Онҳо аз чӣ баҳои аъло мегиранд?
– Онҳо аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегиранд?
– Самеъ чӣ мехонад?
– Самеъ шеър мехонад.
– Кӣ шеър мехонад?
– Самеъ шеър мехонад?
– Овози Самеъ чӣ хел мебошад?
– Овози Самеъ чӣ бурро ва баланд мебошад.
– Овози кӣ бурро ва баланд мебошад?
– Овози Самеъ бурро ва баланд мебошад.
– Ҳамаи мо шеърро чӣ кор мекунем?
– Ҳамаи мо шеърро дӯст медорем.
– Киҳо шеърро дӯст медоранд?
– Ҳамаи мо шеърро дӯст медорем.
г) Тавсия: ҳангоми ҷавоби хонандагон ба тарзи дурусти талаффузи номи бачаҳо диққат диҳед.
3) Мазмуни расмро ба матни «Ҷӯраҳо» алоқаманд карда, саволу ҷавоб ташкил кунед.
4) Машқи рӯйнавис кардани калима ва ҷумлаҳо аз рӯйи намунаи повараќи саҳифаи китоб (саҳ. 136): Самеъ шеър мехонад.
5) Машқи хондани муколама
а) Дар нақши саволдиҳанда ва ҷавобдиҳанда бозида муколамаро хонед.
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ нақшҳоро хонанд. Ҳангоми хондан овози «ъ»-ро дуруст талаффуз кунанд:
– Номатон чист?
– Ман Ҷаъфар ном дорам.
– Номи падаратон?
– Падарам Неъмат ном дорад.
– Аз кадом ноҳия омадед?
– Аз ноҳияи Восеъ.
– Аз он ҷо чӣ овардед?
– Аз он ҷо шамъ овардам.
– Дар мактаб чӣ тавр мехонед?
– Бо баҳои аъло мехонам.
– Парандаи дӯстдоштаатон кадом аст?
– Парандаи дӯстдоштаам саъба аст.

**Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба мақсад ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Доир ба арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон нигаред ба дарсҳои 3-4-уми давраи Алифбо**

### Дарсҳои 129-130. Ҷамъбаст ва натиҷагирӣ аз давраи "Алифбо" -2 соат

**Барнома.** Хондан ва навиштани ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ: чопӣ ва дастнавис: Оо, Аа, Лл, Нн, Мм, Рр, Шш, Хх, Уу, Ӯӯ, Сс, Зз, Ии, Кк, Вв, Дд, Гг, Пп, Тт, Бб, Ее, Фф, Ғғ, Ққ, Чч, Ҷҷ, Ээ, ӣ, Ҳҳ, Йй, Ёё, Яя, Юю, Жж, ъ.
Дуруст талаффуз кардани овозҳои [о], [а], [л], [н], [м], [р], [ш], [х], [у], [ӯ], [с], [з], [и], [к], [в], [д], [г], [п],[т],[б], [й], [э], [ф], [ғ], [қ], [ч], [ҷ], [ҳ], [ж],

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- овозҳои ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро дуруст талаффуз кунанд;
- калимаҳои додашударо бурро хонда тавонанд;
- аз рӯйи намуна ҷумлаҳои бо хати чопиро дастнавис карда тавонанд;

**Равиши дарс**

1) Ин дарс ба арзёбии ҳарфу овозҳои омӯхта бахшида мешавад. Дар дарси мазкур хонандагон овозҳои ҳарфҳоро такрор мекунанд. Барои ин хонандагонро якнафарӣ назди худ даъват карда, ҳарфҳоро бонавбат нишон диҳед ва гӯед, ки овози ин ҳарфҳоро талаффуз кунад.

Хонанда мутаносибан овозҳои ҳарфҳоро бояд талаффуз кунад.

2) Аз ҳарфҳои омӯхта рӯйхати 15 калимаи шиноси дуҳиҷодорро интихоб карда, дар варақаи алоҳида бо ҳарфҳои чопӣ нависед (дар ин 15 калима бояд ҳамаи ҳарфҳои омӯхта бошанд).

Намуна:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Нома | Кова | Хурмо | Модар | Гул |
| Хирс | Падар | Дар | Сӯзан | Шамол |

Хонандагонро бонавбат назди худ хонда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки калимаҳоро хонанд.

3) «Озмуни хушнависӣ» гузаронед.

Як ҷумларо интихоб намуда, дар тахтаи синф бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дар варақи алоҳида дастнавис кунанд.

Меъёрҳои хушнависиро пеш аз навиштан муҳокима кунед:

- мавзунии хат;
- моилии хат;
- риояи навиштани унсурҳои ҳарф;
- қоидаҳои васлкунии ҳарф;
- риояи масофаи байни калимаҳо.

## III. ДАВРАИ БАЪДИ «АЛИФБО» (10 соат)

### Дарсҳои 1-2. Матни «Фирӯз» -2 соат

**Барнома.** Дарси омӯзиши маводди нав. Хониши намунавии омӯзгор ва гӯш кардани он. Машқи бурро хондани калимаҳои матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи ҷумлаҳои хонда. Алоқаманд намдуни мазмуни дарс бо ҳаёт. Суҳбат аз рӯйи расм. Мувофиқати мазмуни расм бо матн. Муайян кардани симоҳои матн. Машқи аз рӯйи нақшҳо гуфтани ҷумлаҳо. Риояи пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаҳо аз рӯйи намуна. Муайян кардани миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумла. Машқи ҷумласозӣ аз рӯйи намуна. Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани ҷумлаи чопӣ. Муқоисаи навиштаҳои худ бо китоб. Муқоисаи «Дд»- чопӣ ва дастнавис.

**Салоҳиятҳо:**

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- доир ба мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд;
- ҷумларо таҳлил карда, миқдор ва тартиби калимаҳоро гуфта тавонанд;
- ҷумлаи чопиро дастнавис карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, дафтари машқи хат

**Равиши дарс.**

1) Машқи хондани матни “Фирӯз”.

а) Матнро ифоданок хонед.

б)Тарзи бурро талаффуз кардани калимаҳои «Модараш», «хурсандӣ», «ҳарфҳоро», «менависам», «гирифт»-ро машқ кунед. (Омӯзгор талаффуз мекунад, хонандагон такрор мекунанд).

в) Бо усули «Хониши занҷирвор» ҳамаи хонандагонро хононед.

г) Як-ду ҷумларо хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

Намуна:

– Фирӯз ба куҷо омад?

– Фирӯз ба хона омад.

ғ) Хонандагони алоҳида якҷумлагӣ мехонанд, шумо доир ба мазмуни ҷумлаи хондаи онҳо монанди намунаи боло саволу ҷавоб кунед. Намуна:

– Фирӯз ба куҷо омад?

– Фирӯз ба хона омад.

– Барои чӣ Фирӯз ба хона омад?

– Дарс тамом шуд.

– Модараш аз ӯ чӣ пурсид?

– Модараш пурсид, ки чаро ин қадар хурсанд аст.

– Фирӯз чӣ ҷавоб дод?

– Фирӯз гуфт, ки мо имрӯз ҳамаи ҳарфҳоро тамом кардем.

– Фирӯз акнун чӣ кор карда метавонад?

– Фирӯз акнун хонда ва навишта метавонад.

– Модар Фирӯзро чӣ кор кард?

– Модар Фирӯзро ба оғӯш гирифт.

– Модар боз чӣ кор кард?

– Фирӯзро бӯсид ва хурсанд шуд.

– Шумо ҳам омӯхтани ҳарфҳоро тамом кардед?

–Бале!

Шумо ҳам хондаю навишта метавонед?

– Модари Шумо ҳам хурсанд мешавад?

2) Нақшофарӣ (шифоҳӣ).

а) Аз матн ду ҷумла (саволу ҷавоб)-ро мувофиқи оҳанги пурсишу посух чанд бор такрор кунед.

– Фирӯзҷон, чаро ин қадар хурсандӣ?

– Модарҷон, мо имрӯз ҳамаи ҳарфҳоро тамом кардем.

б) Ду нафарро назди лавҳаи дарсхона даъват намуда, нақшҳоро тақсим кунед.

Онҳо бояд монанди шумо ба ҳамдигар нақшофарӣ карда, оҳанги мувофиқи пурсидану ҷавоб доданро машқ кунанд.

в) Ба хонандагон вазифа супоред, ки бо ҳамнишасти худ ин ду ҷумларо гӯянд.

3) Суҳбат аз рӯйи расм. Мазмуни расмро бо мазмуни матн алоқаманд намуда, аз рӯйи мазмуни расм саволу ҷавоб кунед .

Намуна:

Намунаи суҳбат:

– Шумо дар расм киҳоро мебинед?

– Мо дар расм модар ва писарашро мебинем.

– Биёед, писарро ном мегузорем.

– Писар Фирӯз ном дорад.

– Модарро чӣ ном мегузорем?

– Модар, бигзор Фирӯза бошад.

– Онҳо чӣ кор мекунанд?

– Онҳо суҳбат мекунанд.

– Дар бораи чӣ суҳбат мекунанд?

– Дар бораи китоби «Алифбо» суҳбат мекунанд.

– Фирӯз чӣ мегӯяд?

– Фирӯз мегӯяд, ки ана бинед, мо ҳарфҳоро тамом кардем……(давом диҳед).

4) Машқи рӯйнавис кардани ҷумла

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи намунаи китоб ҷумлаҳои «Дарс тамом шуд.» ва «Фирӯз ба хона омад.»-ро рӯйнавис кунанд.

б) Доир ба ҷумлаҳои навишта саволу ҷавоб кунед:

– Бачаҳо мо чанд ҷумла навиштем?

– Мо ду ҷумла навиштем.

– Ҷумлаи аввалро хонед.

– «Дарс тамом шуд.»

– Ҷумлаи дуюмро хонед.

– «Фирӯз ба хона омад.»

– Дар ҷумлаи якум чанд калима аст?

– Дар ҷумлаи якум се калима аст.

– Биёед, калимаҳои онро номбар мекунем ва мешуморем.

– Дарс-1, тамом-2, шуд-3.

– Дар ҷумлаи аввал калимаи якум кадом аст?

– Аввали ҷумла калимаи «Дарс» аст.

– Барои чӣ «Дарс» бо ҳарфи калон навишта шудааст?

– Барои он ки ҳарфи аввали ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад.

– Калимаи дуюм кадом аст?

– Калимаи сеюм чӣ?

– Дар охири ҷумла чӣ гузошта шудааст?

– Дар охири ҷумла нуқта гузошта шудааст.

Тавсия барои омӯзгор: Ҷумлаи дуюмро монанди намунаи боло таҳлил кунед.

5) Машқи ҷумласозӣ (кор бо ҷумлаи пароканда).

а) Дар варақ ё картон се калима нависед ва бо тартиби зайл овезон кунед:

| | | |
|---|---|---|
| аст. | зебо | Товус |

б) Ба бачаҳо гӯед, ки биёед, онҳоро мехонем: зебо аст. Товус

в) Гӯед, ки дар ин ҷумла калимаҳо гурехта ҷойи худро иваз кардаанд. Биёед, онҳоро ба ҷойи худ бармегардонем. Барои он ки мо калимаҳоро ба ҷойи худ баргардонем аввал дар бораи ҷумла суҳбат мекунем. Ҷумла бо кадом ҳарф оғоз меёбад?

– Ҷумла бо ҳарфи калон сар мешавад.

– Дар ин ҷо кадом калима бо ҳарфи калон омадааст?

–Калимаи «Товус»

– Пас аввали ҷумлаи мо кадом аст?

–Калимаи «Товус» ( калимаи «Товус»ро ба аввал овезон кунед):

| | | |
|---|---|---|
| Товус | аст. | зебо |

– Дар охири ҷумла чӣ гузошта мешавад?

– Дар охири ҷумла аломати нуқта гузошта мешавад.

– Охири ҷумла бояд кадом калима бошад?

– Охири ҷумла бояд калимаи «аст.» бошад.

– Барои чӣ?

– Барои он ки нуқта дар охири ҷумла гузошта мешавад.(калимаи «аст.»-ро ба охир баред ва гӯед, ки ҷумларо хонанд.)

| | | |
|---|---|---|
| Товус | зебо | аст. |

6) Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани ҷумлаи чопӣ

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд.

б) Дар тахтаи синф ҷумлаи «Модари  Фирӯз хурсанд шуд.»-ро бо ҳарфҳои чопӣ нависед.
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин ҷумларо дастнавис кунанд. (Тавсия: шумо метавонед пеш аз дастнавис кардан ҳарфҳои чопӣ ва дастнависи «Дд»-ро нишон диҳед.)
в) Хонандагон ҷумларо дастнавис мекунанд. Шумо ҷараёни онро мушоҳида намуда, дар мавридҳои зарурӣ ёрӣ расонед. Ғалатҳои умумиро дар тахтаи синф нишон дода, ислоҳ кунед.

**Арзёбӣ. Натиҷаҳои таълим ба воситаҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

1. Машқи хонишу равон, ки дар оғози дарс мегузарад.

Меъёрҳои зерин ба эътибор гирифта мешавад:

– дуруст хондани калимаҳо (напартофтани ҳарф, ҷойи ҳарфҳоро иваз накарда хондан, аз худ илова накардани ҳарф)
– яклухт хондани калимаҳои як-ду ҳиҷодор;
– ҳиҷоӣ хондани калимаҳои се-чорҳиҷодор;

**2. Саволу ҷавоб.**

Ҳангоми ҷавоб додан:

– ба савол мувофиқ будани ҷавоб;
– дар қолаби ҷумлаи дуруст баён кардан;
– мувофиқи меъёрҳои забони тоҷикӣ талаффуз  кардани калимаҳо.

**3. Машқи рӯйнавис**

Ҳангоми рӯйнавис:

– мавзунии хат:
– каме ба рост моил будан (зери кунҷи 65 дараҷа);
– дурустии тартиби навишти унсурҳои ҳарф;
– риояи қоидаҳои пайвастшавии ҳарфҳо;
– риояи масофаи байни калимаҳо;

– тоза (беислоҳ ва бе сиёҳ кардан);
– миқдори ғалатҳо.

**Таъкид ! Меъёрҳои номбаршуда барои ҳамаи дарсҳои давраи баъди алифбо тааллуқ доранд.**

### Дарси 3. «Ман «Алифбо» мехонам» -1 соат

**Барнома.** Хониши намунавии омӯзгор ва гӯш кардани он. Машкро равону бурро хондан. Машқи якҷоя хондан. Рӯйнавис кардани мисраъҳои шеър аз рӯйи намуна. Ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър.

**Салоҳиятҳо:**

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд;
– номи расмҳоро навишта, миқдори ҳарфу овоз ва садоноку ҳамсадоро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, дафтари машқи хат, расмҳои ба дарс мувофиқ

**Равиши дарс.**

1) Машқи хондани матн

а) Матнро ифоданок хонед, маънои «бурро хондан»-ро фаҳмонед ва нишон диҳед.

б)Тарзи бурро талаффуз кардани калимаҳои «бурро-бурро», «суратдор»-ро машқ кунед. (Омӯзгор талаффуз мекунад, хонандагон такрор мекунанд)

в) Хонандагон матнро равону бурро мехонанд.

г) Хонандагон якҷоя шеърро мехонанд.

2) Машқи рӯйнавис кардани мисраъҳои шеър:

а) Хонандагон ду мисраи шеърро рӯйнавис мекунанд. Намунаи мисраъҳои шеъриро нишон дода, бо ҳарфи калон навиштани аввали мисраъҳои шеъриро фаҳмонед. Тарзи гузоштани нохунакро нишон диҳед.

б) Ҷараёни рӯйнавис кардани хонандагонро мушоҳида намуда, дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Бо ҳарфи калон сар кардани аввали мисраъҳои шеърро таъкид кунед.

в) Доир ба ҷумлаи навишта саволу ҷавоб кунед:

– Бачаҳо, мо чанд ҷумла навиштем?

– Мо ду ҷумла навиштем.

– Ҷумлаи якумро хонед.

– «Ман «Алифбо» мехонам.»

– Дар  ин ҷумла чанд калима аст?

– Дар ин ҷумла се калима аст.

– Биёед, калимаҳои онро номбар мекунем ва мешуморем.

– Ман-1, Алифбо-2, мехонам-3.

– Калимаи якум кадом аст?

– Калимаи якум «Ман» аст. (Ҳамин тавр давом диҳед.)

3) Машқи муайян кардани ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо.

а) намунаи зерро омода карда ба ҳар миз гузоред.

б) Ба хонандагон вазифаро фаҳмонед: мисраъҳои шеърро хонда ба зери ҳарфҳои **о**, **а**, т ва б хат кашед.

в) Боварӣ ҳосил кунед, ки онҳо вазифаро фаҳмидаанд. Барои ин як-ду нафарро пурсед, ки бо ин варақаҳо чӣ кор мекунем. Онҳо бояд ҷавоб диҳанд, ки мо шеърро мехонем ва ба зери ҳарфҳои «о», «а» «т» ва «б» хат мекашем.

«Алифбо»-и суратдор,
Сураташ ҷудо бисёр.

**Арзёбӣ. Натиҷаҳои таълим ба воситаҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

1. Машқи хониши равону бурро
2. Машқи рӯйнавис

Доир ба меъёрҳои арзёбӣ нигаред ба **дарсҳои 1-2.**

## Дарси 4. «Китоби хоно» -1 соат

**Барнома.** Хониши намунавии омӯзгор ва гӯш кардани он. Машқи мувофиқи оҳанг равону бурро хондан. Машқи якҷоя хондан. Рӯйнавис кардани мисраъҳои шеър аз рӯйи намуна. Ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър.

**Салоҳиятҳо:**

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд;
- ҷумларо таҳлил карда, миқдор ва тартиби калимаҳоро гуфта тавонанд;
- ҳарфҳои садоноку ҳамсадоро дар ҷумла муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, дафтари машқи хат, расмҳои ба дарс мувофиқ

**Равиши дарс.**

1) Машқи хондани матни «Китоби хоно»

а) Матнро ифоданок хонед. Маънои «Китоби хоно»-ро фаҳмонед.

б) Хонандагон матнро равону бурро мехонанд.

г) Хонандагони якҷоя шеърро мехонанд.

2) Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни шеър

а) Шоир ин шеърро аз номи мактаббачаҳо навиштааст ва ду мисраи аввалро шарҳ диҳед.

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед шеърро як бор бо овози баланд хонанд. Пас аз хондан пурсед. ки мактаббачаҳо аз китоби «Алифбо» чиҳо омӯхтаанд.

– Бачаҳо аз китоб бисёр чиҳоро омӯхтаанд. Шумо чӣ омӯхтед?

Ҷавобҳои хонандагонро бодиққат гӯш кунед. Дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карданро диққат диҳед.

3) Машқи рӯйнавис кардани мисраъҳои шеър

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи намунаи китоб ду мисраи шеърро рӯйнавис кунанд. Намунаи мисраъҳои шеъриро нишон дода, бо ҳарфи калон навиштани аввали мисраъҳои шеъриро фаҳмонед. Тарзи гузоштани нохунакро нишон диҳед.

б) Ҷараёни рӯйнавис кардани хонандагонро мушоҳида намуда, дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Бо ҳарфи калон сар кардани аввали мисраъҳои шеърро таъкид кунед.

4) Кор аз рӯйи расмҳо

а) Аз рӯйи расмҳо суҳбат кунед.

б) Номи ашёи дар расм тасвирёфтаро нависанд ва миқдор в тартиби ҳарфҳоро муайян кунанд.

**Арзёбӣ. Натиҷаҳои таълим ба воситаҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

1) Машқи хониши равону бурро

2) Машқи рӯйнавис

Доир ба меъёрҳои арзёбӣ нигаред ба **дарсҳои 1-2.**

### Дарсҳои 5-6. «Афлесун ва себ»-2 соат

**Барнома.** Хониши намунавии омӯзгор. Риояи қоидаҳои одитарини гӯш кардан. Машқи бурро хондани калимаҳои матн. Хониши равону бурро. Саволу ҷавоб аз рӯйи ҷумлаҳои хонда. Алоқаманд намдуни мазмуни дарс бо ҳаёт. Муайян кардани симоҳои матн. Машқи аз рӯйи нақшҳо гуфтани ҷумлаҳо. Риояи пастиву баландӣ ва оҳанги овоз.

Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаҳо аз рӯйи намуна. Муайян кардани миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумла. Машқи ҷумласозӣ аз рӯйи намуна. Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани ҷумлаи чопӣ. Муқоисаи навиштаҳои худ бо китоб.

**Салоҳиятҳо:**

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунад.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– доир ба мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
– суханони симоҳои матнро мувофиқи оҳанг гуфта тавонанд;
– ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд;
– ҷумларо таҳлил карда, миқдор ва тартиби калимаҳоро гуфта тавонанд;
– ҷумлаи чопиро дастнавис карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, дафтари машқи хат, расмҳои ба дарс мувофиқ

**Равиши дарс.**

1) Машқи хондани матн

а) Матнро ифоданок хонед.

б)Тарзи бурро талаффуз кардани калимаҳои «афлесун», «гирифта», «нахӯрда», «мебинам», «метавонам», «яклухтӣ», «Парвин»-ро машқ кунед. (Омӯзгор талаффуз мекунад, хонандагон такрор мекунанд)

в) Бо усули «Хониши занҷирвор» ҳамаи хонандагонро хононед.

г) Хонандагони алоҳида як ҷумлагӣ мехонанд, шумо доир ба мазмуни ҷумлаи хондаи онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна:

– Модар дар табақча чӣ овард?

– Модар дар табақча себ ва афлесун овард..

– Парвин чиро гирифт?

– Парвин афлесунро гирифт.

– Вай ба Афлесун чӣ гуфт?

– Вай ба Афлесун гуфт, ки чаро мағзи ту тилим-тилим аст.

– Афлесун чӣ ҷавоб дод?

– Афлесун гуфт, ки барои он ки ту маро бо дигарон тақсим карда хӯрӣ.

– Парвин себро чӣ кор кард?

– Парвин себро пӯст кард.

– Вай аз себ чӣ пурсид?

– Вай аз себ пурсид, ки чаро ту яклухтӣ, ман метавонам туро яклухт бихӯрам.

– Себ чӣ ҷавоб дод?!

– Себ ҷавоб дод, ки не маро яклухт ба дигарон деҳ.

2) Мазмуни матнро як бор нақл карда, аз хонандагон пурсед, ки мушкилии Парвинро чӣ хел осон кардан мумкин аст. Ба он муваффақ шавед, ки хонандагон мушкилии Парвинро осон кунанд. Яъне гӯянд, ки вай бояд афлесунро бо дигарон тақсим карда хӯрад ва себро ба дигарон диҳад.

3) Расмҳоро овезон кунед ва гӯед, ки бодиққат тамошо кунанд ва гӯянд, ки чиро бо дигарон тақсим карда хӯрдан мумкин асту чиро метавонанд яклухт ба дигарон диҳанд. Пас аз номбар кардан пурсед, ки барои чӣ?

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Расми хурмо | аи ангур | Расми мандарин | Расми нок | Расми банан | олу |

4) Нақшофарӣ (шифоҳӣ).

а) Аз матн муколама (гуфтугӯйи духтарак ва афлесуну себ)-ро мувофиқи оҳанги пурсишу посух якчанд бор такрор кунед.

– Афлесун, чаро мағзи ту тилим-тилим аст?

– Барои он ки ту маро танҳо нею бо дигарон тақсим карда хӯрӣ.

– Эй себаки ширин, мебинам, ки яклухтӣ. Ман туро танҳо хӯрда метавонам?

– Не, барои он яклухтам, ки манро ба дигарон диҳӣ.

б) Се нафарро назди лавҳаи дарсхона даъват намуда, нақшҳоро тақсим кунед.

Онҳо бояд монанди шумо ба ҳамдигар нақшофарӣ карда, оҳанги мувофиқи пурсидану ҷавоб доданро машқ кунанд.

в) Ин фаъолиятро бо чанд сенафараи дигар гузаронед.

5) Машқи рӯйнавис кардани ҷумла

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи намунаи китоб ҷумлаи «Дар табақча себ ва афлесун буд.»-ро рӯйнавис кунанд.

б) Фаъолияти хонандагонро мушоҳида намуда, дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед.

в) Доир ба ҷумлаҳои навишта саволу ҷавоб кунед:

– Бачаҳо, мо чанд ҷумла навиштем?

– Мо як ҷумла навиштем.

– Онро хонед.

– «Дар табақча себ ва афлесун буд.»

– Дар ин ҷумла чанд калима аст?

– Дар ин ҷумла шаш калима аст.

– Биёед калимаҳои онро номбар мекунем ва мешуморем.

– Дар-1, табақча-2, себ-3, ва-4, афлесун-5, буд-6.

– Калимаи якум кадом аст?

– Калимаи якум «Дар» аст. (Ҳамин тавр давом диҳед.)

6) Машқи ҷумласозӣ (кор бо ҷумлаи пароканда).

а) Монанди дарсҳои қаблӣ дар варақ ё картон се калима нависед ва бо тартиби зайл овезон кунед:

| дод. | ҷавоб | Себ |
|---|---|---|

б) Ба бачаҳо гӯед, ки биёед, онҳоро мехонем: дод. ҷавоб Себ

в) Гӯед, ки дар ин ҷумла калимаҳо гурехта ҷойи худро иваз кардаанд. Биёед, онҳоро ба ҷойи худ бармегардонем. Барои он ки мо калимаҳоро ба ҷойи худ баргардонем аввал, дар бораи ҷумла суҳбат мекунем. Ҷумла бо кадом ҳарф оғоз меёбад?

– Ҷумла бо ҳарфи калон сар мешавад.

– Дар ин ҷо кадом калима бо ҳарфи калон омадааст?

–Калимаи «Себ»

– Пас аввали ҷумлаи мо кадом аст?

–Калимаи «Себ» ( калимаи «Себ»-ро ба аввал овезон кунед):

Себ | дод. | ҷавоб

– Дар охири ҷумла чӣ гузошта мешавад?

– Дар охири ҷумла аломати нуқта гузошта мешавад.

– Охири ҷумла бояд кадом калима бошад?

– Охири ҷумла бояд калимаи «дод.» бошад.

– Барои чӣ?

– Барои он ки нуқта дар охири ҷумла гузошта мешавад.(калимаи «дод.»-ро ба охир баред ва гӯед, ки ҷумларо хонанд.)

Себ | ҷавоб | дод.

7) Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани ҷумлаи чопӣ

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷумлаи охирони матнро дастнавис кунанд.

в) Хонандагон ҷумларо дастнавис мекунанд. Шумо фаъолияти онҳоро мушоҳида намуда, дар мавридҳои зарурӣ ёрӣ расонед. Ғалатҳои умумиро дар тахтаи синф нишон дода, ислоҳ кунед.

**Арзёбӣ. Натиҷаҳои таълим ба воситаҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

1. Машқи хонишу равон, ки дар оғози дарс мегузарад.
2. Саволу ҷавоб.
3. Нақшофарӣ
4. Машқи рӯйнавис

Доир ба меъёрҳои арзёбӣ нигаред ба **дарсҳои 1-2.**

### Дарсҳои 7-8. «Муаллим» -2 соат

**Барнома.** Хониши ифоданоки омӯзгор ва гӯш кардани он. Машқи равону бурро хондан. Машқи якҷоя хондан. Суҳбат аз рӯйи расм. Мувофиқати мазмуни расм бо матн. Ҳангоми суҳбат риоя кардани қоидаҳои забони тоҷикӣ. Дуруст баён кардани фикр. Рӯйнавис кардани мисраъҳои шеър аз рӯйи намуна. Ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър.

**Салоҳиятҳо:**

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро  аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни  ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд.

А.1.4.2.  Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро равону бурро хонда тавонанд;

– аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;

– ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунад;

– ҳиҷоҳои монанди калимаҳоро муайян карда тавонанд;

– мисраҳои чопиро дастнавис карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, дафтари машқи хат, расмҳои ба дарс мувофиқ

**Равиши дарс.**

1) Машқи хондани матни “Муаллим”

а) Матнро ифоданок хонед. Гӯед, ки шоир ин шеърро аз номи бачаҳо ба омӯзгори худ бахшидааст ва банд ба банд хонда маънидод кунед.

б) Хонандагон матнро равону бурро мехонанд.

г) Хонандагони якҷоя шеърро мехонанд.

2) Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни шеър

а) Хонандагон банд ба банд такроран мехонанд ва ба саволҳои омӯзгор ҷавоб медиҳанд.

Намунаи савод ба бандҳо:

– Бачаҳо муаллими худро чӣ хел ном мебаранд?

– Бачаҳо муаллими худро меҳрубон мегӯянд.

– Бачаҳо аз муаллим чиро омӯхтаанд?

– Бачаҳо аз муаллими худ лафзи ширину равонро омӯхтаанд.

– Бачаҳо аз муаллими худ боз чиҳоро омӯхтаанд?

– Бачаҳо аз муаллими худ ба саволҳо ҷавоб додан, ҳисоб кардан, хонданро омӯхтаанд.

– Бачаҳо аз муаллим боз чиҳоро омӯхтаанд?

– Бачаҳо муҳофизат кардани Ватанро омӯхтаанд.

– Бачаҳо аз муаллимашон бисёр чиҳоро омӯхтаанд. Шумо чӣ омӯхтед?

Ҷавобҳои хонандагонро бодиққат гӯш кунед.

Ба он диққат диҳед, ки фикрҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонанд.

3) Монанди дарсҳои қаблӣ мазмуни расмро ба мазмуни матн алоқаманд намуда, аз рӯйи он саволу ҷавоб ташкил намоед.

4) Машқи рӯйнавис кардани мисраъҳои шеър

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи намунаи китоб ду мисраи шеърро рӯйнавис кунанд. Намунаи мисраъҳои шеъриро нишон дода, бо ҳарфи калон навиштани аввали мисраъҳои шеъриро фаҳмонед. Тарзи гузоштани нохунакро нишон диҳед.

б) Ҷараёни рӯйнавис кардани хонандагонро мушоҳида намуда, дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Бо ҳарфи калон сар кардани аввали мисраъҳои шеърро таъкид кунед.

5) Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани мисраъҳои шеър

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мисраъҳои сеюму чоруми шеърро дастнавис кунанд.

в) Шумо ҷараёни онро мушохида намуда, ба нуктаҳои зерин диққат диҳед:

–ҳарфи калон дар аввали мисраъҳои шеър;

–дар як сатр навиштани як мисраи шеър

Ба хонандагон ёрӣ расонед. Ғалатҳои умумиро дар тахтаи синф нишон дода, ислоҳ кунед.

**Арзёбӣ. Натиҷаҳои таълим ба воситаҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

1. Машқи хониши равону бурро
2. Машқи рӯйнавис
3. Ёфтани калимаҳои монанд
4. Саволу ҷавоб аз рӯйи расм

Доир ба меъёрҳои арзёбӣ нигаред ба **дарсҳои 1-2.**

**Дарсҳои 9-10. «Мӯри боҳиммат»-2 соат**

**Барнома.** Хониши намунавии омӯзгор. Гӯш кардани тарзи хониши омӯзгор. Машқи бурро хондани калимаҳои матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи ҷумлаҳои хонда. Алоқаманд намудани мазмуни дарс бо ҳаёт. Суҳбат аз рӯйи расм. Мувофиқати мазмуни расм бо матн. Муайян кардани симоҳои матн. Машқи аз рӯйи нақшҳо гуфтани ҷумлаҳо. Риояи пастиву баландӣ ва оҳанги овоз. Машқи рӯйнавис кардани ҷумлаҳо аз рӯйи намуна. Муайян кардани миқдор ва тартиби калимаҳои ҷумла. Машқи ҷумласозӣ аз рӯйи расм. Машқи ёфтани калимаҳои ҳамқофия. Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани ҷумлаи чопӣ. Муқоисаи навиштаҳои худ бо китоб.

**Салоҳиятҳо:**

А.1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд.

А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад.

А. 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- доир ба мазмуни ҷумла ба саволҳо ҷавоб дода тавонанд;
- ҷумлаҳоро аз рӯйи намуна рӯйнавис кунанд;
- ҷумларо таҳлил карда, миқдор ва тартиби калимаҳоро гуфта тавонанд;
- ҷумлаи чопиро дастнавис карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоб, дафтари машқи хат, расмҳои ба дарс мувофиқ

**Равиши дарс.**

1) Машқи хондани матни “Мӯри боҳиммат”

а) Дар тахтаи синф сарлавҳаи матнро нависед ва онро шарҳ диҳед: Мӯри боҳиммат-мӯрчаи боғайрат, мӯрчаи кӯшишкунанда. Ба хонандагон гӯед, ки мо имрӯз як ҳикояро дар бораи мӯрчаи боғайрат мехонем.

б) Матнро ифоданок хонед.

в) Мазмуни матнро нақл кунед.

г)Тарзи бурро талаффуз кардани калимаҳои «Модараш», «хурсандӣ», «ҳарфҳоро», «менависам», «гирифт»-ро машқ кунед. (Омӯзгор талаффуз мекунад, хонандагон такрор мекунанд)

ғ) Бо усули «Хониши занҷирвор» ҳамаи хонандагонро хононед.

д) Матнро хонед ва тарзи саволу ҷавоб карданро нишон диҳед:

Намуна:

– Мӯрча чиро кашонда мебурд?

– Мӯрча малахеро кашида мебурд.

– Малах чанд баробар аз мӯрча калон буд?

– Малах аз мӯрча ҳафт баробар калон буд (ҳафт маротибаро фаҳмонед).

– Одамон чӣ гуфтанд?

– Одамон гуфтанд, ки ин мӯрчаро бинед, ки бо ин хурдӣ бори калонеро мебарад.

– Мӯрча чӣ ҷавоб дод?

– Мӯрча гуфт, ки бори калонро кӯшишу ғайрат мекашад на қуввати тан.

2) Нақшофарӣ (шифоҳӣ).

а) Аз матн ду ҷумла (саволу ҷавоб)-ро мувофиқи оҳанги пурсишу посух чанд бор такрор кунед.

б) Ду нафарро назди лавҳаи дарсхона даъват намуда, нақшҳоро тақсим кунед.

Онҳо бояд монанди шумо ба ҳамдигар нақшофарӣ карда, оҳанги мувофиқи пурсидану ҷавоб доданро машқ кунанд.

в) Ба хонандагон вазифа супоред, ки бо ҳамнишасти худ ин ду ҷумларо гӯянд.

3) Суҳбат аз рӯйи расм. Мазмуни расмро бо мазмуни матн алоқаманд намуда, аз рӯйи мазмуни расм саволу ҷавоб кунед.

Намуна:

Намунаи суҳбат:

– Шумо дар расм киҳоро мебинед?

– Мо дар расм ду писарро мебинем.
– Биёед, писаронро ном мегузорем.
– Номи яктоаш Анис, номи дигараш Мунис.
– Онҳо чӣ кор карда истодаанд?
– Онҳо бо ҳам суҳбат карда истодаанд.
– Анису Мунис дар бораи чӣ суҳбат мекунанд?
– Анису Мунис дар бораи кори мӯрча суҳбат мекунанд.
– Мӯрча чӣ кор мекунад?
– Мӯрча дона мекашад. ……(давом диҳед).

4) Машқи рӯйнавис кардани ҷумла

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи намунаи китоб ҷумлаҳои «Мӯре малахеро кашида мебурд.» ва «Мӯр бихандид.»-ро рӯйнавис кунанд.

б) Фаъолияти хонандагонро мушоҳида намуда, дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед.

в) Доир ба ҷумлаҳои навишта саволу ҷавоб кунед:
– Бачаҳо мо чанд ҷумла навиштем?
– Мо ду ҷумла навиштем.
– Ҷумлаи аввалро хонед.
– «Мӯре малахеро кашида мебурд.»
– Ҷумлаи дуюмро хонед.
– «Мӯр бихандид.»
– Дар ҷумлаи якум чанд калима аст?
– Дар ҷумлаи якум чор калима аст.
– Биёед, калимаҳои онро номбар мекунем ва мешуморем.
– Мӯре-1, малахеро-2, кашида-3, мебурд-4.
– Дар ҷумлаи аввал калимаи якум кадом аст?
– Аввали ҷумла калимаи «Мӯре» аст.
– Барои чӣ «Мӯре» бо ҳарфи калон навишта шудааст?
– Барои он ки ҳарфи аввали ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад.
– Калимаи дуюм кадом аст? (давом диҳед).

Тавсия барои омӯзгор: Ҷумлаи дуюмро монанди намунаи боло таҳлил кунед.

5) Машқи ҷумлсозӣ (кор бо ҷумлаи пароканда).

а) Дар варақ ё картонҳо калимаҳои ҷумлаи болоро нависед ва бо тартиби зайл овезон кунед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| малахеро | мебурд. | Мӯре | кашида |

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шифоҳӣ калимаҳоро ҷобаҷо карда ҷумларо хонанд.

7) Машқи бо ҳарфҳои дастнавис навиштани ҷумлаи чопӣ

а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд.

б) Дар тахтаи синф ҷумлаи «Мӯр бихандид.»-ро бо ҳарфҳои чопӣ нависед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин ҷумларо дастнавис кунанд.

в) Хонандагон ҷумларо дастнавис мекунанд. Шумо ҷараёни навиштанро мушоҳида намуда, дар мавридҳои зарурӣ ёрӣ расонед. Ғалатҳои умумиро дар тахтаи синф нишон дода, ислоҳ кунед.

**Арзёбӣ. Натиҷаҳои таълим ба воситаҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

1. Машқи хониши равон, ки дар оғози дарс мегузарад.

**2. Саволу ҷавоб**

**3. Машқи рӯйнавис**

Доир ба меъёрҳои арзёбӣ нигаред ба **дарсҳои 1-2**-юми давраи баъди алифбо

## Замима

Аксҳо аз сарчашмаҳои зерин нусхабардорӣ шудаанд:

chered-ae-baby.ru

www.igraypodrastay.ru





















www.igraypodrastay.ru







## Адабиёт


1. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ – Душанбе, 2016.
2. Барнома аз фанни забони модарӣ барои синфҳои 1 – 4. – Душанбе, 2016.
3. Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010.
4. Атахонов Т., Муллоев А. Фарҳанги истилоҳоти маориф. – Душанбе. 2011.
5. Байзоев А., Аҳмадбекова А. ва дигарон «Забони модарӣ» Китоби дарсӣ барои синфи якум.– Душанбе, 2012.
6. Барномаи таълими забони тоҷикӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2007.
7. Барномаи таълими забони тоҷикӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ.– Душанбе, 2012.
8. Зиёев М. Н., Мирзоматов Н., Бадалова М., Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими «Забони модарӣ» ва «Математика». –Душанбе, 2008.
9. Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С. ва дигарон. Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
10. Давлатова Р. Ғунча. Васоити таълимӣ барои синфҳои тайёрӣ. –Душанбе,1985.
11. Давлатова Р. Довудов Р. Муғча. Барои синфи якуми шашсолаҳо.-Душанбе, 1987
12. Деҳотӣ А. Эшонҷонов А. Китоби хониш. барои синфи якум.-Душанбе, 1988
13. Лутфуллоев М.  Абдуллоев И. Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модарӣ. -Душанбе, 2008.
14. Лутфуллоев М.  Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. -Душанбе, 1986.
15. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. -Душанбе, 2007.
16. Лутфуллоев М. Дарс. -Душанбе, 1995.
17. Лутфуллоев М. « Забони модарӣ» Китоби дарсӣ барои синфи якум.– Душанбе, 2012.
18. Лутфуллоев М., Ҳамидова .... ва дигарон. Таълим дар синфи 1.Душанбе, 1992.
19. Лутфуллоев М., Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев «Алифбо» Китоби дарсӣ барои синфи якум.– Душанбе, 2013.
20. Муҳаммадуллои  Лутф. Ҷойгоҳи унсурҳои нутқ дар «Алифбо». –Душанбе, 2015
21. Ниёзов Ф., Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. –Душанбе, 2012.
22. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М.: Советская энциклопедия, 1969. -Ҷ. 1 ва 2.
23. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. –Ҷ. 1 ва 2.
24. Шарипов Эргаш. Алифбои шавқовар (дар бозӣ меомӯзем). – Хуҷанд, 2007.

Адабиёт ба забони русӣ


1. Горецкий В. Г. и др. Обучение в 1 классе.-Москва, 1988
2. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики. –М., 2005.
3. Кошмина И. В. Межпредметные связи в начальной школе. –М., 2003.
4. Кукушин В. С., Болдырева А.В.– Вараксина. Педагогика начального образования. –М. - Ростов–на–Дону, 2005.
5. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок. –М.: Учитель, 2005.
6. Кустарева В.А. Методика грамматики и орфографии в начальных классах.-Москва, 1979
7. Панов М. В. Занимательная орфография. Москва,1984

# РОҲНАМОИ ОМӮЗГОР
# АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ
## (МАРҲАЛАИ ТАЪЛИМИ САВОД ВА ИНКИШОФИ НУТҚ)

барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


Муҳаррир М. Меликова
Мусаҳҳеҳ М. Саидова
Муҳаррири техникӣ Қ. Саъдуллоев
Тарроҳ Қ. Назаров

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд.
Ба чоп 11.08.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 25.5.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 98/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ЧДММ «Торус» чоп шудааст.